Дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳамсарони айбдоршавандагон пурсиш гардиданд. Яке аз занҳои якум изҳор кард, ки аз давраи зани дигар гирифтанаш, шавҳараш тамоман одами дигар шудааст, ба тарбияи фарзандон аҳамияти дуруст намедиҳад, ҳар як маблағе, ки барои хона талаб карда мешавад, бо ҷанҷолу миннат медиҳад. Бо фарзандон дағалона муносибат мекунад. Хониши фарзандон низ вақтҳои охир суст шудааст. Алалхусус, вақте ки дузанагии падарашон ошкор шуда, падарашон аксари вақти худро бо ҳамсари дуюмаш мегузаронад, писарон гапногир шудаанд. Писари калонӣ, ки бо падар якҷоя машқи ҷисмонӣ мекард, ҳоло тамоман машқро партофтааст ва як маротиба модараш ҳатто аз ҷайби ӯ қуттии сигор пайдо намудааст. Духтарон, баръакс зудранҷ шуда, ҳассос ва асабӣ гардидаанд. Падарашон пештар фарзандонро рӯзҳои ид ба кӯчаву гулгаштҳо ба тамошо мебурд, ҳоло бошад серкориашро баҳона карда, бо онҳо ба ҷое намебарояд. Вазъи моддиашон низ рӯ ба футур овардааст. Меҳру муҳаббати шавҳараш нисбати ӯ ва фарзандонаш кам шудааст. Табиатан низ падари фарзандонаш дамдузд, ҷиддӣ ва камгап шудааст, баъзе хислатҳое пайдо кардааст, ки пештар надошт. Масалан, рӯзи таваллуди фарзандонашро гоҳе фаромӯш мекунад.

Зани дуюм низ аз шавҳар норозигӣ баён кард. Ба андешаи вай, моҳҳо ва солҳои аввали оиладориашон шавҳараш ӯро бо фарзандаш аз ҷиҳати моддӣ хуб таъмин мекард, ҳоло бошад, шояд ба оилаи якумаш мебарад, ки ба хона кам маҳсулоти озуқа меорад. Ҷанҷоли ӯ бо зани якум низ бенатиҷа анҷом ёфтааст. Вактҳои охир шавҳараш камгап шудааст, чӣ сирре дорад, ки гуфтан намехоҳад, шояд куҷое зани сеюм гирифта бошад!?

Ин ду нуқтаи назари занҳои як мард фикру ақидаҳои аксари занони мардони дузанаро ифода мекунад.

Омӯзиши амалияи тафтишотӣ[35] нишон дод, ки барои содир намудани ҷинояти дузанагӣ ва серзанӣ чунин омилҳо мусоидат кардаанд:

- **аввалан, дар як давра ба мӯд даромадани чунин аъмол**. Яъне, баробари ду хона ва ду мошин доштан, доштани ду зан чун нишонаи сарватмандии шахс маҳсуб меёфт. Хушбахтона, ин омил аз байн рафтааст ва ҳоло дузанагӣ чун мояи ифтихор арзёбӣ намегардад.

- **сонияи, бе мавҷудияти муҳаббат оиладор шудани шахс.** Яъне, мард дар асоси интихоби волидон оиладор мешавад, вале минбаъд муҳаббати ҳақиқиашро вомехӯрад, вале ба хотири наранҷонидани волидон, ё аллакай соҳиби якчанд фарзанд буданашон, аз ҳамсараш ҷудо шудан намехоҳад. Он гоҳ, чун роҳи ҳалли масъала дузанагӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, бояд Кумитаҳои кор бо занон ва ҷавонон дар ин самт корро пурзӯр кунанд, то ҷавонон дар интихоби ҳамсар озод бошанд.

- **солисан,** номувофиқатии хулқу атвор ва рағбати ҷинсии байни ҳамсарон низ дар як қатор мавридҳо чун омили бисёрникоҳӣ баромад кардаанд. Мард, ба ҷои он ки бо кӯшиши худ ва кӯмаки духтурону равоншиносон мушкилии психологӣ ва ҷисмонии пайдошударо рафъ намояд, роҳи ҳалли мушкилиро дар бунёди оилаи дуюм дармеёбад. Баҳри бартараф кардани ин мушкилӣ, баланд бардоштани маърифати психологӣ ва ҷинсии занҳо ва мардҳо нақши муҳим мебозад.

---

[35] Маводи прокуратураи ш.Душанбе марбут ба таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи тафтишотӣ-судии ҷиноятҳои оид ба дузанагӣ ва серзанагӣ дар солҳои 2003-2007

**- аз рӯи ҳавову ҳавас оиладор шудани шахс**. Ё, ба таъбири Хоча Ҳофиз: «Хушо, диле, ки мудом аз паи ҳавас наравад». Масалан, кабобпази каҳвахонаи «Ҳаловат» Саидов С. ҳарчанд ки соҳиби ҳамсар ва фарзандон мебошад, аз рӯи ҳавову ҳавас амал карда, боз дар давраи кориаш аввал бо як пешхизмат ва пас бо пешхизмати дигари каҳвахона оиладор шуда, ҳоло аз ҳамсарони баъдинааш соҳиби 1-тогӣ фарзанд мебошад. Бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни мардон, аз ҷумла аз тарафи намояндагони дин, бо мақсади фаҳмонидани масъулияти онҳо дар назди ҳамсарон ва аҳли ҷамъият ба нафъи кор хоҳад буд.

- сабаби дигар, **сабаби физиологӣ** мебошад. Дурӣ аз ҳамсар, алалхусус вақте ки шавҳар имконияти кӯчонида овардани ҳамсару фарзандонашро надорад, инчунин бемории зан, ки ҳаёти ҷинсиро номумкин ё мураккаб мегардонад, барои бадахлоқӣ ё дузанагии мард шароит муҳайё карда метавонад.

**- сабаби дигари дузанагӣ ва серзании мардон - фарзанд наёфтани онҳо аз никоҳи аввал, ё соҳиби писар нашудани онҳо мебошад.** Чунин мисолҳо дар амалия зиёд вомехӯранд.

Вале, гумон мекунам, ҳамаи ин сабабҳо дар якҷоягӣ наметавонанд дузанагӣ ва серзаниро сафед кунанд. Вақте ки муҳаббати ҳамсару фарзандон табартақсим мешавад, ҳамаи сабабҳои зикршуда дуюминдараҷа мегарданд.

Омӯзиши амалияи тафтишотии ҷиноятҳои дузанагӣ ва серзанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор хусусиятҳои хоси онро муайян намуд:

**Сабаби оғози парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дузанагӣ ва серзанагӣ дар аксари мавридҳо муроҷиати яке аз ҳамсарони мард ба шумор меравад.** Таҳлили амалияи тафтишотӣ нишон дод, ки на ҳамеша занҳо оид ба дузанагӣ ва серзанагии мард шикоят карда, талаб менамоянд, ки ӯ барои ин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Дар як қатор мавридҳо занҳо танҳо оид ба латукӯби шавҳарон, ё нарасонидани ёрии моддӣ шикоят мекунанд ва дар омади гап, дар хусуси дузанагӣ ва ё серзанагии шавҳарашон сухан меронанд.

**Дар як қатор мавридҳо мард барои дигар ҷиноятҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва дар рафти он маълум мешавад, ки айбдоршаванда боз дузана ё серзана мебошад.** Масалан, Грезов Соҳибназар барои куштори нозири мин-

тақавии маҳаллашон Шоназаров Д. ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд ва дар рафти тафтишот маълум гашт, ки ин шахс, ки худ собиқ корманди мақомоти корҳои дохилӣ мебошад, дар як вақт бо 4 зан ҳамзистӣ ва хоҷагии умумӣ дошта, бо ҳамаи онҳо бо риояи қавоиди исломӣ никоҳ бастааст. Вай бо ин занҳо қариб 5 сол зиндагӣ дошт ва ду нафарашон дар ҳамон маҳалла зиндагӣ мекарданд, вале на ягон нафари занҳо, на аҳли маҳалла ва на худи нозири минтақавии кушташуда дар ин бора чораҷӯӣ накарда буданд.

Набиев Б.К. бошад барои қаллобӣ ба миқдори махсусан калон, Саймӯминов Д. барои расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, Ҷалилов М.Ҷ. барои вайрон кардани дахлнопазирии манзили шахси дигар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд ва танҳо дар рафти тафтиши ин ҷиноятҳо, ҷинояти дузанагии онҳо ошкор гардида, ин нафарон бо м.170 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

**Баъзан ҷинояти дузанагӣ боиси содир шудани дигар ҷиноятҳо низ мешавад**. Масалан, шаҳрванд Ашӯрмамадов А. аввал соли 1996 ба Шарипова Н. ва соли 2005 бо зани дигар Камолова М. оиладор шуда, бо ду зан ҳамзистӣ карда, хоҷагии умумӣ мебарад. Аз соли 2005 то соли 2006 дар заминаи рашки Камолова М., байни ӯ ва шавҳараш ҷанҷолҳо рух медоданд, ки дар натиҷа Ашӯрмамадов А. ҳамсарашро мунтазам латукӯб менамуд ва ҳамсараш ҳар бор рафта, хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ марбут ба ҷароҳатҳои бардоштааш мегирифт. Дар ниҳояти кор, пас аз латукӯби навбатӣ Камолова М. ба мақомоти дахлдор муроҷиат намуд ва Ашӯрмамадов А. барои дузанагӣ ва азобу уқубат додани ҳамсараш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд.

Амалия ҳолатеро медонад, ки дузанагии падар боиси содир шудани ҷиноятӣ фарзандон шудааст. Чунончӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Тоҷиддини Ҳазратқул, бо ҳамсар ва фарзандонаш аз Афғонистон ба Тоҷикистон омада, ба соҳибкорӣ машғул шудааст. Дере нагузашта, ӯ духтари тоҷик Мавлонназарова Гулинаргисро, ки аз вай 20 сол хурдтар буд, ба никоҳи худ даровардааст. Писари Ҳазратқули Тоҷиддин аз ҳамсари афғонаш бо ному насаби Камолиддин Тоҷиддин ин рафтори падарро таҳаммул накарда, ба хонаи Мавлонназарова Г. ҳозир шуда, аз ҳиссиёти рашк ва қасос, ба қисмҳои гуногуни бадани ӯ 12

зарбаи корд зад. Танҳо, бо кӯмаки духтурон номбурда аз марг наҷот дода шудааст. Бо ҳукми суди ноҳияи Фирдавсӣ аз 26-уми октябри соли 2005 Камолиддин Тоҷиддин ба мӯҳлати 15 солу 6 моҳ маҳрум аз озодӣ, бо адои ҷазо дар колонияиислоҳии низомаш сахт маҳкум гардидааст.

**Хусусияти дигари оғоз ва тафтиши ин ҷиноятҳо он аст, ки онҳо хусусияти баланди латентӣ доранд ва аксаран, ҳангоми пайдо шудани ҷанҷоли оилавӣ, ё худ тезутунд шудани муносибатҳои байни ҳамсарон ошкор мегардад.** Барои пинҳон мондани ин ҷиноятҳо сатҳи пасти фаъолнокии шаҳрвандии аҳолӣ низ мусоидат кардааст. Масалан, Салимов Ф. аз соли 2002-юм инҷониб бо ду ҳамсар ҳамзистии умумӣ ва хоҷагии якҷоя бурда, соҳиби 3 фарзанд шудааст. Аҳли маҳалла дар бораи дузанагии ӯ медонистанд, вале касе ба мақомоти дахлдор хабар надодааст. Танҳо, соли 2006, вақте Салимов Ф. қарор медиҳад, ки бо Бобоева М. никоҳашро қатъ кунад, Бобоева М. фавран ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи дузанагии шавҳараш арз мекунад.

Ғуломова Сайёра низ чун зани дуюми Муродов Ҷамшед 4 сол зиндагӣ карда, соҳиби як фарзанд шудааст. Пас аз 4 сол, вақте ки ҳамсари якуми Муродов Ҷ. Маҳмадқулова З. аз ин ҳодиса бохабар шуда, ҷанҷол мекунад, Муродов Ҷ. зани дуюмашро талоқ медиҳад. Ғуломова С., чун воситаи интиқом, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат мекунад, то шавҳарашро барои дузанагӣ ба ҷавобгарӣ кашанд.

Чунин ҳолатҳо ягона нестанд. Маҳз, ба ҷанҷоли оилавӣ асос ёфтани муроҷиат боз бо он тасдиқ мешавад, ки баъзан дар асоси муроҷиати занҳо парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дузанагӣ ва серзанагӣ оғоз мешавад, вале чун ин вазъияти ҷанҷолӣ бартараф мешавад, занҳо бо аризаи мутақобила оид ба шикоят надоштанашон нисбати шавҳарашон, ё гузашта аз ин оид ба дузана набудани шавҳарашон муроҷиат мекунанд.

**Масъалаи дигар, ки марбут ба таҷрибаи тафтишотӣ-судии ҷиноятҳои дузанагӣ ва серзанагӣ дар ин ҷо бояд қайд намуд, он аст, ки баъзан пас аз кашидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маҳкум намудани мард, ӯ боз зиндагии худро бо ҳарду ҳамсараш идома медиҳад, вале дар амалия такроран** ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои давраи нави ҳамзистиаш ва бурдани хоҷагии умумиаш бо ин занҳо ҷой надорад ва аз рӯи адолат ҳам намешуд. Кодекси ҷиноятӣ барои такроран содир намудани ҷинояти дузанагӣ аломати банду-

басткунанда муқаррар нанамудааст. Айнан, чунин ҳолат дар мавриди никоҳ бастани шахс бо шахси ба синни никоҳӣ нарасида мебошад. Масалан, мард бо зани то 16-сола никоҳ баста, ҳатто соҳиби фарзанд шудааст. Чун мардро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашанд ва ӯ пас аз адои ҷазо ба оила бармегардад, ҳамсараш ҳанӯз ҳам ба синни 16-солагӣ нарасидааст. Пас, оё метавон ҳамзистии онҳоро манъ кард, ё ба идома ёфтани алоқаи ҷинсӣ бо шахси ба синни 16-солагӣ нарасида, ки таркиби ҷинояти дар м.141 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо ташкил медиҳад, чашм пӯшид. Сари ин масъала низ андеша мебояд.

**Проблемаи дигар бо маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобаста аст.** Дар амалияи тафтишотӣ як қатор ҳолатҳо ошкор шуданд, ки худи занҳо барои зани дуюм гирифтани шавҳарашон розигӣ додаанд. Пурсиши аксарияти ин занҳо маълум кард, ки онҳо дар бораи ҷиноят будани дузанагӣ тасаввурот ҳам надоштанд. Яъне, маҳз чунин муносибати занҳо барои содир гардидани ҷиноят шароит муҳайё намудааст. Ҳамин гуна розигии хомӯшона аз тарафи аҳли ҷамъият низ дода мешавад, вақте ки ба зани дуюм гирифтани узви ҷамъият бефарқ муносибат мекунанд, ё намояндагони дин, дидаю дониста, ки мард ҳамсари якум дорад, никоҳи ӯро бо ҳамсари дуюм мебанданд.

**Имрӯзҳо сару садоҳо баланд мешавад**, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дузанагӣ ва серзанӣ аз Кодекси ҷиноятии ҷумҳурӣ бардошта шавад.

Тарафдорони ақидаи қонунӣ гардонидани дузанагӣ ва серзанӣ онро бо ҷанги шаҳрвандии ҷумҳурӣ, кам шудани сафи мардон, афзудани муҳоҷирати меҳнатӣ мансуб медонистанд.

Аввалан, аз он ҷанги мудҳиш 17 сол гузашт ва бо таввлиди насли нав фарқияти демографӣ ба ифоқа омадааст. Масалан, мувофиқи маълумотҳои расмии тасдиқшудаи Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1-уми январи соли 2008 дар ҷумҳурӣ 7 млн. 215 ҳазору 700 нафар шахс ба қайд гирифта шуд, ки аз инҳо 3 млн. 619 ҳазору 600 нафараш, ё 50,2 %-ашро мардҳо ва 3 млн. 596 ҳазору 100 нафараш, ё 49,8 %-ашро занҳо ташкил медиҳанд. Яъне, шумораи занҳо на бештар, балки ҳатто аз мардҳо камтар мебошад.

Сониян, чун қоида, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти бозгаштиро дорост. Яъне,

шаҳрванди ҷумҳурӣ, пас аз пайдо намудани маблағи муайян ба Ватан бармегардад. Дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани ҷавони муҷаррад, барои гузаронидани тӯй, харидани хона, пешбурди оила маблағ ҷамъ кардани ҷавон маънии онро надорад, ки дар Ватанаш нафари дигари соҳиби шароити беҳтари моддӣ арӯсшавандаи ӯро, ба сифати зани дуюму сеюм ба никоҳи худ дарорад. Ҳама гуна кӯшишҳо барои қонунӣ гардонидани зани дуюм ва сеюм, барои нишон додани бартарияти моддии табақаи алоҳидаи аҳолӣ асос медиҳад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[36], ки бо ташаббуси Президенти мамлакат қабул гардид, барои камхарҷ кардани тӯйҳо ва бартараф намудани монеаҳои сунъии моддии оиладоршавии ҷавонон равона шудааст. Чун ин Қонун татбиқи амалии худро пайдо кунад, сафи ҷавонон, ки барои кор кардани маблағи маҳру қалинҳои дандоншикан ба муҳоҷирати меҳнатӣ мерафтанд, камтар мешавад ва мувофиқан занҳо ҷуфти муносиби худро пайдо мекунанд.

Проблемаи дигар, ки дар таҳлили амалияи тафтишотӣ ошкор шуд, он мебошад, ки ҷавонон пас аз хатми мактаби миёна ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд ва 3-4 ва баъзан 7-8 сол баъд бо пасандози муайян бармегарданд, вале акнун на ҳамсоли худ, балки духтарони ҷавонтарро ба занӣ мегиранд ва мувофиқан духтарони ҳамсоли онҳо оиладор нашуда мемонанд. Баъзеҳо таклиф мекунанд, ки агар дузанагӣ қонунӣ бошад, ин занҳо низ метавонанд ҳамсари мувофиқи худро пайдо кунанд. Аммо, дар асл ин тавр нест. Равоншиносон исбот намудаанд, ки танҳо фарқияти 2-3 соли байни марду зан барои мувофиқатии психологӣ мусоидат мекунад, лекин фарқи аз ин зиёд боиси нофаҳмиҳо дар оила ва тезутунд шудани муносибатҳо мегардад. Аз ин лиҳоз, бояд бо тарбияи дурусти ҷавонон, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ, ки яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ин масъаларо метавон ҳал кард. Аз ҷумла, камхарҷ шудани ҷашну маросимҳо ва паст гардидани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, бо ҷои корӣ таъмин будани онҳо

[36] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 08.06.2007 сол. Шакли электронӣ.

ба он мусоидат мекунад, ки ҷавонон ба муҳоҷирати меҳнатӣ камтар рафта, сариваќт оиладор шаванд.

Нафарони дигар қонунӣ гардонидани дузанагӣ ва серзанагиро чун воситаи пешгирӣ кардани фоҳишагарӣ дар ҷамъият медонанд. Аммо, омӯзиши афкори умум ва сӯҳбат бо фоҳишагон нишон дод, ки онҳо аксаран барои ба даст овардани маблағи муайян ба чунин аъмоли ношоиста даст мезананд. Аз ин рӯ, бо ҷои кор таъмин кардани онҳо ва соҳиби даромади кофӣ шуданашон, инчунин бурдани корҳои тарғиботӣ дар байни занҳо, тарбияи занҳо аз синни хурдсолӣ бо ташвиқи покдоманӣ ва хушахлоқӣ барои пешгирӣ кардани фоҳишагарӣ асос мешавад.

Тарафдорони чун ҷавобгарии ҷиноятӣ боқӣ мондани дузанагӣ ва серзанӣ, дар навбати худ бар онанд, ки дар даврони шӯравӣ (м.134 КҶ ҶТ, таҳрири соли 1961) барои дузанагӣ ва серзанӣ то 3 сол ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ пешбинӣ шуда буд[37], аммо Кодекси нави ҷиноятӣ (соли 1998) танҳо ҷазоҳои алтернативии ҷарима ва корҳои ислоҳиро муқаррар кардааст. Онҳо иддао доранд, ки агар ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дузанагӣ ва серзанагӣ пурзӯр карда шавад, содиршавии ин ҷиноят коҳиш меёбад. Ин нуқтаи назар низ дуруст нест. Баҳри пешгирӣ намудани содиршавии ин ҷиноят бояд ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ таъмин карда шавад. Алалхусус, таъмини ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани хизматчиёни давлатӣ ва шахсони мансабдор, бо баррасии масъалаи минбаъд дар мансабаш фаъолият кардани онҳо барои пешгирӣ намудани бисёрникоҳӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар қонунгузорӣ на танҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷинояти ба муқобили оила ва фарзандон равонашуда, яъне дузанагӣ ва серзанӣ бояд боқӣ монад, балки инчунин масъулияти занҳои дуюм ва сеюм, ки бо рафтори қасдонаи худ, дидаю дониста барои содир шудани ҷинояти дузанагӣ ва серзанӣ мусоидат намудаанд, баррасӣ гардад.

Зистан дар давлати демократӣ ва дунявӣ тақозо менамояд, ки қонунҳои он риоя ва иҷро гарданд. Якканикоҳӣ, ки яке аз дастовардҳои бузурги тамаддуни башарӣ аст, барои инкишофи шахсият дар ҷамъият ва хушбахтии шахс дар оила мусоидат мекунад ва ҳеҷ дузанагиву серзанагӣ ҷои ин хушбахтиву ташаккули шахсиятро гирифта наметавонад.

---

[37] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон (таҳрири соли 1961). Душанбе. Ирфон. 1989.

**ПЕРЕХОД ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РУКИ ТЕНЕВЫХ СТРУКТУР КАК УГРОЗА ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА**

**Умаров С.А.** *

**Умаров Х.А .** **

Теневой характер инвестиционной сферы таджикского общества определяется результатами деформаций экономических отношений. Наиболее характерными из них являются: бесконтрольный экспорт и импорт капитала; монополизм теневого капитала в инвестиционной сфере; легализация капиталов, нажитых преступным путем ("отмывание" грязных денег); отсутствие адекватной информационной и законодательной базы, государственного регулирования процессами инвестирования и другими видами.

Сегодня инвестиционная катастрофа из разряда литературных преувеличений может реально перейти в категорию очевидных экономических фактов. Она может стать одним из главных факторов обвала в экономике любой страны. Расстройство в инвестиционной экономике способно вызвать целую систему негативных явлений. Разрушение потенциала возрождения проявляется в таких показателях, как развал науки (прежде всего фундаментальной), культуры, образования. Постепенно может утрачиваться лидерство в ряде направлений научно-технического прогресса, распадаются уникальные научно-исследовательские коллективы, которые и так функционировали не достаточно вследствие гражданской войны 1992-1997 гг. Другими словами, происходит массовая «утечка мозгов» за рубеж (в основном в Россию, США, Казахстан).

Для того, чтобы предупредить это, необходимо мобилизовать практически все внутренние источники накопления и при

---

* *Умаров С.А.* - ассистент кафедры Экономики управления и производства Таджикского технического университета им. Осисми.

** *Умаров Х.А.* - начальник кафедры Уголовного права, криминологии и психологии Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, капитан милиции.

этом сочетать жесткую финансово-кредитную политику с селективной поддержкой приоритетных сфер и производств, взяв за основу этой деятельности стратегию ориентации на отечественный технический и производственный потенциал.

Ситуация в инвестиционной политике сегодня осложняется из-за наступившего кризиса и резкого сужения рынка сбыта инвестиционной продукции в связи с отсутствием у потребителя средств.

Высокие темпы инфляции в инвестиционной сфере нашей республике быстро обесценивают накопления, не стимулируют рост основного капитала. Обострение кризиса в инвестиционной сфере имеет катастрофические последствия для всей экономики Таджикистана, и сроки преодоления этого спада гораздо более продолжительны, чем сроки преодоления спада в сфере производства. По сути дела, происходит деградация экономической структуры.

Выбор приоритетов инвестирования пока не опосредуется рыночным механизмом через ценовой инструментарий в связи с широким распространением монополизации. Необходимо отметить, что при помощи импорта восполнить продукцию тяжелой индустрии нельзя, поэтому в корректировке экономического курса республики должна быть предусмотрена поддержка действующего производства или, по крайне мере, приостановка его распада, или же постепенное восстановление парализованной в результате гражданской войны части производства.

Главная задача видится в расширении масштабов инвестиционной деятельности (в 2-3 раза) способом вложения финансовых ресурсов в соответствии с задачами, главными из которых являются: энергетическое ресурсосбережение, увеличение и сохранение технически передовых производств; демонополизации крупных сфер импорта и экспорта; создание благоприятно-здоровой конкуренции в стране и т.д.

Решению этих задач естественно препятствуют криминальные структуры, нагло вторгающиеся в сферу инвестирования в целях регулирования потоков денежных средств в выгодном им направлении.

Проблему криминализации инвестиционной деятельности в Таджикистане следует рассматривать под углом зрения первоначального накопления капитала. Свертывание республиканских

программ инвестирования нанесло существенный урон экономике страны. На сцену вышли "частные" структуры, очень похожие на сложившиеся на Западе структуры в 20-30-е годы[38]. В республике были организованы частные кредитные рынки, когда инвестиции физических лиц пошли в руки преступных группировок, обещавших высокие проценты по вкладам. Государство в подобных ситуациях теряет огромные инвестиционные возможности и даже в отдельных случаях не в состоянии защитить граждан от криминального вторжения (Например, в 2003 году часть населения Таджикистана вложило более нескольких миллионов сомони в «пирамиду» ООО «Джамол-и Компания», созданную Дж. Сиеявым, и распрощалось со своими средствами).

Сегодня кредитный рынок в Таджикистане, на наш взгляд, фактически оказался монополизированным криминальными структурами. Получить кредит вообще трудно из-за запредельной цены кредита, тем более это сложно сделать под проект, позволяющий создавать реальные материальные блага и услуги. В то же время под коммерческо-посредническую деятельность кредиты предоставляются охотно при условии наличия залога и получения теневого вознаграждения (взятки)[39]. Выглядит странным, что государство не сумело создать инвестиционные банки на базе своего капитала и не подвергает детальной экспертизе предпринимательские проекты с выдачей кредитов без залога на льготных условиях. Это поставило теневой капитал и бизнес в невыгодные для них условия, что в итоге создало бы здоровую конкуренцию в Таджикистане.

Решение вопросов, связанных с инвестированием сфер экономики, не должно быть отложено на долгое время, так как от направления инвестиционных потоков в главные сферы производства, принятия превентивных мер против перераспределения их представителями криминальных структур зависит судьба нашего общества. В этом плане необходимы соответствующие меры:

---

[38] *Есипов В.М.* Теневая экономика. Учебное пособие. 2-е изд. М. МЦ при ГУК МВД России. 1998. С.56

[39] Необходимо также отметить, что в Уголовном кодексе Таджикистана предусмотрена ответственность за коммерческий подкуп в ст. 279. Несмотря на то, что этой норме более 10 лет только один раз было возбуждено уголовное дело и то не доведенное до суда.

- увеличение доли государства в инвестировании экономики за счет расширения соответствующих статей в госбюджете республики. Также необходим строжайший контроль за распределением инвестиций и их целевым использованием, иначе это приведет к тому, что инвестиционный процесс в Таджикистане прекратится;

- до входа экономики в фазу оживления государству следует стимулировать вложения, способствующие деловой активности предпринимателя.

Перечисленные выше меры и условия носят экономический характер. В то же время сложившаяся ситуация на рынке инвестиций требует выработки ряда не только экономических, но и правовых условий осуществления инвестиционной деятельности. Среди них можно назвать следующие:

1. Систематическое совершенствование законодательства Таджикистана, регулирующего инвестиционную деятельность, в том числе иностранные капиталовложения.

2. Усиление контроля за движением как внутренних, так и внешних инвестиционных ресурсов, их целевым использованием.

3. Укрепление системы правоохранительных органов, активизация их противостояния экономической преступности, профилактика криминализации инвестиционных процессов, создание условий для безопасного вложения капиталов как отечественными, так и иностранными инвесторами.

Капиталовложение иностранных инвестиций в экономику Таджикистана, на наш взгляд, - объект особого внимания, так как именно в этих отношениях в наибольшей степени может проявиться криминальный аспект. Именно экономическая безопасность Таджикистана сегодня приобретает особо важное значение.

## ТАЪМИНИ ВОҚЕИИ ҲУҚУҚИ ГУМОНБАРШУДАГОН ВА АЙБДОРШАВАНДАГОН БА ҲИМОЯ ДАР ДАВРАИ ТАФТИШИ ПЕШАКӢ

🗁

**Рауфов Ф.Ҳ.**[*]

Ҳуқуқ ба ҳимоя, баробари ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ аз шиканҷа, дахлнопазирии манзил, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, озодии сухан ва афкор, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, ба гурӯҳи ҳуқуқҳои фитрӣ дохил гардида, мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешавад.

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи як қатор институтҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла институти ҳимояи ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон такони ҷиддӣ бахшид. Бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробари васеъ гардидани доираи ҳуқуқҳои гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя, ваколати ҳимоячиён, ки бевосита вазифаи ҳимояро ба зимма доранд, рӯ ба афзоиш ниҳод.

Бо қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, ки дар м.м.19 ва 92-и он ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимоя ва кафолати ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ пешбинӣ шудааст[40], ҳуқуқи ҳимоя таҳкими конститутсионии худро пайдо намуд.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқии миллӣ, ки баҳри таъмини ҳуқуқи ҳимоя равона гардидаанд, ба як қатор санадҳои байналмил-

---

[*] *Рауфов Ф.Ҳ.* - муовини сардори Раёсати Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 1.

[40] Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Шӯъбаи компютерӣ ва чопи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2003. С.12, 30.

лалӣ, чун Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Маҷмаи принсипҳои ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки таҳти ҳама гуна дастгиркунӣ ва маҳкумӣ қарор доранд, Қоидаҳои асосӣ дар бораи нақши адвокатҳо ва Принсипҳои асосии муносибат бо маҳкумшудагон[41] асос ёфтаанд.

Айни ҳол, танҳо дар ҳудуди шаҳри Душанбе зиёда аз 130 нафар адвокатҳои Маслиҳатхонаҳои ҳуқуқии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, зиёда аз 170 нафар адвокатҳои ваколатдор, ки аз Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расонидани ёрии ҳуқуқии пулакӣ иҷозатнома гирифтаанд, фаъолият менамоянд.

Моддаи 53-и Кодекси амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ)[42] муайян кардааст, ки ҳимоячӣ бояд аз ҳама тарзу воситаҳои ҳимоя, ки хилофи қонун нестанд, истифода барад. Дар асоси м.11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» бошад, адвокат дар фаъолияти худ ӯҳдадор аст, ки қонунҳои ҷориро айнан ва собитқадамона риоя намуда, тамоми восита ва усулҳои дар қонун пешбинишударо барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ӯ барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат мекунанд, истифода намояд. Адвокат бояд доимо обрӯю эътибори касбии худро нигоҳ дорад ва Қоидаҳои одоби касбии ҳимоячиёнро риоя кунад.

Таҳкими конститутсионӣ ва қонунӣ пайдо намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимоя, ҳанӯз як тарафи масъала аст. Тарафи дигари масъала таъмини воқеии он дар амалияи тафтишотӣ мебошад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз дар татбиқи ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя дар рафти тафтиши пешакӣ як қатор монеаҳо вуҷуд доранд, ки бе бартараф кардани онҳо таъмини воқеии ин ҳуқуқ ғайриимкон аст.

Яке аз кафолатҳои ҳуқуқие, ки давлат дар м.5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» муқаррар кардааст, **ин ҷудо кардани маблағ барои расонидани ёрии**

---

[41] Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. Душанбе. Мастер-Принт. 2006.
[42] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Ирфон. 1981. С. 29-30.

**ҳуқуқӣ ба шаҳрвандони камбизоат** мебошад. Тибқи муқаррароти м.49-и КМЧ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавриде, ки айбдоршаванда имконияти моддии даъвати ҳимоячиро надорад, ё аз ҳимоячӣ даст мекашад, вале иштироки ҳимоячӣ мувофиқи қонун ҳатмӣ мебошад, ҳимоячӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ таъмин карда мешавад.

Лекин омӯзиши амалия нишон дод, ки дар самти таъмини ин кафолати ҳуқуқӣ баъзе душвориҳо ҷой доранд. Мувофиқи **Дастурамал доир ба пардохти музди хизмати адвокатҳо барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ашхоси воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ,** ки аз тарафи Ҳайати мушовараи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва бо Вазорати молияи кишвар мувофиқа кунонида шудааст, музди кори ҳимоячиён аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ, аз буҷети маҳаллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи ҷои кори ҳимоячӣ пардохт карда мешавад[43]. Новобаста аз ин талаботи қонун дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он чунин моддаи хароҷот пешбинӣ нашудааст.

Бо истифода аз ин, бо асоси пешбинӣ нашудани моддаи хароҷот дар буҷет баъзе мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо солҳои тӯлонӣ музди кори ҳимоячиёнро пардохт нанамудаанд. Масалан, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Маслиҳатхонаи ҳуқуқии ин ноҳия аз соли 1998 то соли 2008 ягон маблағ барои пардохти музди кори ҳимоячиён барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони камбизоат ҷудо накардааст. Ҳол он ки ҳимоячиёни ин Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ танҳо дар соли 2007 ба маблағи 997 сомонӣ ва соли 2008 ба маблағи 2644 сомонӣ, дар асоси дархостҳои муфаттишон ва судҳо дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати шахсони камбизоат ширкат варзидаанд. Ин тарзи муносибати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо боиси аз байн рафтани омили моддии рӯҳбаланд намудани ҳимоячиён, расонидани таъсири манфӣ ба сифати ҳимоя гардида, иштироки ҳимоячӣ хусусияти маҷбурӣ-расмиро касб менамояд. Баҳри бартараф намудани ин монеаи таъмини воқеии ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя, бояд дар

---

[43] Дастурамал доир ба пардохти музди хизмати адвокатҳо барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ашхоси воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ. Шакли электронӣ.

буҷети маҳаллӣ чунин моддаи хароҷот пешбинӣ карда шавад. Ё худ, бо истифода аз таҷрибаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Фирдавсӣ ва И.Сомонӣ ин маблағ мумкин аст аз моддаи «Хароҷоти дигар» пардохт гардад.

**Таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ** гувоҳи он аст, ки на ҳамеша ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ таъмин карда мешавад. На ҳамеша ба ҳимоячиён барои ба амал баровардани ҳуқуку ӯҳдадориҳои муқарраркардаи қонун аз тарафи муфаттишон имконият фароҳам оварда мешавад. Баъзан, майли айбдоркунии муфаттишон, ҳисси барғалати расмиятчигӣ ва ҳифзи манфиатҳои идоравӣ ба вайронкунии ҷиддии ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимоя оварда мерасонад. Поймол намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимоя, аввалан, ба тезутунд шудани муносибати муфаттиш аз як тараф ва ҳимоячӣ, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва хешовандони онҳо аз тарафи дигар,  сониян ба вуҷуд омадани зуҳуроти нигилизми ҳуқуқӣ, яъне коста гардидани боварии айбдоршаванда ва хешовандони ӯ ба қонун ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сабаб мегардад. Мувофиқан ба ин, мақсади хусусии ҷазо, яъне ислоҳи шахси содирнамудаи ҷиноят ва мақсади умумии он, яъне расонидани таъсири огоҳонӣ ба хешовандони ӯ ва дигар аъзои ҷамъият ба даст оварда намешавад.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам масъалаи ҳимояи ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагонро ба ҳимоя таҳлил ва ҷамъбаст карда, дар муайян ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта дар ин самт, ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони масъул чораҷӯӣ менамояд. Алалхусус, бо зуҳуроти ба вуҷуд омадани фазои носолими психологӣ, чун душман қабул кардани ҳимоячӣ аз тарафи мақомоти тафтишотӣ, мунтазам ва дағалона вайрон кардани ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя мубориза бурда мешавад. Дар соли 2007 ин масъала, ҳатто дар Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи пойтахт  баррасӣ шуда буд.

Ҳангоми тайёрӣ ба ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ аъзои гурӯҳи кории прокуратураи шаҳри Душанбе ба Муассисаи ислоҳии № 1-и пойтахт ташриф оварданд, ки он ҷо асосан маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир намудаанд, нигоҳ дошта мешаванд. Бо зиёда аз 30

нафар маҳкумшудагон вобаста ба таъмини ҳуқуқи онҳо ба ҳимоя дар рафти тафтишот ва баррасии судӣ сӯҳбат карда шуд. Аз сӯҳбат маълум гардид, ки ҳуқуқи ҳимояи як қатор маҳкумшудагон дар рафти тафтиши пешакӣ вайрон карда шудааст ва бархе аз онҳо оид ба ин ҳуқуқи худ тасаввуроти кофӣ надоранд. Масалан, маҳкумшуда Музаффар то ҳол гумон мекунад, ки адвокатҳо дар ҳайати шӯъбаҳои корҳои дохилӣ фаъолият менамоянд. Маҳкумшуда Хуршед бошад, аз чӣ иборат будани вазифаи ҳимоячиро аниқ намедонад ва вазифаи ӯро «пуштигирӣ» ҳисоб мекунад. Қисме аз маҳкумшудагон бошанд, ҳимоячиёнро дашном медоданд, ки «онҳоро аз сари суд халос карда гирифта натавонистааст». Баъзе аз маҳкумшудагони дигар бо сабаби надоштани маблағҳои пулӣ аз ёрии адвокат истифода набурдаанд ва танҳо ҳангоми сӯҳбат бо гурӯҳи корӣ фаҳмиданд, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ низ ҳимоячӣ гирифтан мумкин будааст. Маҳкумшуда Хайриддин бошад, изҳор кардааст, ки адвокат бо сабаби он ки ӯ пул надоштааст, дар кор иштирок нанамудааст. Аксари маҳкумшудагон аз он шикоят намуданд, ки ба онҳо фавран пас аз дастгир намудан ҳимоячӣ таъмин нашудааст, ё муфаттишон бо баҳонаи «сабук кардани корашон», «бо моддаҳои камтар эълон кардани айб» онҳоро ба гап даровардаанд, ки аз ҳимоячӣ даст кашанд, ё умуман хоҳиши онҳоро вобаста ба киро намудани ҳимоячӣ беэътибор гузоштаанд. Ба баъзе маҳкумшудагон, чун Ҷахонгир ва Дмитрий, новобаста аз он ки онҳо забони тоҷикиро намедонистанд, мурофиа ба забони тоҷикӣ бурда, ҳимоячӣ таъмин нашудааст.

Ташвишовар он буд, ки дар вуҷуди ҳамаи ин маҳкумшудагон, ҳатто дар онҳое, ки аллакай якчанд сол адои ҷазо карда истодаанд, ҳисси ғазаб ва нобоварӣ ба мақомоти тафтишотӣ, ки онҳоро аз ҳуқуқи ҳимоя маҳрум кардаанд, боқӣ мондааст ва ин албатта, барои расидан ба мақсади хусусии ҷазо – ислоҳи маҳкумшуда бетаъсир намемонад.

Бо назардошти омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва сӯҳбат бо ҳимоячиёну маҳкумшудагон, ҳолатҳои поймол шудани ҳуқуқҳои гумонбаршудагон ва айбдоршавандагонро дар рафти тафтиши пешакӣ **шартан ба якчанд гурӯҳҳо** ҷудо кардан мумкин аст.

1) Мувофиқи м.м.48-49 КМҶ айбдоршаванда ҳуқуқ ба ҳимоя дорад ва ҳимоячӣ ба иштирок дар кор аз лаҳзаи эълон

кардани айб ва ҳангоми дастгир намудани шахс бо гумони содиркунии ҷиноят ё интихоби чораи пешгирӣ дар ҳабс нигоҳ доштан, аз лаҳзаи ба ӯ эълон кардани протоколи дастгиркунӣ ё қарори ба ҳабс гирифтан, аммо на дертар аз 24 соат аз лаҳзаи дастгиркунӣ ё ба ҳабс гирифтан, роҳ дода мешавад[44]. Бархилофи ин талаботи қонун баъзан муфаттишон амалан барои ҳимояи ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ҳимоячиро даъват намекунанд, ҳуқуқи истифода аз хизмати ҳимоячиро ба онҳо намефаҳмонанд. Яъне, кафолати таъмини воқеии ҳимоя (м.5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура») риоя карда намешавад. Баръакс, аз гумонбаршуда ё айбдоршаванда аризаи ӯ дар хусуси эҳтиёҷ надоштанаш ба ҳимоячӣ, ки дар аксар мавридҳо, чунин аризаҳо бо ташаббус ва зери диктаи худи муфаттишон тартиб дода мешаванд, гирифта ба маводи парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Чунончӣ, дар як ҳолат муфаттиши мақомоти тафтишотии ш.Душанбе бо гумони содир намудани чинояти роҳзанӣ Давлатмаҳмадов С. ва Акрамов Д.-ро дастгир ва ҳабс кардааст. Зимни дастгир ва эълон кардани айб ба номбурдагон муфаттиш ба ҷои амалан даъват намудани ҳимоячӣ ва дар иштироки ӯ ба дастгиршудагон фаҳмонидани ҳуқуқи онҳо ба ҳимоячӣ, бо ташаббуси худ аризаҳои онҳоро дар бораи эҳтиёҷ надоштанашон ба хизмати ҳимоячӣ гирифтааст. Баъди ба иштирок дар кор роҳ дода шудани химоячӣ номбурдагон нишондодҳои дар марҳилаи аввали тафтишот додаи худро тағйир дода, сабаби онро дар вайронкунии ҳуқуқҳояшон аз ҷониби кормандони фаврӣ ва муфаттиш шарҳ додааст.

Муфаттиши дигар бошад ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ҷарқулов Х. оид ба ҳодисаҳои қаллобӣ ба миқдори махсусан калон ва сохтакории ҳуҷҷатҳо аризаи гумонбаршударо оид ба надоштани эҳтиёҷ ба ҳимоячӣ гирифта, ҳамаи ҳаракатҳои зарурии тафтишотиро бе иштироки ҳимоячӣ гузаронидааст. Омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ ва матни ариза аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он дикта шудааст ва аризадиҳанда, ки дар содир намудани ҷинояти вазнин гумонбар ва дастгир шудааст, моҳияти аризаи навиштаашро то

---

[44] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Ирфон. 198. С. 26-27.

ба охир дарк накардааст. Зеро мувофиқи маълумотҳои парвандаи ҷиноятӣ, Ҷарқулови 66 сола танҳо маълумоти миёнаи касбӣ-техникӣ, бо ихтисоси челонгар дорад ва дониши ҳуқуқӣ надорад. Агар диктаи муфаттиш набошад, ба ӯ чӣ зарурат буд, ки аз ҳимоячӣ даст кашад. Вақте ки Ҷарқулов ба моҳияти масъала сарфаҳм меравад, якбора ду ҳимоячӣ мегирад ва ба мақомоти прокуратура оид ба поймол шудани ҳуқуқаш ба ҳимоя шикоят менамояд, ки вобаста ба он чораҷӯӣ карда шудааст.

Албатта, қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба айбдоршаванда баробари ҳуқуқ ба ҳимоя, ҳуқуқи даст кашидан аз ҳимоячиро низ додааст, ки он дар м.52 КМҶ мустаҳкам гардидааст[45]. Аммо, дар ин модда талаб карда мешавад, ки «ин гуна дасткашӣ танҳо бо ташаббуси худи айбдоршаванда роҳ дода мешавад». Дар як ҳолат муфаттиш ба ҷои гумонбаршудаи ҷинояти ғоратгарӣ худаш матни аризаро навишта, дар он танҳо имзои гумонбаршударо гирифтааст. Муфаттиши дигар ба «навоварӣ» роҳ дода, аризаҳои се нафар гумонбаршудагонро оид ба эҳтиёҷ надоштанашон ба хизмати ҳимоячӣ дар компютер чоп карда, дар он имзои гумонбаршудагонро гирифтааст, ҳол он ки ин нафарон дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин гумонбар буданд.

Яке аз роҳҳои бартараф намудани вайронкунии ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя, ин саривақт ошкор кардани ин ҳолатҳо ва чун ҳолати вайронкунии ҷиддии қонун ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад (м.233 КМҶ). Зеро м.349 КМҶ чун ҳолати вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавӣ-ҷиноятӣ вайрон кардани ҳуқуқи ҳимояро шуморидааст[46].

Дар ҳолати алоҳида бошад, муфаттиш ба айбдоршаванда, ки забони модариаш русӣ буда, забони мурофиаро намедонист, тарҷимон таъин намудааст, вале ӯро бо ҳимоячӣ таъмин накардааст, ҳол он ки дар ин маврид иштироки ҳатмии ҳимоячӣ талаб карда мешуд ва ҳеҷ гуна дасткашӣ аз ҳимоя аз тарафи айбдоршаванда зоҳир нашуда буд.

Масъалаи дигарро низ бояд зикр намуд, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин қисм холигӣ дорад, яъне аз ҳимоячӣ даст кашидан танҳо дар ҳо-

---

[45] Ҳамон ҷо. С. 29.
[46] Ҳамон ҷо. С. 120-121, 171-172.

латҳое, ки шахси ноболиғ ё айбдоршавандае, ки ба сабаби камбудиҳои ҷисмонӣ ё рӯҳии худ ҳуқуқи ҳимояро худаш ба амал бароварда наметавонад, барои суд, ё мувофиқан барои муфаттиш ва прокурор ҳатмӣ нест (м.52 КМҶ). Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки дар дигар холатҳои зикршудаи м.51 КМҶ, ки иштироки ҳимоячӣ ҳатмӣ мебошад, даст кашидани гумонбаршуда ё айбдоршаванда аз ҳимоячӣ барои муфаттиш ҳатмӣ аст[47].

Лоиҳаи КМҶ-и нави Ҷумҳурии Тоҷикистон[48] ин масъаларо ба таври мусбӣ ҳал кардааст. Мувофиқи м.м.46-47 дар 5 маврид, аз ҷумла ғайр аз ду ҳолати зикршуда, боз дар мавридҳои надонистани забони мурофиаи ҷиноятӣ, ё бесавод будани айбдоршаванда, аз тарафи айбдоршаванда содир шудани ҷинояти махсусан вазнин, мавҷуд будани мухолифат байни манфиатҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда, агар яке аз онҳо ҳимоячӣ дошта бошад, аз ҳимоячӣ даст кашидани гумонбаршуда ва айбдоршаванда барои муфаттиш ҳатмӣ нест.

Бо натиҷаи Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ш.Душанбе қарор қабул карда шуд, ки дар ҳама ҳолатҳои дастгиркунии шахс бо гумони содиркунии ҷиноят ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ ҳимоячӣ даъват карда шавад. Аризаи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон дар бораи рад кардан аз ёрии ҳимоячӣ танҳо дар иштироки худи ҳимоячӣ гирифта шуда, чунин радкунӣ бо гирифтани имзои ҳимоячӣ дар ариза тасдиқ карда шавад[49].

2**) Вайронкунии дигари ҳуқуқи гумонбар ва айбдоршавандагон ба ҳимоя дар он зоҳир мешавад, ки баъзе аз муфаттишон бо сабаби надоштани маҳорату малакаи кофии касбӣ ва дониши ҳуқуқӣ**, аз иштироки ҳимоячӣ дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ҳарос карда, бо ҳар роҳу воситаҳо ба иштироки ҳимоячӣ дар рафти тафтиш мамониат мекунанд.

---

[47] Ҳамон ҷо. С. 28-29.

[48] Лоиҳаи Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронӣ.

[49] Маводи ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳри Душанбе аз 24.10.2007 сол марбут ба ҳолати риояи ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя дар рафти тафтиши пешакӣ дар давраи соли 2006 ва 8 моҳи соли 2007.

Шакли паҳншудаи мамониат намудан дар нагирифтани ордери ҳимоячӣ, ё таъхир карда гирифтани он ба назар мерасад. Аз рӯи маълумотҳои фаврӣ ва сӯҳбат бо ҳимоячиён, гузаронидани ҳаракатҳои тафтишотӣ бо санаи қафо (то пешниҳоди ордер), ба гап даровардани гумонбаршуда ё айбдоршаванда барои даст кашидан аз ин ҳимоячӣ ва розӣ шудан ба хизмати ҳимоячии пешниҳоднамудаи муфаттиш аз шаклҳои дигари мамониат ба шумор меравад.

**3) Ҳолати дигари вайрон кардани ҳуқуқи айбдоршавандагон ба ҳимоя, мавҷудияти институти ғайрирасмии «адвокатҳои фармоишӣ» мебошад**. Яъне, адвокатҳои муайян мунтазам ба тафтишот аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ, баъзан бо тавсия ва исрори муфаттишон аз ҳисоби маблағҳои хешовандони гумонбаршудагон ё айбдоршавандагон ҷалб карда мешаванд ва онҳо амалан на ҳимоятгари ҳуқуқу манфиатҳои зерҳимоячӣ, балки бештар чун ёрдамчии муфаттиш, рӯйпӯшкунандаи қонунвайронкуниҳои мақомоти тафтишотӣ баромад мекунанд. Иштироки онҳо асосан бо парвандаҳои ҷиноятие, ки иштироки ҳимоячӣ ҳатмӣ мебошад, таъмин карда шуда, ҳимояи онҳо на хусусияти воқеӣ, балки характери расмиро доро мебошад. Ин нақши адвокатҳо Декретҳои соли 1917-1919-ро ба ёд меорад, ки адвокатҳо вазифаи «мусоидат ба кори судҳо»-ро доштанд. Маҳз мавҷудияти адвокатҳои фармоишӣ сабаб шудааст, ки баъзе аз маҳкумшудагон то ҳол гумон мекунанд, ки адвокатҳо дар шӯъбаҳои корҳои дохилӣ кор мекунанд.

4) Мувофиқи м.10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» ва м.53-и КМҶ ҳимоячӣ аз лаҳзаи роҳ дода шуданаш дар парванда ҳақ дорад бо гумонбар ва айбдоршаванда танҳо ба танҳо вохӯрад, ки дар ин ҳол миқдору мӯҳлати вохӯриҳо маҳдуд карда намешавад[50].

**Ҳолатҳои** вайрон кардани ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя дар ин мавридҳо дар рафти тафтиши пешакӣ дар чунин ҳолатҳо ба назар мерасад:

- муфаттиш аз додани мулоқот ба ҳимоячӣ, бо баҳонаҳои гуногун пурра саркашӣ мекунад.

- додани мулоқот ба таъхир андохта мешавад, ё бо гузаронидани ин ё он ҳаракатҳои тафтишотӣ вобаста карда

[50] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Ирфон. 1981. С.29.

мешавад. Ҳол он ки дар м.53 КМҶ омадааст: «Ҳуқуқи худро ба кор бурдани ҳимоячӣ, ки ба баррасии парванда роҳ дода шудааст, набояд ба пурсиши пешакии гумонбар ё айбдоршаванда ё ба иҷрои дигар амалҳои тафтишӣ вобаста карда шавад.

- мулоқот дар алоҳидагӣ дода намешавад, яъне дар рафти мулоқот муфаттиш низ иштирок мекунад.

- мулоқот бо ҳимоячӣ дар шакли сӯҳбати ӯ бо айбдоршаванда дар рафти ҳаракати тафтишотӣ маҳдуд карда мешавад.

- новобаста ба талаби ҳимоячиён ба онҳо бо гумонбаршуда ва айбдоршавандагон хилофи талаботҳои м.424 КМҶ, на мулоқоти доимӣ, балки мулоқоти якдафъаина дода мешавад.

**5) Ҳолати дигари вайрон намудани ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя дар он зоҳир мешавад, ки новобаста аз шурӯъ намудани фаъолияти ҳимоячӣ дар кор, баъзе ҳаракатҳои тафтишотӣ бо гумонбаршуда ва айбдоршаванда, бе иштироки ҳимоячӣ гузаронида мешавад.** Ҳол он ки мувофиқи м.53 КМҶ ҳимоячӣ ҳуқуқ дорад дар пурсиши гумонбар ва айбдоршаванда, ҳамчунин дар дигар ҳаракатҳои тафтишотӣ, ки бо иштироки онҳо сурат мегирад, ширкат варзад.

6) **Мувофиқи м.51 КМҶ агар ҳимоячиро айбдоршаванда, намояндаи қонунии ӯ, ё бо супориши вай шахсони дигар даъват накарда бошанд, муфаттиш ё суд вазифадоранд, ки дар кор иштирок намудани ҳимоячиро таъмин кунанд.** Аммо, на ҳамеша муфаттишон ин вазифаи худро иҷро мекунанд. Онҳо баъзан, ҳатто ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагонро ба ҳимоя, аз ҷумла дар сурати надоштани маблағҳои пулӣ, ҳуқуқ ба истифодаи хизмати ҳимоячӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатиро дуруст намефаҳмонанд, ки дар натиҷа баъзе аз гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон танҳо бо сабаби надоштани маблағҳои лозима барои пардохти музди кори ҳимоячӣ, аз хизмати ҳимоячӣ даст мекашанд.

7) **Мувофиқи м.53 КМҶ ҳимоячӣ** аз лаҳзаи роҳ дода шуданаш ба кор ҳуқуқ дорад бо протоколи дастгир намудан, қарори татбиқи чораи пешгирӣ, бо протоколҳои ҳаракатҳои тафтишотие, ки бо иштироки гумонбаршуда, айбдоршаванда, ё худи ҳимоячӣ тартиб дода шудаанд, бо ҳуҷҷатҳое, ки ба

гумонбар ё айбдоршаванда нишон дода шудаанд, ё бояд нишон дода мешуданд, бо маводе, ки ба суд барои тасдиқи қонунӣ ва асоснок будани баҳабсгирӣ чун чораи пешгирӣ ва дароз намудани мӯҳлати ҳабс фиристода мешаванд, шинос шавад. Аммо, муфаттишон, хилофи ин талабот амал намуда, ба ҳимоячиён ё ин ҳуҷҷатҳоро, умуман пешниҳод намекунанд, ё қисман пешниҳод менамоянд. Чунончӣ, зимни санҷиши шикояти ҳимоячиён Одинаев ва Искандаров дар бораи аз ҷониби муфаттиш мамониат кардан ба вохӯрии онҳо бо айбдоршаванда ва шинос шудан бо маводи зикршудаи парвандаи ҷиноятӣ, маълум гардид, ки ҳимоячиён Одинаев ва Искандаров барои иштирок дар кор ҳуҷҷати заруриро ба муфаттиш пешниҳод кардаанд, лекин бо мавод бо гузаштани 11 рӯз шинос шудаанд, ки боиси шикояти онҳо ба прокуратураи шаҳри Душанбе гардидааст.

8) **Бо ҳимоячӣ таъмин накардани шахсоне, ки забони мурофиаи ҷиноятиро намедонанд, вайронкунии дигари ҳуқуқи ҳимоя мебошад**. Дар ин мавридҳо аз тарафи муфаттишон аксаран аризаҳои гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон гирифта мешавад, ки онҳо забони тоҷикиро медонанд, ҳол он ки аксарияти онҳо танҳо забони гуфтугӯӣ ё лаҳҷавии тоҷикиро медонанд ва забони адабии тоҷикиро намедонанд, аз ин рӯ ҳангоми омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ мазмуну моҳияти онро ба пуррагӣ сарфаҳм рафта наметавонанд.

Ҳамин ҷо як холигӣ дар қонунро бояд зикр намуд. Моддаи 51 КМҶ ҳатмӣ будани хизмати ҳимоячиро ба шахсоне ҳисобидааст, ки «забони мурофиаро намедонанд». Яъне, аз рӯи мазмуни модда дар назар дошта мешавад, ки умуман забонро намедонанд. Ин ба муфаттишон баҳона мешавад, ки дар сурати қисман донистани забони тоҷикӣ, ё донистани забони гуфтугӯии тоҷикӣ ба гумонбаршуда ва айбдоршаванда ҳимоячӣ таъмин карда нашавад. Дар Лоиҳаи КМҶ-и нав чун ҳолати таъмини ҳатмии хизмати ҳимоячӣ «агар гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда забони пешбурди мурофиаро бо парвандаи ҷиноятӣ надонанд» гуфта шудааст. Агар дар КМҶ-и нав талаботи зикршуда дар шакли «забони мурофиаро умуман ё ба дараҷаи кофӣ намедонанд» истифода мешуд, беҳтар мебуд.

Таъмини воқеии ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя, пеш аз ҳама таъмини ҳуқуқи фитрӣ ва конститутсионии онҳо буда, баҳри сазовор шудан ба бова-

рии аҳли ҷомеа, алалхусус, наздикону хешовандони ин ашхос, пешгирӣ кардани тафтиши ғайриобъективона ва ғайриқонунӣ, поймол шудани ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад. Таъмини ҳуқуқи гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон ба ҳимоя, бешубҳа, боиси баланд шудани нуфузи давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ дар назари аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад.

## ПРАВО НА ИМЯ – ПРОБЛЕМЫ РЕАЛИЗАЦИИ И ПРИМЕНЕНИЯ

**Саидов З.А.**[*]
**Хайруллоев Ф.С.**[**]

Право на имя является неотъемлемой частью правоспособности каждого гражданина. На земле трудно представить человека без имени, фамилии и отчества. Данные категории индивидуализируют личность. По этому поводу Ш.Менглиев правильно полагает, что невозможно представить отношения гражданско-правового характера без индивидуализации их субъектов, так как через право на имя реализуются все другие права и обязанности граждан[51].

Право на имя относятся к личным неотчуждаемым правам граждан и относятся к категории личных неимущественных прав, которые являются наименее разработанной частью общей теории гражданского права, несмотря на то, что вопросы субъективного права получили довольно широкую разработку в юридической литературе.

Согласно ч.1 ст.20 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (далее ГК РТ) от 30 июня 1999 года гражданин приобретает и осуществляет права и обязанности под своим именем, включающим фамилию и собственное имя, а также отчество, если иное не вытекает из закона или национального обычая. Кроме этого, в случае и в порядке, предусмотренном законом, гражданин может использовать псевдоним (вымышленное имя). Поэтому важно, чтобы процесс реализации и применения данного права всецело способствовал гражданскому обороту, соответ-

---

[*] *Саидов З.А.* - начальник факультета № 3 Академии МВД РТ, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

[**] *Хайруллоев Ф.С.* - начальник кафедры Гражданско-правовых дисциплин Академии МВД РТ, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

[51] См.: *Менглиев Ш.* Неимущественные отношения: регулируются или охраняются // Государство и право. Душанбе. 2003. С. 58.

ствовал установленному правопорядку и задачам государства по созданию справедливого общества.

Сегодня практика в Таджикистане по реализации и применению данного права не совсем совершенна. Правовое сознание граждан и должностных лиц правоприменительных органов Республики Таджикистан очень низкое[52]. Граждане в большинстве случаев не знают о наличии своих прав, а правоприменительные органы, должностные лица не всегда проявляют инициативу в достижении конечного результата в процессе реализации гражданами своих прав. Ведь правоприменительная деятельность направлена на обеспечение реализации права.

Первоначальное имя гражданин получает при рождении. Ребенок имеет право на имя, фамилию и отчество (ст.58 Семейного кодекса Республики Таджикистан от 13 ноября 1998 года – далее СК РТ). Согласно действующему законодательству установлено, что при государственной регистрации рождения фамилия ребенка записывается по фамилии его родителей. При разных фамилиях родителей фамилия ребенка записывается по фамилии отца или по фамилии матери, или по имени отца по соглашению родителей (ч.1 ст.20 Закона Республики Таджикистан «О государственной регистрации актов гражданского состояния» от 29 апреля 2006 года[53] - далее Закон о ЗАГСе).

Фамилия ребенка по желанию родителей может образовываться от имени отца, от корня его фамилии с добавлением суффиксов «зода», «зод», «и», «ий», «иён», «пур», «духт» или элементами «пури», «духти», либо после имени ребенка или его отца добавлением корня его фамилии. Аналогичное установление может применяться в отношении отчества. Отчество ребенка записывается по имени отца и может образовываться согласно национальным традициям с добавлением суффиксов «зода», «зод», «и», «ий», «иён», «пур», «духт» или элементами «пури», «духти», либо в порядке добавления после имени ребенка имени отца.

Безусловно данные положения являются новыми и подчеркивают самобытность нашего народа, но надо заметить, что

---

[52] Правоприменительными органами в области права на имя являются органы ЗАГСа и внутренних дел Республики Таджикистан.

[53] См.: Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. №4. 2006., ст.201.

они не имеют императивный характер. Однако во многих органах ЗАГСа происходит навязывание родителям использования национальных традиций. В других отделах записи актов гражданского состояния, наоборот, убеждают в сохранении фамилий и отчеств советских времен. Создается впечатление, что работники правоприменительных органов или не имеют юридического образования, не различая императивные нормы права от диспозитивных, или умышленно, в корыстных целях, вводят в заблуждение граждан.

Граждане в данной ситуации должны знать, что в выборе имени, фамилии и отчества своих детей они свободны. Справедливо по этому поводу отмечает Ш.Т.Тагайназаров, что «граждане вправе свободно определять свое поведение в индивидуальной жизнедеятельности по своему усмотрению,[54] и каждое лицо должно иметь собственное имя, чем-то различимое от другого»[55]. Никто не вправе вмешиваться в осуществление данного права, даже бабушки и дедушки, братья и сестры, если не будет на это согласия самих родителей. Для выбора имени ребенку родителям предоставлен большой арсенал имен, существующих не только в Таджикистане, но в целом, в мире. Никаких ограничений здесь нет, за исключением в выборе фамилии и отчества, рамки которых установлены Законом о ЗАГСе.

Уместно заметить, что некомпетентность работников органов ЗАГСа заметна по грамматическому оформлению выдаваемых гражданам документов, в частности, свидетельств о рождении, где указывается имя, фамилия и отчество гражданина. Ошибки работников этих органов создают в дальнейшем проблемы их владельцам. Больше всего достается, например, таджикским мигрантам в России. Они ощущают это на своей «шкуре», практически, ежедневно. Расплывчатая печать, указания фамилии в графе имени и наоборот, грамматические ошибки в правописании и многое другое не только могут поставить мигрантов из Таджикистана в нелегальное положение, но и наносят урон авторитету государственных органов власти.

Надо отметить, что в свое время со стороны Управления актов гражданского состояния при Министерстве юстиции Та-

---

[54] *Тагайназаров Ш.Т.* Гражданско-правовое регулирование личных неимущественных прав граждан в СССР. Душанбе. Дониш. 1990. С. 85.
[55] Там же. С. 170.

джикской ССР была рекомендована к печати работа под названием «Правописание таджикских имен»[56], в которой указаны более 400 имен, фамилий и отчеств в таджикском и русском правописании. Думается, что такие издания должны быть настольными книгами органов ЗАГСа, паспортных столов ОВД, а также местных джамоатов.

В случае, если отцовство ребенка не установлено в предусмотренном законом порядке, то имя ребенка дается по указанию матери, отчество – по имени лица, записанного в свидетельстве о рождении ребенка в качестве его отца, а фамилия – по фамилии матери (ст.19 Закона о ЗАГСе).

Надо отметить, что законодательство России предусматривает, что лица, состоящие в браке и давшие свое согласие в письменной форме на применение метода искусственного оплодотворения или на рождение у них ребенка в результате применения этих методов, записываются его родителями в книге записей рождения. В дальнейшем их воля, а также имена и фамилии учитываются в именовании ребенка. Нам думается, что научные открытия в области искусственного оплодотворения могут помочь решить ряд проблем в семейных правоотношениях. Однако, к применению методов искусственного оплодотворения следовало бы отнестись с осторожностью (с учетом национальных традиций).

В соответствии с ч.2 ст.20 КГ РТ гражданин вправе переменить свое имя в порядке, установленном законом. Такое право у него возникает с достижением возраста шестнадцати лет. Перемена имени, отчества, фамилии лицом, не достигшим совершеннолетия, производится при наличии согласия родителей, усыновителей или попечителя. При отсутствии такого согласия – на основании решения суда, за исключением случаев приобретения лицом полной дееспособности до достижения им совершеннолетия в порядке, предусмотренном законом.

Перемена имени лицу, не достигшему возраста шестнадцати лет, а также изменение присвоенной ему фамилии на фамилию другого родителя производится на основании решения органа опеки и попечительства в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан.

---

[56] Имлоҳои исмҳои тоҷикӣ / Тартибдиҳандагон. Ортиқов Р.О ва Калонтаров Я.И. Душанбе. Ирфон. 1976.

В результате изменения имени, фамилии и отчества возникает ряд юридических последствий. Во-первых, гражданин обязан принимать необходимые меры для уведомления своих должников и кредиторов о перемене своего имени и несет риск последствий, вызванных отсутствием у этих лиц сведений о перемене имени, во-вторых, перемена гражданином имени не является основанием для прекращения или изменения его прав и обязанностей, приобретенных под прежним именем, в-третьих, гражданин, переменивший имя, вправе требовать внесения за свой счет соответствующих изменений в документы, оформленные на его прежнее имя.

В связи с этим возникает вопрос: сколько раз каждый гражданин за всю свою жизнь может реализовать право на имя, в частности, переименоваться? Как показывает практика, и здесь каждый гражданин наталкивается на проблемы в деятельности правоприменительных органов. Законная возможность граждан изменить имя неправомерно этими органами ограничивается до одного, двух и более раз. Действующее законодательство не ограничивает конкретным числом реализацию права на имя. Например, у женщин, с учетом национальных традиций, в жизни таких ситуаций больше чем у мужчин. Ее добрачная фамилия может измениться в силу заключения брака, а обретенная в браке новая фамилия, в результате развода, может быть изменена на предыдущую. И так в процессе жизненного пути может случиться несколько раз. Поэтому правоприменительные органы так просто, без основания не вправе отказывать гражданам в желании изменить фамилию.

В соответствии с требованиями Закона о ЗАГСе (ст.68) в заявлении об изменении фамилии, имени и отчества должна быть указана причина их перемены, но это не основания для отказа в удовлетворении просьбы. В указании причины законодатель пытается выяснить соразмерность совершаемого поведения интересам других лиц. Осуществление гражданских прав не должно наносить ущерб интересам общества и государства, правам других граждан. Сегодня изменения фамилии, имя и отчества получили массовый характер среди мигрантов, которые депортируются из России, тем самым, лишаясь права въезжать в эту страну в течение определенного времени. Поэтому выявление истинной причины перемены имени требует взаимосвязи и

быстрого обмена информацией между органами ЗАГСа и ОВД не только внутри республики, но и между странами.

В перемене имени, фамилии и отчества законодатель не устанавливает никаких ограничений. Однако де-факто перемена имени, фамилии и отчества на имя, фамилию и отчество Президента Республики Таджикистан не разрешается.

Гражданское законодательство, перечисляя виды личных прав (ст.170 ГК РТ), не раскрывает их содержания, в частности, право на имя, за исключением ст.20 ГК РТ. Видимо, эта работа возложена на судебные органы. При рассмотрении гражданских дел судами и обобщении судебной практики по гражданским делам в сфере реализации и применении права на имя суды должны раскрывать содержание этого права. Однако, по данному направлению нет никаких руководящих разъяснений Верховного Суда Республики Таджикистан.

Приобретение прав и обязанностей под именем другого лица гражданским законодательством не допускается.

Вред, причиненный гражданину в результате неправомерного использования его имени, подлежит возмещению в соответствии с настоящим Кодексом. При искажении либо использовании имени гражданина способами или в формах, которые затрагивают его честь, достоинство или деловую репутацию, применяются правила, предусмотренные ст.174 ГК РТ. Это значит, что с ответчика можно наряду с опровержением сведений, порочащих честь, достоинство и деловую репутацию, требовать возмещения убытков и морального вреда, причиненных их распространением. Однако, на законодательном уровне не предусмотрена ответственность должностных лиц правоприменительных органов, умышленно и неумышленно препятствующих реализации права на имя.

Итак, проблем в данной отрасли много. Мы полагаем, что причины такого положения дел разные. Прежде всего, это:

- низкий уровень правосознания, как рядовых граждан, так и должностных лиц государственных органов, задействованных в правоприменительной деятельности;

- слабо разработанный институт права на имя на законодательном уровне;

- отсутствие должного контроля и надзора в сфере реализации и применения права на имя;

- отсутствие взаимодействия и быстрого обмена информацией между правоприменительными органами в сфере реализации и применения права на имя (между органами ЗАГСа и ОВД);

- отсутствие судебной практики и её обобщение в указанной сфере;

- отсутствие профессионализма у работников органов ЗАГСа и сотрудников органов внутренних дел в сфере применения права на имя.

Поэтому необходимо, во-первых, чтобы работники органов ЗАГСа (хотя бы их руководители) имели юридическое образование. Кстати, данное предложение соответствует Указу Президента от 31 декабря 2008 года «Об утверждении концепции государственной кадровой политики Республики Таджикистан»; во-вторых, в целях дальнейшего совершенствования норм действующего законодательства, с учетом научных открытий в области искусственного оплодотворения (с учетом их сочетания с национальными традициями), а также новых потребностей общества, внести дополнения в Закон о ЗАГСе; в-третьих, усилить контроль и надзор в данной сфере; в-четвертых, создать базу данных, из которой можно быстро и оперативно получать информацию, которая способна помочь в выявлении истинных причин перемены имени, фамилии и отчества.

# *Раздел II. ОБЩЕСТВЕННЫЕ ДИСЦИПЛИНЫ И ЕСТЕСТВЕННЫЕ НАУКИ*

## БОБО МАХКАМОВ – ТАҲКИМБАХШИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Розиқзода А.Ш.**[*]

Бобо Махкамов аввалин шахсест аз мардуми таҳҷоӣ ва миллати тоҷик, ки ба вазифаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъин шудааст.

Зиндагинома ва роҳи меҳнатии тайкардаи ӯ воқеан ҳам намунаи олии садоқат ба халқу Ватан, поквиҷдонию масъулиятнокӣ ба вазифаҳои хидматӣ мебошад. Бинобар ин кӯшиш намудем, ки дар бораи ӯ маълумоти бештаре диҳем.

Бобо Маҳкамов 8-уми декабри соли 1919 дар деҳаи Кӯлканди волости Исфара, уезди Конибодом, губернияи Қӯқанди Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон дар оилаи косиби сартарош чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падараш Турсунов Махкам зиндагии оддию хоксоронае дошт ва рӯзгори оилаашро сар ба нӯг мегузаронд. Доройяш аз ним таноб замин (як таноб баробар ба чоряк гектар аст), боғи зардолу ва як гови ҷӯшоӣ иборат буд. Ҳамаи ин имкон намедод, ки эҳтиёҷоти рӯзмарраи оиларо, ки аз 9 нафар иборат буд, таъмин созад. Ин буд, ки сардори оила маҷбур шуд сартароширо пеша намояд. Вай ба ҷойи кор ва хонаҳои мардум рафта мӯи сари онҳоро мегирифт ва ба ивази хизматаш мизоҷон ба ӯ маҳсулот медоданд.

Худи Бобо Маҳкамов дар ёддоштҳои худ таъкид мекунад, ки тибқи ахбори кӯҳансолони деҳа ва бародарони калониаш, даромади падараш аз сартарошӣ ягона сарчашмаи зиндагии оиларо ташкил мекард.

Падараш Турсунов Махкам хеле ҷавон, дар синни 40-солагӣ аз олам гузаштааст. Солҳои зиндагии ӯ ба солҳои вазнини табадуллотҳою шӯришҳо ва мубориза ҳои синфӣ рост омада буд. Ба нақли бародаронаш такя намуда, Бобо

---

[*] *Розиқзода А.Ш.* – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, полковники милитсия.

Махкамов таъкид мекунад, ки падараш аз тарсу ҳарос бемор гашта фавтидааст.

Он замон онҳо дар оила 7 нафар фарзанд ҳамроҳи модарашон монда буданд. Модар-Ҳалимова Шарофатбибӣ (1887-1931) зани оқилаю дурандеш буд. Баъди шаш соли вафоти шавҳар ӯ низ аз олам даргузашт. Ин зани хоксору меҳнатӣ ба тарбияи фарзандон диққати ҷиддӣ медод. Фарзандаш Боборо соли 1929 дар синни 10-солагӣ ба мактаби ибтидоии деҳа дода буд ва писараш онро соли 1933 ба итмом расонид.

Баъди вафоти модар 4 писар ва ду духтар ятим мемонанд ва тамоми бори вазнини оила, шикасту рехти зиндагӣ ба дӯши бародари калонӣ Абдуҷалил, ки касби падарро омӯхта буд, мегузарад. Дар ҳуҷҷатҳо соли таваллуди Абдуҷалил дар як ҷо соли 1910 ва дар дигар ҷо 1912 нишон дода шудааст ва ба андешаи мо шояд соли 1910 ба ҳақиқат наздик бошад.

Бобо бо сабаби марги модар якчанд моҳ хонданро қатъ карда, бошад ҳам , соли 1933 мактаби ибтидоиро тамом карда, солҳои 1933-1935 дар мактаби 7 сола, баъд дар хонаи кӯдакони Исфара таҳсил мекунад. Каме баъдтар мактаби 7 солаи Исфара ба шаҳри Конибодом кӯчонида шуда, ба омӯзишгоҳ табдил дода мешавад. Бобои ҷавон, ки дар хондан қобилияти фавқулодда ва завқи беандоза дошт, баъди хатми мактаби 7- сола ба омӯзишгоҳи педагогӣ фиристода мешавад. Аз сентябри соли 1935 то апрели соли 1939 дар омӯзишгоҳ аъло таҳсил намуда, 11 июли соли 1939 бо қарори бюрои ноҳиявии ПК-ии Тоҷикистон ба мактаби байниминтақавии Сарраёсати бехатарии давлатӣ (ГУГБ) ба шаҳри Тошкент фиристода мешавад. (Бойгонии ҷории ВКД ҶТ, №21770, Т 3, в 4).

Бо назардошти аҳамияти тарбиявӣ ва амалӣ доштани матни аттестатсияе, ки сардори мактаби номбурда, капитани бехатарии давлатӣ Шишов, сардори шӯъбаи таълим ва сардори курсаш имзо намудаанд, пурра бо забони русӣ ин ҷо меорем: «За время нахождения в школе показал себя примерным курсантом. К учебе относился добросовестно, настойчиво, работал над усвоением учебного материала в результате чего добился отличных показателей в учебе по всем дисциплинам (ниг ба ҳуҷҷат- А.Р)

Принимал активное участие в общественно-массовой работе, оказывал помощь отстающим товарищам в учебе, за что командованием школы объявлено две благадарности с занесением на доску почета. Дисциплинирован, выдержан, энергичен, инициативен и усидчив. Правильно и быстро ориентируется при решении агентурно-оперативных задач» (Бойгонии ҷории РКД ҶТ Д. Я 1770, т.1, л 5,50 б).

Баъди хатми мактаб июни соли 1940 ба ихтиёри Комиссариати халқии корҳои дохилии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон фиристода мешавад, ва фаъолияти меҳнатии хешро аз июни ҳамон сол ҳамчун ваколатдори фаврии шӯъбачаи «контрразведка»-и КХКД оғоз мекунад. Моҳи сентябри ҳамон сол бошад, дар ҳамин вазифа дар вилояти Кӯлоб ва аз сентябри соли 1941 то 1 июни соли 1943 ваколатдори оперативии шӯъбаи КХКД ноҳияи Шӯрободи вилояти Кӯлоб шуда кор мекунад. Дар давраи дар Шӯробод фаъолият карданаш аз декабри соли 1942 то июни соли 1943 ба дастаҳои ихтиёрии КХКД-и вилояти Кӯлоб, ки дар мубориза бар зидди босмачигарӣ ва вайронкунандагони сарҳадро ба ӯҳда доштанд, роҳбарӣ оперативӣ буд. Ӯ аз ӯҳдаи вазифаҳои худ хеле хуб мебарояд ва барои ба таври намунавӣ иҷро намудани супориши давлатӣ бо Указзи Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 20 сентябри соли 1943 бо медали «Барои Шуҷоат» сазовор мегардад.

Баъдтар, Бобо Махкамов 1-уми июни соли 1943 ба дастгоҳи марказии Комиссариати халқии бехатарии давлатии Тоҷикистон ба кор гузаронида мешавад ва дар шӯъбачаҳои 2-ум ва 7-ум ваколатдори калони фаврӣ шуда кор мекунад. Аз 1 декабри соли 1943 муовини сардори шӯъбаҳои номбурда, аз августи соли 1944 то феврали соли 1946 иҷрокунандаи вазифа ва баъд сардори шӯъбачаи 4-уми шӯъбаи «контрразведка» таъин шудааст.

Моҳи феврали соли 1946 Бобо Маҳкамов ба курси 6-моҳаи такмили ихтисоси кормандони оперативии назди Мактаби олии Вазорати бехатарии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ ба шаҳри Москва фиристода мешавад. Курси 6-моҳаро бо баҳои аъло ва ифтихорномаи роҳбари Мактаби олӣ ба итмом мерасонад. Баъди бозгашт ба Ватан аз августи соли 1948 то 3-уми сентябри соли 1948 ҷонишини сардори шӯъбачаи 4-уми шӯъбаи 2-уми Вазорати бехатарии давлатии Тоҷикистон шуда кор мекунад.

Муносибати поквиҷдонона ба иҷрои вазифаҳои хидматӣ ва интизоми намунавии ӯро ба инобат гирифта, бо фармони рақами 156-и Вазири бехатарии давлатӣ аз соли 1947 ба ӯ раҳматнома эълон мекунанд, ҳамчунин бо мукофоти пулӣ сарфароз мегардонанд.

Дар ин давра бо мақсади расонидани ёрии амалӣ ба сохторҳои маҳаллии бехатарии давлатӣ давоми солҳои 1947-1948 чандин маротиба ба сафари хизматӣ баромада, шахсан ёрии хешро ба онҳо расонидааст. Ӯ пайваста барои баланд бардоштани савияи дониши худ кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод. Дар университети марказии ленинизм шабона таҳсил мекард. Санҷишу имтиҳонҳоро бо баҳои аъло месупорид. Дар назди ҳайати кормандони оперативӣ аз фанҳои махсус лексия мехонд ва аъзои гурӯҳи лекторони Вазорати бехатарӣ буд. Аз соли 1937 то 1943 аъзои Иттифоқи ленинии ҷавонон ва аз соли 1943 аъзои ҳизби Коммунистӣ буд.

Дар корҳои ҷамъиятии шӯъба ва вазорат фаъолона ширкат меварзид. Тамоми тарафҳои мусбати фаъолияташро ба инобат гирифта соли 1947 ӯро ба ҳайати захиравии кадрҳои роҳбарикунандаи Вазорати бехатарии ҷумҳурӣ шомил мекунанд.

Тибқи аттестатсияи 15-уми феврали соли 1949, ки аз тарафи Вазири бехатарии давлатии ҶШС Тоҷикистон, полковники бехатарии давлатӣ Вишневский имзо шудааст, Бобо Махкамов ин вақт дар курси якуми факултаи таърихи Институти педагогии Ленинобод ғоибона мехондааст. Дар хулосае, ки 25-уми сентябри соли 1951 таҳия шудаасту онро як рӯз баъд вазири бехатарии давлатӣ, полковник Вишневский тасдиқ намудааст, майори бехатарии давлатӣ Бобо Маҳкамов ба вазифаи сардори Раёсати бехатарии давлатии вилояти Ленинобод пешниҳод шудааст. (Бойгонии ҷории РКД Д. 21770, т.1, варақи 35,36,37).

Дар хулосаи дигаре, ки аз тарафи Раёсати кадрҳои Вазорати бехатарии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ (Бойгонии ҷории ВКД, Д. 21770, Т.1, в.38) таҳия гаштааст,таъкид шудааст, ки Раёсати кадрҳои ВБД ИҶШС таъин шудани Б. Махкамовро ба вазифаи сардори Раёсати бехатарии давлатии вилояти Ленинободи ҶШС Тоҷикистон маъқул мешуморад. Дар ин хусус як маълумоти хеле ҷиддии дигар низ дарҷ гаштааст, ки номзадии Бобо Маҳкамов бо Котиби

якуми Партияи Коммунистии Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров мувофиқа карда шудааст.

Ҳамин тариқ, 23.10.1951 майори бехатарии давлатӣ Бобо Махкамов Сардори Раёсати бехатарии давлатии Вилояти Ленинобод таъин карда мешавад.

Баъди 8-моҳи фаъолият дар ин вазифаи пурмасъул бо сабаби он, ки яке аз кормандони раёсат ба парвандаи тафтишотӣ дар бораи набудани шоҳид маълумотномаи сохтаро ҳамроҳ карда, дар натиҷаи он ба гунаҳкор ҳукми нодуруст баровaрда шудааст, ба Бобо Махкамов 24 июли соли 1952 бо фармони Вазорати бехатарии давлатии ИҶШС барои «набурдани назорат аз болои зердастон» танбеҳи қатъӣ дода шудааст. Ин ягона ҷазои интизомӣ бо фармони ВКД ИҶШС таҳти №101 аз 21.09.1953 бекор шудааст. Баъди муттаҳид гаштани вазоратҳои корҳои дохилӣ ва бехатарии давлатӣ 3-уми марти соли 1953 Бобо Махкамов сардори Раёсати корҳои дохилии Вилояти Кӯлоб таъин мешавад, вале дере нагузашта 28 декабри ҳамон сол (баъди 9 моҳу 25 рӯз) сардори Раёсати корҳои дохилии вилояти Ленинобод пешбарӣ мегардад ва дар ин вазифа 3 моҳу 19 рӯз, яъне то 17-уми апрели соли 1954 фаъолият мекунад.

Ибтидои моҳи апрели соли 1954 таҷриба, дониш ва маҳорати касбии Бобо Махкамовро ба инобат гирифта, ӯро ба вазифаи вазири корҳои дохилии Тоҷикистон пешбарӣ менамоянд.

Мутаассифона дар парвандаи шахсии Бобо Маҳкамов дар бораи ҷараёни ба ин вазифаи муҳиму пурмасъулияти давлатӣ пешбарӣ ва таъин шуданаш, ҳуҷҷатҳои зарурӣ мавҷуд нест.

Бобо Маҳкамов аз 17-уми апрели соли 1954 ба иҷро намудани вазифаҳои хидматии хеш ба ҳайси вазири корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон оғоз намудааст. Дар варақаи мукофотонида шудани ӯ бо ордени «Ситораи Сурх», ки 8-уми сентябри соли 1954 пур карда шудааст (баъди шаш моҳу бист рӯзи вазирӣ), таъкид гаштааст, ки полковник Бобо Маҳкамов аз ӯҳдаи вазифаҳои худ ба хубӣ баромада истодааст ва ба мукофот арзанда аст.

Соли 1956 Бобо Маҳкамов , ки то ин вақт аллакай шӯъбаи ғоибонаи факултаи таърихи Институти педагогии Ленинободро бо муваффақият хатм карда буд, боз ба шӯъбаи ғоибонаи Мактаби олии партиявии назди КМ

Партияи Коммунистии шаҳри Москва дохил шуда онро соли 1963 бо дипломи аъло хатм мекунад. Дар варақаи замимавии диплом аз 22 номгӯи фанҳои омӯхташуда ва 4 имтиҳони давлатӣ танҳо аз ду фан: механиконӣ ва электриконии хоҷагии қишлоқ ва технологияи металлу металлкоркунӣ ва мошинсозӣ баҳои чор дошту халос ва дигар аз тамоми фанҳо баҳои аъло гирифта буд. (Бойгонии ҷории ВКД ҶТ, Д. 21770, Т.1, варақҳои 58,59,60).

Дар парвандаи шахсии Бобо Маҳкамов 33 хислатнома, 17 аттестатсия ва 14 хулоса мавҷуд мебошад. Ҷамъи ҳуҷҷатҳо 270 варақро ташкил мекунанд, ки дар 3 ҷилд гирд оварда шудаанд. Аввалин ҳуҷҷат ба санаи 16.06 соли 1938 ва охирин ҳуҷҷат ба таърихи 1.06 соли 1987 мансуб мебошад.

Дар тамоми хислатномаҳо, ки ба давраҳои гуногуни фаъолияти ӯ мансубанд, асосан аз масъулиятшиносӣ, интизоми намунавӣ, қобилияти кордонию ташкилотчигӣ ва муносибати поквиҷдонона ба иҷрои вазифаҳои хидматӣ доштани Бобо Маҳкамов қайд карда мешавад.

Дониши мукаммал, ҷаҳонбинии васеъ, таҷрибаи бой ва ниҳоят малакаи баланди касбӣ ба Бобо Маҳкамов имконият медиҳад, ки дар мақоми баланди вазири корҳои дохилӣ 18 солу 7 моҳу 22 рӯз вазирӣ кунад. Ӯ дар мақомоти амнияту корҳои дохилӣ дар маҷмӯъ 33 солу 5 моҳу 23 рӯз фаъолият намудааст.

Дар давраи роҳбарии Бобо Маҳкамов мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон чи аз ҷиҳати базаи моддӣ-техникӣ ва чи аз ҷиҳати потенсиали кадрӣ хеле пурқуввату баобрӯ ва мақоми милитсия дар байни аҳолӣ хеле зиёд гардид.

Маҳз бо ташаббусу роҳбарии оқилонаи бевоситаи худи Бобо Маҳкамов оқибатҳои зарари ҳодисаи табиӣлағшиши кӯҳпора дар деҳаи Айнӣ бартараф карда шуда буд. Рӯзи 24-уми апрели соли 1964 дар натиҷаи боришоти зиёд дар деҳаи Айнӣ пораи кӯҳ лағжида (тақрибан 25 млн м $^3$ хоку гил) маҷрои дарёи Зарафшонро маҳкам намуд. Дар натиҷаи ин ҳодисаи нохуш кӯли калон, ки 40 млн метр обро дар бар мегирифт, ба вуҷуд омад. Эҳтимолияти зери об мондани шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Панҷакент ба миён омад. Дарҳол ба ҷои ҳодиса аз Москва, Ленинград, Тошкент ва Душанбе роҳбарони ҳизбию шӯравӣ ва мутахас-

сисон ҳозир шуданд. Ситоди бартарафсозии оқибатҳои офати табиии ташкил карда шуд ва сардории онро ба Бобо Маҳкамов бовар карданд. Бобо Маҳкамов тамоми корҳои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ин ҳодисаи табииро дар сатҳи олӣ ташкил ва роҳбарӣ намуд. Дар тамоми давраи бартарафсозии оқибатҳои ин офати табиии ба ягон қонуншиканӣ ва ҳатто хатогии ҷузъӣ роҳ дода нашудааст. Фаъолияти пурсамар ва кори бенуқсони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон аз тарафи роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ баҳои аъло гирифта аз номи Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳайати шахсии кормандон-тамоми иштирокчиёни бартарафсорзии оқибатҳои офати табиии раҳматнома эълон карда шуд. Ҳамзамон бо фармони Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ ба сардори ситоди бартарафсозии оқибатҳои офат, вазири корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон Бобо Маҳкамов ордени «Нишони фахрӣ» ва 16 нафар кормандони дигар ба мукофотҳои ҷумҳуриявӣ сарфароз гардонида шуданд.

Бобо Маҳкамов дар тулии фаъолияти корӣ аз сержант сар карда то ба рутбаи баланди генерали хизмати дохилии дараҷаи дуюм сабзидааст. Аввалин рутбаи ҳарбӣ сержанти Раёсати бехатариро 26 июнит соли 1940 гирифтааст. Минбаъд дар давраҳои гуногун ба ӯ чунин рутбаҳо дода шудааст. Лейтенанти бехатарии давлатӣ 11.02.1943, лейтенанти калони бехатарии давлатӣ 28.01.1944, капитани бехатарии давлатӣ 13.03.1946, майори бехатарии давлатӣ 17.02.1950, подполковники хизмати дохилӣ 07.12.1953, полковники хизмати дохилӣ 2404.1956, генерали хизмати дохилӣ, дараҷаи 3-ум бо фармони Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ аз 31.08.1957, генерали хизмати дохилӣ дараҷаи 2-ум, бо фармони Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ аз 22.11. 1968.

Барои меҳнати бенуқсону софдилона ва дастовардҳои хуби меҳнати Бобо Маҳкамов ба даҳҳо ордену медалҳо мукофотҳои молию полӣ ва ифтихорномаҳо сазовор дониста шудааст.

Чунончӣ бархе аз онҳоро ин ҷо меорем: медали «Барои шуҷоат» бо Қарори Президиуми Шӯрои Оли Иттиҳоди Шӯравӣ аз таърихи 20.09.1943 барои ба таври намунавӣ иҷро намудани супориши ҳукуматӣ, медали «Барои ғалаба бар Германияи фашистӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ

1941-1945» бо указзи Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз таърихи 09.05.1945 барои иштирок дар ҶБВ, медали «30-солагии Армияи Советӣ ва Флоти ҳарби бахрӣ бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз таърихи 22.02.1948,» медали «Барои хизматҳои ҷангӣ» бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 24.11.1950 барои хизмати бисёрсола ва бенуқсон дар мақомоти бехатарии давлатӣ, комиссариати корҳои дохилӣ ва вазорати корҳои дохилӣ; орденҳои «Байрақи сурхи меҳнат» (ду маротиба) 23 ноябри соли 1954 ва соли 1957, «Ситораи Сурх» 5.11.1954, инчунин медалҳои «40 солагии Қушунҳои мусаллаҳи ИҶШС 22.02.1958» ,«Барои хизмати бенуқсон» дараҷаи 1-2.11.1960, ва дигар медалҳо. Доир ба мукофотҳои молию пули, ки хеле зиёд буданд ду мукофотро, ки он вақтҳо воқеан мукофоти қимат буданд, қайд бояд кард.

Ба муносибати 50-солагиаш ва хизматҳои бисёр солаю бенуқсонаш ба радиоприёмники «Спидола ВЭФ-12» бо фармони ВКД ИҶШС аз 22.12.1969, 23.11.1972 бошад, боз ба радиоприёмники «ВЭФ-201» бо фармони ВКД ИҶШС.

Бо фармони ВКД ИҶШС таҳти №865 аз 23.11.1972 (рӯзи аз вазирӣ рафтанаш) ба «Китоби фахрии ВКД ИҶШС» дохил карда шудааст.

(Давомаш барои шумораи №23)

Бобо Маҳкамов аз соли 1937 аъзои Иттифоқи ҷавонон ва аз феврали соли 1943 аъзои Ҳизби коммунистӣ буд. Аз овони наврасӣ сар карда ба хондан шавқу рағбати беандозае дошт. Қобилият ва рағбати ӯро дар куҷое, ки таҳсил намудааст, таъкид намудаанд. Ҳанӯз дар техникуми педагогии шаҳри Конибодом таҳсил намуданаш муҳаррири газетаи девории «Омӯзгори сурх» буд. Дар даҳҳо тавсифномаҳое, ки дар давраҳои гуногун ба ӯ дода шудааст,чунин таъкид мешавад: «боинтизом», «поквиҷдон», «масъулиятшинос», «кордон», «ташкилотчӣ».

Бобо Маҳкамов якчанд забонро медонист, аз ҷумла, забони русӣ , тоторӣ, ӯзбекӣ ва қирғизиро.

Баъд аз вафоти падару модараш Бобо Маҳкамов дар таҳти сарпарастии бародаронаш Маҳкамов Абдуҷалил ва Маҳкамов Абдухалил мемонад, ки ҳарду ҳам иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буданд.

Абдуҷалил, ки фарзанди калонии хонавода буд, баъди вафоти падар саробонии оиларо ба дӯши худ мегирад. Вай ҷавони серғайрату чаққон буд, кӯшиш мекард, ки ризқу рӯзии оиларо пайдо намояд. Дар бозори шаҳри Исфара чойхоначӣ шуда кор мекард ва инчунин ба тиҷорати орд ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ низ машғул буд. Январи соли 1941 барои ба тиҷорат машғул шуданаш ба ҷавобгарӣ кашида шудааст, вале соли 1942 ба фронт даъват мешавад ва дар яке аз набардҳо соли 1944 ҳалок мегардад.

Абдухалил бошад дар зодгоҳаш аввал бригадир, баъд тракторчӣ шуда кор кардааст. Ӯ низ соли 1942 ба фронт рафта, соли 1944 дар муҳорибаҳои ҷангӣ ҳалок мешавад.

Дар бораи дар ҷанг ҳалок шудани бародаронаш Бобо Маҳкамов маълумоти дақиқ надошт, вале баъди мурочиати чандинкарата ба сохторҳои дахлдор ба ӯ чандин ҷавобҳои расмӣ меояд ва шоҳидон Абдушукур Ортиқов, Ёдгор Қосимов, Асрор Аҳмадов, Охунхоҷа Болтаев низ дар маълумотномаи додаашон тасдиқ мекунанд, ки аз қисмҳои ҳарбӣ дар бораи соли 1944 дар ҷанг ҳалок гаштани ҳар ду бародарони Бобо Абдуҷалил ва Абдухалил Маҳкамовҳо ба Шӯрои деҳаи Кӯлканд хабарнома омада буд.

Бародари дигари Бобо Маҳкамов Абдулқодир бошад соли 1938 курси яксолаи муаллимиро дар Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Конибодом тамом кардааст. Вай ба касбу корҳои гуногун машғул буд. Аз ҷумла, соли 1943 дар ноҳияи Шаҳритуз дар Стансияи мошинию-тракторӣ (МТС) тракторчӣ, соли 1948 ҳамчун коргари роҳсоз, соли 1949 ба ноҳияи Кагановичобод омада дар шӯъбаи шаҳрии милитсия коргар ва баъдтар дар ноҳияи Ворошиловобод милитсионер шуда кор кардааст. Июли соли 1948 бо қарори суди халқии ноҳияи Кагановичобод (маълум не барои чи) ба муддати 7 сол аз озодӣ маҳрум гашта ба лагери ислоҳотӣ-меҳнатӣ фиристода шудааст. Каме баъдтар, 29 апрели соли 1950 ин ҳукми суд аз тарафи Суди олии ҶШС Тоҷикистон бекор карда мешавад. Вале Абдуқодир аллакай бо авфи Президиуми Шӯрои олии ҶШС Тоҷикистон аз таърихи 28.04.1949 аз ҳабс озод шуда буд.

Бобо Маҳкамов дар оила писари чорум ва фарзанди панҷум буд. Яъне ӯ аз худаш калон 3 бародар, як апа ва аз худаш хурд як хоҳар дошт.

Апааш Маҳкамова Шафоат, соли таваллудаш 1913-1914, дар зодгоҳаш деҳаи Кӯлканд ба Бобоев Қудрат ном ҳамдеҳааш, ки дар исттгоҳи роҳи оҳани Исфара боркаш шуда кор мекард, хонадор шудааст.

Хоҳараш Маҳкамова Шаҳодат, соли таваллудаш 1924 (дар бисёр ҳуҷҷатҳо таваллудаш соли 1926 омадааст) як давраи муайян тахти сарпарастии худи ӯ зиндагӣ карда, баъди ба шавҳар баромадан ба шаҳри Сталинобод омада ҳамроҳи шавҳараш зиндагӣ намудааст.

Бобо Маҳкамов шояд охири соли 1941 (ё соли 1942) дар ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсиаш соли хонадоршавиаш аниқ нишон дода нашудааст) бо Сукаева Фотима Галиевна, соли таваллудаш 1920, миллаташ тотор оила барпо мекунад. Ин зан зодаи деҳаи Похистневи вилояти Куйбишеви Тотористон мебошад. Падару модараш соли 1925 вафот кардаанд. Оилаи онҳо соли 1927 ба Тоҷикистон кӯчидааст. Фотима соли 1939 техникуми занонаи шаҳри Ленинободро ва баъдтар соли 1942 курси партияwиро дар назди Кумитаи Марказии ВКП-и шаҳри Тошкант тамом кардааст.

Аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва таҳлили онҳо чунин бармеояд, ки Бобо Маҳкамов бо Фотима тирамоҳи соли 1941 баъди ба ноҳияи Шӯробод ба кор омаданаш шинос шудааст. Дар ҳамин давра Фотима Галиевна котиби комитети иттифоқи ҷавонон ( собиқ комсомол)-и ноҳияи Шӯробод буд. ( аз бойгонии ВКД, Д. 21770, т.3, в.61).

Бобо Маҳкамов 3 фарзанд дошт: ду писару як духтар ва онҳоро тарбияи хуб дода ба воя расонидааст. Фарзанди калониаш Маҳкамов Абдумалик, соли таваллудаш 17.09.1943, дуюмаш Маҳкамов Абдурашид, соли таваллудаш 24.04.1945 ва фарзанди аз ҳама хурдиаш Маҳкамова Раъно, соли таваллудаш 14.12.1952 буд.

Ӯ барои тарбияи хуби фарзандонаш чизеро дареғ надоштааст. Мутаассифона айни ҳол аз тақдири фарзандони ӯ маълумоте муфассале надорем, вале дар ин самт корҳои илмӣ-ҷустуҷӯӣ идома доранд.

Бобо Маҳкамов воқеан шахсияте буд барҷаста ва ӯ на танҳо дар дохилӣ ҷумҳурӣ, балки дар тамоми мақомоти корҳои дохилии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маълуму машҳур гаштаю соҳиби иззату эҳтиром гардида буд.

Бобо Маҳкамов Депутати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон даъватҳои IV,V ва VI буд. Ӯ солҳои зиёд аъзои Коми-

тети Марказии ПК Тоҷикистон интихоб гаштааст. Бобо марди қоматбаланд (қадаш 172), гандумранг, дорои киёфаи ҷиддӣ ва хеле хоксору нармгуфтор буд. Ҳамеша ба кор муносибати ҷиддӣ дошт ва аз зердастон ҳаминро тақозо дошт.

Бояд таъкид кард, ки фаъолият дар мақомотҳои бехатарии давлатӣ ва корҳои дохилӣ ва бахусус дар сатҳи роҳбарии олии онҳо сарфи тамоми неруи зеҳнӣ ва ҷисмонии шахсро талаб дорад, ки бешубҳа ба саломатии кас бетаъсир намемонад.

Кору фаъолияти тӯлонӣ дар ин ду мақомот ба саломатии Бобо Маҳкамов низ таъсири хурдро расонида буд. Ӯ аз ибтидои июни соли 1971 сар карда худро нороҳат ва бемор ҳисобидааст. Дар таърихи 10-уми июни соли 1971 баъди андак душвории ҷисмонӣ Бобо Маҳкамов дардро дар қафаси сина ва китфи чап эҳсос мекунад, дарҳол нафаскашии душвор ва хастагии умумӣ ӯро фаро мегирад.

Рӯзи дигар, 11 июн оҷилан гурӯҳи духтурон даъват шуданд, ки дар байнашон профессорон А.Ф.Преснякова, (аз Маскав даъват шуда буд), ҷонишини вазири тандурустии ҷумҳурӣ Л. Шансков, профессор М.Х.Бобохоҷаев ва дигарон буданд. Гурӯҳи духтурон тавсия доданд, ки Бобо Маҳкамов ҳатман бистарӣ гардад ва мунтазам муолиҷа гирад. Муолиҷа беш аз як моҳ идома ёфт.

Баъдтар, ноябри соли 1971 ва бори дуюм июни соли 1972 дар осоишгоҳи ба номи Герҷени назди Москва муолиҷа гирифтааст.

Баъди беморӣ Бобо Маҳкамов 10 августи соли 1972 шахсан худаш ба номи вазири корҳои дохилии ҳамондавраи Иттиҳоди Шӯравӣ генерал-полковник Н.А.Шелоков гузориш навишта, хоҳиш мекунад, ки ӯро бо сабаби беморӣ аз вазифа озод ва ба нафақа гусел намояд. Дар охирин лаҳза ҳам Бобо Маҳкамов муносибати поквиҷдононаи хешро ба кор нишон дода, дар гузоришаш чунин таъкид мекунад: «ман дар миёнаи соли гузашта инфаркти вазнинро аз сар гузаронидам ва ҳоло наметавонам, ки бо тамоми қувваам кор кунам, ман бошам одат накардаам, ки бо тамоми қувва кор накунам, аз ин кор зарар мебинад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло имконияти бо сабаби беморӣ аз мақомоти корҳои дохилӣ ба нафақа рафтанамро баррасӣ намоед. (ба нусхаи гузориш нигаред).

Тибқи хулосаи ВКД-и Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар асоси пешниҳоди Раёсати кадрҳои вазорат 27 октябри соли 1972 тайёр намудааст, масъалаи бо сабаби беморӣ ба нафақа рафтани Бобо Маҳкамов мусбат ҳал мегардад ва ин мавзӯъ бо Комитети Марказии ПК Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад. Ва ҳамин тариқ бо фармони ВКД Иттиҳоди Шӯравӣ таҳти № 866 л/с аз 23 ноябри соли 1972 Бобо Маҳкамов аз вазифаи вазири корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон бо ҳуқуқи пӯшидани сару либоси низомӣ ба нафақа гусел карда мешавад.

Баъди ба нафақа баромадан, азбаски саломатиаш чандон хуб набуд, ба ягон кори дигар машғул нашудааст. Тамоми давраи дар қайди ҳаёт буданаш ҳар сол як маротибюа ба зодгоҳаш омада аз аҳволи ҳамдеҳагон ва ёру дӯстон дидан мекард.

Соли 1986 охирин маротиба ба зодгоҳаш омада, «шояд ин охирин дидорбиниаш бошад» гӯё, ба ҳамаи наздикон ва хешу пайвандон хайрбод намудааст.

Баъди нафақа Бобо Маҳкамов 14 соли дигар зиндагӣ намуда, дар синни 65 солагӣ аз олам даргузашт.

Бешубҳа давраи вазирии Бобо Маҳкамов барои вазорати корҳои дохилӣ солҳои ривоҷу равнақ ва таҳкими мақомоти корҳои дохилӣ дар тамоми самтҳои фаъолият буд. Маҳз дар давраи роҳбарии ӯ базаи моддӣ техникии мақомоти корҳои дохилӣ мустаҳкам гардида, кадрҳои болаёқати роҳбарикунандаи маҳаллӣ тарбия ва ба камол расиданд. Воқеан саҳми ӯ дар тайёр кардану ба камол расонидани қисмати асосии кадрҳои миёнаю роҳбарикунандаи маҳаллии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хеле бузург мебошад. Барҳақ таърихан рушду нумӯи баъдиҷангии мақомоти бехатарии давлатӣ ва милитсияи тоҷик ба номи ӯ зич алоқаманд мебошад. Ҳарчанд то ӯ дар ҷумҳурӣ курсҳои кӯтоҳмуддати тайёр кардани кадрҳои милитсия мавҷуд буданд, маҳз бо заҳматҳои Бобо Маҳкамов мактаби миёнаи махсуси милитсия дар шаҳри Душанбе ташкил карда шуд, ки минбаъд ҳазорҳо ҷавонписарони маҳаллӣ ин мактаби мардонагиро хатм намуда, дар таълиму ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва бехатарии аҳолии кишвар хизматҳои арзанда намуданд.

Бобо Маҳкамов дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаи Шӯравӣ аввалин шахсе буд, ки ба рутбаи баланди генерал-лейтенанти хизмати дохилӣ сазовор гардида буд. Ӯ шахси

хоксору, росткор, хушсӯҳбату кордон ва мураббии ғамхор буд. Азбаски аз адабиёти пурғановати халқамон огаҳии хуб дошт, дар ҷараёни сӯҳбатҳояш аз порчаҳои шеърӣ хуб истифода мебурд.

Дар боло таъкид шуда буд, ки Бобо Маҳкамов 3 фарзанд дошт. Абдумалик, Абдурашид ва Раъно. Фарзанди калонӣ роҳи илмиро пеша намуд ва то соли 1976 дотсенти Донишкадаи техникии Тоҷикистон буд. Соли 1976 дар шоҳроҳи Душанбе-Норак дар садамаи нақлиётӣ ҳалок гардидааст. Абдурашид бошад, соҳаи геологияро интихоб намудааст, вале имрӯз дар куҷо зиндагӣ дорад маълум нест. Ягона духтараш Раъно баъди хатми факултаи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Москва (МТУ) якчанд муддат дар Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон омӯзгорӣ намуда, охирҳои солҳои 80-ум ба Москва кӯчидааст. Алҳол дар омӯзишгоҳи ҳарбии ба номи Суворови шаҳри Масква кор мекунад ва дорои рутбаи полковник мебошад.

Бобо Маҳкамов духтари бародари худ Абдуқодир Ҷумагул (Рафоат)-ро, ки соли 1951 таваллуд шудааст, ба духтархондӣ гирифта, ба зери тарбияю сарпарастии хеш мегирад, ки то дами марги генерал ҳамроҳаш будааст. Ҳангоми бемории Бобо Маҳкамов 56 рӯз дар беморхона ҳамроҳаш бемордорӣ намудааст.

Духтархонди генерал Ҷумагул (Рафоат) хатмкардаи факултаҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатӣ ва педагогикаи ибтидоии Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе буда, то соли 1976 дар хонаи падархондаш зиндагӣ намуда, аз он давра саркарда дар деҳаи Кӯлканди Исфара зиндагӣ дорад. Солҳои зиёд муаллим шуда кор кардааст, соҳиби се фарзанд мебошад.

Баъзе маълумотҳо дар бораи рӯзгори Бобо Маҳкамов аз нақли ӯ гирифта шудаанд. Ӯ бо ходими ҳизби шӯрави Гулҷаҳон Бобосодиқова (духтари яке аз поягузорони милитсияи Ӯротеппа Бобо Содиқов) дугонагӣ дошт ва Бобо Маҳкамов дар тарбияи ӯ низ нақши муҳим бозидааст.

Баъди вафоти Бобо Маҳкамов вазири ҳамонвақтаи корҳои дохилии Тоҷикистон Комил Пӯлотов ба Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон бо мактуби расмӣ муроҷиат намуда, дархост мекунад, ки хизматҳои арзандаи Бобо Маҳкамовро ба назар гирифта, ҷиҳати пос до-

штани хотираи некаш мактаби миёнаи зодгоҳаш ва кӯчае дар шаҳри Исфара ба номи ӯ гузошта шавад.

Декабри соли 1994 дар шаҳри Хуҷанд, дар Кохи санъати ба номи Камоли Хуҷандӣ 75 солагии ин фарзанди арзандаи халқи тоҷик ботантана қайд карда шуд. Дар ин чорабинии бошукӯҳ раиси шаҳри Исфара Г.Савридинова ва ҷонишини раиси шаҳри Хуҷанд С. Мухторов иброз намуданд, ки минбаъд дар ин шаҳр як кӯчаи ба номи Бобо Маҳкамов номгузорӣ мешаванд.

Дар иртибот ба ин банда низ аз роҳбарияти феълии Вазорати корҳои дохилӣ илтимос мекардам, ки ба ифтихори 90-солагии ин марди воқеан арзанда як мукофот ё ягон нишони сарисинагӣ бо акс ва насби номи Бобо Маҳкамов дар вазорат таъсис дода шавад ва ин мукофот бо фармони вазир танҳо ба кормандони поквиҷдону бенуқсон фаъолият дошта дода шавад. Бо ин иқдом мо ҳам хотираи неки Бобо Маҳкамовро пос медоштем ва ҳам кормандони арзандаро ҳавасманд мегардонидем.

Хотираи неки ин марди фидоии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистонро пос доштан қарзи мо фарзандон мебошад.

# ВОПРОСЫ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Умаров М.А.***
**Гафуров М.Х.****

В целях совершенствования информационного обеспечения центрального аппарата МООП СССР ***в 1968 году*** при министерстве МВД СССР организуется Информационно-вычислительный центр (ИВЦ).

***9 ноября 1970 года*** на базе ИВЦ, Первого спецотдела, отдела статистики и других подразделений министерства создан ГИЦ МВД СССР, а на местах - информационные центры. В середине 80-х годов было положено начало комплексной автоматизации пофамильной оперативно-справочной картотеки.

***С 1992 года,*** после приобретения независимости Республики Таджикистан информационное подразделение МВД РТ (Информационное Управление - ИУ) стало функционировать самостоятельно, в эту структуру входят ИЦ МВД РТ, областных ИЦ УВД, ИЦ ГРОВД. В настоящее время ИУ является многофункциональным информационным аппаратом, а в системе органов внутренних дел - головной отраслевой организацией в области обеспечения статистической, оперативно - розыскной, криминалистической, архивной, научно-технической информацией, создания автоматизированных систем, интегрированных банков данных и построения для этих целей информационно - вычислительных сетей общего пользования информационных центров областных и городских УВД Республики Таджикистан, УВД на транспорте.

За 80 лет информационные подразделения, совершенствуясь профессионально и структурно, всегда активно участвуют в

---

* *Умаров М.А.* – доцент кафедры Российско-таджикского славянского университета, кандидат технических наук.

** *Гафуров М.Х.* – начальник факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат технических наук, полковник милиции.

информационном обеспечении органов внутренних дел и вносят достойный вклад в дело борьбы с преступностью

Сложная криминогенная обстановка, активная миграция преступников, межрегиональный характер и организованность их действий требуют новых подходов в стратегии борьбы за обеспечение безопасности государства, защиты жизни, здоровья, достоинства и чести граждан. Одним из эффективных путей укрепления правопорядка является своевременное, полное и достоверное информационное обеспечение правоохранительных органов, что возможно путем проведения организационно-технических мероприятий по созданию региональной ведомственной сети, внедрению компьютерных и коммуникационных технологий и автоматизированных систем в деятельности органов внутренних дел областей.

Информационному Управлению МВД РТ, которое является структурным подразделением МВД республики, исполнилось более 80 лет (в качестве подразделения ГИЦ МВД СССР – около 70 лет и 14 лет как самостоятельное подразделение). В настоящее время эта служба осуществляет методическое руководство и контроль за деятельностью органов внутренних дел, обеспечивает сотрудников правоохранительных органов Таджикистана различной достоверной информацией, необходимой в служебной деятельности.

Внедрение в середине 80-х годов вычислительной техники позволило вести интегрированные учеты и значительно повысило объем информации и эффективность ее обработки. Комплексная автоматизация информационных подразделений стала возможной благодаря пришедшим на службу высококвалифицированным инженерам, программистам, системотехникам.

Современные технологии, как неотъемлемая часть научно-технического прогресса, играют все большую роль в жизни и деятельности общества. Причем именно информационные технологии находят наибольшее применение. Они занимают достойное место во всех важнейших сферах общественной жизни и государственного управления. Разумеется, государство в выполнении такой своей важнейшей функции, как обеспечение законности и правопорядка, стремится использовать достижения научно - технического развития. И поэтому слушателям и кур-

сантам образовательных учреждений профессионального образования системы Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, как специалистам в области юриспруденции, необходимо осознавать место и роль современных информационных технологий в правоохранительной деятельности органов государственной власти. Это направление является одной из составляющих частей исследуемой темы.

Успешность любого вида правоохранительной деятельности во многом зависит от степени обеспечения ее соответствующей длительно накопленной и систематизированной информацией о преступлениях, совершенных в прошлом, причастных к ним лицах, средствах и способах их совершения, различных следах преступлений и объектах, связанных с криминальными событиями, а также от возможности и умения следователя пользоваться подобной информацией в своей деятельности, для выявления, розыска и отождествления интересующих их явлений и объектов.

Указанная информация обычно содержится в специфических картотеках (следотеках), списках, коллекциях, в памяти ЭВМ и иных собирательных системах. Такого рода специфические системы справочных, розыскных и иных криминалистически значимых данных для раскрытия, расследования и предупреждения преступлений, являющихся своеобразными «хранилищами» подобной информации, получили в криминалистике название криминалистически значимых учетов. Научно разработанная система учетов сформировала целую регистрационную систему, называемую криминалистической регистрацией. Она представляет собой научно разработанную систему справочных, розыскных и иных криминалистических учетов объектов-носителей криминалистически значимой информации, используемой для раскрытия, расследования и предупреждения преступлений.

Криминалистическая регистрация имеет давнюю историю формирования и развития системы своих учетов. Длительное время она именовалась уголовной регистрацией, ибо ее основу составлял учет лиц, привлеченных к уголовной ответственности, и совершенных ими преступлений. Последовательное расширение круга учитываемых объектов (а сейчас регистрируются и лица, без вести пропавшие; трупы; предметы преступного пося-

гательства; предметы со следами преступления; средства и способы совершения преступлений; следы преступлений), да и разработанные криминалистами средства и методы получения указанной информации стали более совершенными. И совершенствуются они, главным образом, за счет внедрения информационных технологий.

Информация, используемая в органах внутренних дел, содержит сведения о состоянии преступности и общественного порядка на обслуживаемой территории, о самих органах и подразделениях, их силах и средствах. В дежурных частях, у оперативных работников, участковых инспекторов милиции, следователей, сотрудников экспертно - криминалистических подразделений, паспортно-визовых аппаратов, других подразделений на документах первичного учета, в учетных журналах и на других носителях накапливаются массивы данных оперативно-розыскного и оперативно-справочного назначения, в которых содержатся сведения:

- о правонарушителях и преступниках;
- о владельцах автомототранспортных средств;
- о владельцах огнестрельного оружия;
- о событиях и фактах криминального характера, правонарушениях;
- о похищенных и изъятых вещах, предметах антиквариата; а также другая подлежащая хранению информация.

Службы и подразделения органов внутренних дел характеризуются данными:

- о силах и средствах, которыми располагает орган;
- о результатах их деятельности.

Перечисленные выше сведения используются при организации работы подразделений и принятии практических мер по борьбе с преступностью и правонарушениями. Кроме указанных сведений широко используется научная и техническая информация, необходимая для совершенствования деятельности органов внутренних дел.

В информационном обеспечении органов внутренних дел центральное место занимают учеты, которые используются для регистрации первичной информации о преступлениях и лицах,

их совершивших.

Первоначально учеты назывались ***уголовной регистрацией,*** что отражало суть деятельности по регистрации преступников. Информацию о лицах упорядочивали по определенным группам признаков, что способствовало своевременному поиску необходимых сведений. В последующем учитывать стали не только самих преступников, но и предметы, следы, имевшие отношение к совершенному преступлению.

Впервые учеты были применены во Франции А.Бертильоном в начале XIX века. В предложенном им Криминалистическом учете фотоснимки преступников группировались по определенным признакам. Впоследствии Р. Рейсом была разработана система ведения картотеки с антропологическим описанием личности, в которую заносились такие характеристики, как рост, цвет глаз, параметры головы и др. Наиболее эффективной оказалась немецкая система учета, состоявшая из трех взаимосвязанных частей для регистрации признаков внешности преступников - альбома фотографии, картотеки особых примет и фототеки.

В СССР в 1961 г. была введена Инструкция по учетам в органах внутренних дел. При МВД СССР в 1971 г. был создан Главный научный информационный центр управления информацией (ГНИЦУИ), а в МВД, УВД были созданы информационные центры (ИЦ). В настоящее время в структуре МВД Республики Таджикистан имеется Информационное Управление, которое является самым крупным банком оперативно-справочной и розыскной информации в системе МВД Республики Таджикистан. На него возложена задача обеспечения органов и учреждений внутренних дел различной информацией - статистической, розыскной, оперативно - справочной, криминалистической, производственно - экономической, научно - технической, архивной.

С помощью учетов получается информация, которая помогает в раскрытии, расследовании и предупреждении преступлений, розыске преступников, установлении личности неизвестных граждан и принадлежности изъятого имущества. Они формируются в районных и городских подразделениях по территориальному (региональному) принципу и образуют базовые учеты ИУ МВД Республики Таджикистан. Кроме того, учеты также имеются в паспортных отделах.

Наряду с учетами в органах внутренних дел ведутся *экспертно-криминалистические централизованные коллекции и картотеки,* которые создаются и хранятся в ЭКО МВД и ЭКО соответствующих региональных подразделений МВД. Коллекции и картотеки ЭКО ориентированы, прежде всего, на обеспечение раскрытия и расследования преступлений.

Преступность может рассматриваться в качестве сложной динамической социальной системы, в которой действуют стихийные процессы, подчиняющиеся вероятностным закономерностям. Однако, эта система имеет статистическую устойчивость.

Информационной базой изучения преступности является государственная уголовная статистика, основу которой составляет первичный статистический учет (зарегистрированных преступлений и лиц, их совершивших; движения уголовных дел), осуществляемый органами внутренних дел. С помощью уголовной статистики определяется состояние преступности, ее уровень, структура и динамика; выявляются причины и условия, способствующие совершению преступлений, исследуются личности преступников, изучается система борьбы с преступностью.

Первостепенное значение для анализа оперативной обстановки и разработки адекватных мер реагирования на ее изменения играет четко налаженная система сбора, обработки и выдачи информации о состоянии преступности и результатах борьбы с ней.

Учетно-регистрационная и статистическая работа в органах внутренних дел всегда была одним из наиболее трудоемких процессов. В ней принимают участие практически все службы и подразделения МВД - следователи, дознаватели, оперативные работники, руководители подразделений и другие сотрудники.

В этой связи в Академии МВД РТ выполняется государственная научно-исследовательская тема «Развитие историко-правового и информационного обеспечения нормотворчества и правоохранительных органов Республики Таджикистан», которая состоит из следующих разделов:

1. Развитие законодательных основ совершенствования деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан.

2. История правоохранительных органов Таджикистана и их развитие.
3. Применение методов математического моделирования и информационно - коммуникационных технологий в задачах социальной сферы.

Целью данной темы является комплексное исследование становления, развития, анализ законодательных основ и практики, а также информационное обеспечение правоохранительных органов Республики Таджикистан.

В данной работе уделяется основное внимание разъяснению цели и задачи 3-го раздела темы. Настоящее время характеризируется возрастанием напряженности в социальной сфере, выражающаеся увеличением числа разнообразных типов преступлений. Эффективность борьбы с преступностью определяется уровнем организации оперативной, следственной, профилактической работы, проводимой органами внутренних дел. В свою очередь, результаты этой работы зависят от качества информационной поддержки, основанной на программно реализованных математических моделях, поскольку основные усилия практических работников в расследовании, раскрытии и предотвращении преступлений так или иначе связаны с получением необходимой информации. Именно система информационного обеспечения органов внутренних дел может обеспечить эти функции, которые должны поддерживать значительный объем информации.

В процессе исследований в рамках этого раздела темы была разработана модель АИС «Преступление».

На первом этапе необходимо составить набор требований, предъявляемых к конечному продукту, который формируется исходя из реальной потребности предметной области, т.е. органов правопорядка. Мы считаем, что графическое представление решаемой задачи является наиболее понятным и наглядным; для описания задачи мы будем использовать UML — унифицированный язык моделирования.

Поэтому мы ограничимся функциональностью и сформулируем основные требования к нашему проекту (автоматизированной информационной системе «Преступление») следующим образом:

- АИС «Преступление» предназначена для ввода,

хранения и обработки информации о видах преступлений, а также о лицах, совершивших это деяние (т.е. преступниках).

● Информация о преступлениях должна включать вид и их характерные особенности, количество совершенных, раскрытых и нераскрытых, которые при необходимости можно изменить.

● Информация о сотрудниках должна включать их резюме и анкетные данные, которые в обязательном порядке содержат поле: количество судимости с указанием срока и меры наказания.

❑ АИС «Преступление» должна обеспечить выполнение следующих действий, связанных с расследованием преступления (назовем их *следственными операциями):*

- раскрытые преступления;
- процент раскрываемости;
- осуждение преступника с указанием режима заключения;
- изменение режима заключения;
- освобождение преступника.

❑ АИС «Преступление» должна поддерживать несколько режимов осуждения:

- осуждение преступника;
- строгий;
- обычный;
- вольный.

❑ Одно и то же преступление может быть совершено одним лицом неограниченное число раз, также одно и то же лицо может быть осуждено неограниченное число раз с любым режимом заключения. Исходя из каждого факта совершения преступлений, необходимо вести расследование и выработать меру наказания; освобождение по каждому заключению должно выполняться отдельно.

❑ АИС «Преступление» должна обеспечить выполнение операции перевод осужденного с одного режима на другой

❑ АИС «Преступление» должна обеспечить форми-

рование документов, соответствующих произведенным действиям (операциям): приказы, распоряжения, служебные записки; а также документы со списками осужденных (с выбором по заданным параметрам) и сводкой о раскрываемости преступлений (текущей и на заданную дату).

Теперь на основе этих требований и ограничений мы выделим классы пользователей системы, определим их требования и построим описание системы с точки зрения пользователя. В системе обозначений UML описанием является *представление использования* (**Use-Case View**). Представление использования может состоять из нескольких диаграмм использования (**Use Case Diagram**), которые описывают отдельные части системы и систему в целом. Сначала составим диаграмму использования, описывающую систему в целом (рис.1). Эта диаграмма включает аспекты использования и внешние субъекты системы Отдел кадров. В UML аспектом использования (Use case) обозначается отдельная часть функциональных возможностей, представляемых системой, а внешним субъектом или субъектом использования любой субъект, использующий эти возможности, например, пользователь или другая система. Линиями на этой диаграмме соединяются взаимодействующие элементы, причем стрелками показано направление от элементов, инициирующих взаимодействие с другим элементом. Например, внешний субъект зав. отделом борьбы с преступностью (далее БП) может инициировать процесс получения отчетов (взаимодействие с аспектом использования *Получение отчетов*), а процесс протоколирования операций (взаимодействие с аспектом использования протоколирование операций) может инициировать аспект использования *следственные операции.*

В АИС «Преступление» выделено три класса пользователей (три роли), которым соответствуют три внешних субъекта, изображенных на диаграмме:

1. Зав. отделом борьбы с преступностью (БП) — отвечает за управление в деятельности раскрытия и расследования преступлений.

2. Зав. подразделениями исправительно-трудовых учреждений (ИТУ) - отвечает за управление данными об осужденных

3. Администратор (суперпользователь это может

быть начальник информационного управления - ИУ) имеет право полного управления системой.

Для внешних субъектов БП и ИТУ расписания требований, приведенных выше, делятся на два частично пересекающихся множества. Разделив соответствующим образом множество функциональных аспектов системы на две части, организуем две подсистемы АИС «Преступление»: Управление деятельностью по раскрытию и расследованию преступлений и управление режимом осужденных.

Подсистема Управление деятельностью по раскрытию и расследованию преступлений предназначена для работы с информацией о преступлениях, их видах и степени их раскрываемости. С этой подсистемой взаимодействует внешний субъект БП. Подсистема управление режимом осужденных предназначена для выдачи информации о персоналах, совершивших то или иное преступное деяние с штатным расписанием. Эта подсистема находится под управлением внешнего субъекта ИТУ. Управлять обеими подсистемами разрешено внешнему субъекту ИУ. Перечислим аспекты использования подсистем, выделенные в результате разделения множества аспектов использования всей системы на две части:



**Рис. 1. Диаграмма использования АИС «Преступление»**

Выполнение операций, определенных в подсистеме (следственные операции (СО), операции с режимом (ОР)).

1. Подготовка и печать отчетов о проведенной операции и других документах СО, получение отчетов ОР).
2. Просмотр таблиц в подсистеме (просмотр таблиц СО, Просмотр таблиц ОР).
3. Правка таблиц в подсистеме (непосредственным редактированием, а не с помощью операций) (Правка таблиц СО, Правка таблиц ОР),
4. Архивирование содержимого базы данных и удаление устаревших данных
5. Подсистема (Архивирование и обновление данных СО, Архивирование и обновление данных ОР).
6. Протоколирование выполненных операций в подсистеме (протоколирование операций СО, Протоколирование операций ОР).




**Рис.2. Диаграмма использования ИУ**

Диаграммы Использования Подсистем Управление дея-

тельностью по раскрытию и расследованию преступлений и управление режимом осужденных представлены на рис.2.

Подсистемы Управление деятельностью по раскрытию и расследованию преступлений и управление режимом осужденных связаны между собой: изменение данных в одной подсистеме может повлечь изменения данных - в другой. Например, определение меры наказания в подсистеме Управление деятельностью по раскрытию и расследованию сопровождается увеличением записи в подсистеме преступлений Управление режимом осужденных.




**Рис.3. Диаграмма использования ИТУ**

Для этого пользователь приложения ИТУ (рис.3), должен потребовать выполнения соответствующей операции у пользователя, исполняющего роль субъекта использования БП, например, отправив ему соответствующее сообщение по электронной почте.

**ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИТТИЛООТИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ**

**Нарзуллоев С.А.[*]**
**Умаров М.А.[**],**
**Ғафуров М.Х.[***],**

Иттилоот таркиби асосии пешрафти чамъиятӣ-иқтисодии мамлакатҳои чаҳон мебошад. Аксар мамлакатҳои мутараққӣ захираи боигарии миллии худро аз эҷод кардани донишҳои нав, навгониҳо ва технологияҳои нави иттилоотӣ оғоз кардаанд. Онҳое, ки маълумотро тезтар ҷамъоварӣ мекарданд, донишу навгониҳои зиёдеро ҷорӣ намуда, тезтар боигарӣ ба даст меоварданд. Яке аз сабабҳое, ки баъзе мамлакатҳо аз дигарашон бойтаранд маҳз дар ҳамин аст.

Бешубҳа, дар дунёи имрӯза, иттилоот дар равандҳои гуногуни дохилии ташкилотҳо новобаста аз соҳаи фаълияти муассиса накши бузургро мебозад. Дар ҳақиқат, аксари зиёди ташкилотҳо имрӯз маълумотеро, ки кормандонашон дар шакли таҷрибаи касбӣ ва оид ба раванду навгониҳо дороанд, боигарии асосии худ меҳисобанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои таҷдиди системаи идоракунӣ дар асоси ворид сохтани усулҳои нави инноватсионии роҳбарӣ ва боло бардоштани фарҳанги иттилоотии менеҷерон, бахусус тавассути таҳия ва омода кардани системаҳои иттилоотӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунад.

Фарҳанги иттилоотӣ дар шароити имрӯза ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанг ба ҳисоб меравад, зеро тақозои

---

[*] *Нарзуллоев С.А* – иҷрокунандаи вазифаи муовини сардори факултети № 3, номзади илмҳои тахника, подполковники милитсия.

[**] *Умаров М.А.* – дотсенти кафедраи Информатика ва системаҳои информатсионии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия, номзади имлҳои техника.

[***] *Ғафуров М.Х.* – сардори факлтети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои техника, полковники милитсия

замони мо чунин аст. Дар адабиёти илмӣ фарҳанги иттилоотиро ҳамчун маҳорати роҳбарон ва кормандон доир ба истифодабарии технологияҳои иттилооотӣ ва воситаҳои иртиботӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи хеш баррасӣ менамоянд.

Баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус роҳбарони соҳаҳои алоҳидаи он бештар аз он вобастааст, ки онҳо дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ то чӣ андоза системаи иттилоотии идоракунӣ, ташхисӣ, кофтуковӣ ва умуман бонкҳои маълумотро самаранок истифода мебаранд.

Татбиқ ва истифодаи васеи системаҳои гуногуни иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳҳо яке аз рукнҳои асосӣ ва марҳилаи муҳими рушди системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ мебошад. Ин гуна системаҳо имконият медиҳанд, ки иттилооти боэътимодро сари вақт ба даст овард. Ҳамчунин онҳо воситае мебошад, ки барои идоракунии маълумоти мақомот таҳия гардидаанд. Ҳадафи асосии ҷорӣ намудан ва истифода бурдани системаҳои иттилоотӣ мукаммал намудани раванди қабули қарор дар асоси таҳлили фаврии маълумот банақшагирӣ, иҷроиши барнома, мониторинг ва арзёбӣ, ба даст овардани индикаторҳои арзёбӣ  ва назорат мебошад.

Системаҳои иттилоотие, ки имрӯз дар мавриди истифодаи ҷузъҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ қарор доранд, ҳарчанд барои ҳалли масъалаҳои гуногун таҳия гардида бошанд ҳам,  рукни асосии иттилоотикунонии мақомот буда, ҳадафи ягонаи онҳо тавассути таъмини саривақтии маълумоти зарурӣ, ҳифз, коркарди фаврӣ ва интиқоли он беҳтар кардани раванди идоракунии роҳбарони ҷузъҳои мақомот ва қабули дурусти қарорҳо мебошад.

Иттилоотикунонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пеш аз ҳама ба таъминоти техникӣ ва барномавии ҷузъҳои сохтор ва татбиқи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ[57] асос ёфта, тайёр намудани мутахассисони зарурӣ ва истифодаи васеи системаҳои мухталифи компютерӣ ва технологияҳои шабакавиро тақозо мекунад. Он дар ташаккули фарҳанги иттилоотии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ накши бузургро мебозад.

---

[57] Технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИИ) – Информационно-коммуникационные технологии (ИКТ).

Иттилоотикунонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва инчунин маводи дигари расмӣ[58] такя карда, метавонад аз рукнҳои зерин иборат бошад (нақшаи 1):

1. ташкил намудани фазои ягонаи иттилоотӣ;
2. истифодаи ТИИ дар фаъолияти ҳуқуқи ҷиноятӣ;
3. таъмин кардани мақомот бо мутахассисони баландихтисос;
4. тадбиқи усулҳои илмии идоракунӣ ва системаҳои идоракунии иттилоотӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.




**Нақшаи 1. Вазифаҳои мубрами иттилоотикунонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

---

[58] Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи информатикунонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуччатҳои электронӣ» ва инчунин ҳуччатҳои расмӣ: «Стратегияи давлатии Технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар тараққиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ».

## 1. Ташкил намудани фазои ягонаи иттилоотӣ

Пӯшида нест, ки дар замони муосир суръати тараққиёти технологияҳои иттилоотӣ хеле зиёд мебошад. Аз ин рӯ, таҳия ва омода намудани системаҳои иттилоотие, ки бидуни ворид кардани ягон тағйирот талаботи ҷамъиятро дар муддати 10-15 сол қонеъ гардонад, имконнопазир аст. Бинобар ин, имрӯз бояд усулҳоеро мавриди истифода қарор дод, ки ба рушди доимии системаҳои иттилоотӣ мувофиқи тақозои замон ва мутобиқшавии он ба талаботҳои нав эҷод гардида, мусоидат кунад. Ин масъала метавонад танҳо дар асоси тадқиқоти мукаммали соҳа (дар мавриди мазкур - мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) ҳалли пурраи худро ёбад ва таҳияи системаҳои иттилоотӣ бо назардошти принсипҳои асосии он – технологияҳои кушода, универсалӣ, устуворӣ, эътимоднокӣ, бисёрсатҳӣ ва мувофиқат ба андозаҳои гуногун, иҷро шавад.

Дар ин ҳолат истифода бурдани таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ, ки онҳо пешниҳодоти корпоратсияи IBM–ро тадбиқ кардаанд, бамаврид мебошад. Ин пешниҳодот дар таъмин намудани як қатор принсипҳои зайл зоҳир мегардад:

- муттасилии пурраи рушди система;
- фарогирии пурраи ҳамаи ҷузъҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мувофиқати дақиқи сохторҳои он ва бо назардошти хусусияти вазифаҳои иҷрошавнда;
- принсипи системаи кушода;
- доштани имконияти мубодилаи иттилоот байни сохторҳои ҷузъии мақомот;
- имконияти ворид намудани тағйирот ва навгониҳо дар асоси барномаҳои мавҷуда ва малакаи касбии истифодабарандагон;
- харҷи камтарини истифодабарии система;
- ташаккули шаклҳои стандартии ҳисобот, ки дар сохторҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд;

- имконияти истифода бурдани комплексҳои компутерии мутаҳҳарик дар гурӯҳҳои фаврӣ-кофтукобӣ;
- ҳифзи иттилоот ва тақсимоти дастрасии он мувофиқи стандартҳои байналхалқӣ;
- имконияти мубодилаи қонунии иттлоот бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи байналхалқӣ.

## 2. Истифодаи ТИИ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ташкилоти байналмилалӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - Интерпол мебошад, ки ин имконияти мубодилаи қонунии иттлоотро чӣ дар дохили кишвар ва чӣ бо мақомоти мувофиқи далатҳои дигар фароҳам меоварад.

Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбиқи навгониҳои технологияҳои иттилоотӣ тавассути бунёд кардани шабакаҳои компутерии локалӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ ҷараён мегирад, ки таъминоти хеле хуби ахбории мақомотро имконпазир мегардонад. Яке аз ҷузъҳои асосии шабакаи мақомот бонки иттилооти ҷиноӣ мебошад, ки он зуҳуроти сохтори ягонаи иттилоотии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар айни замон ҳарчанд дар аксари минтақаҳои ҷумҳурӣ сохтани системаҳои иттилоотии минтақавӣ шурӯъ шуда бошад ҳам, аммо он ҳанӯз ба қадре номуташаккил аст ва гуфта наметавонем, ки ин системаҳо комплекси ягонаи иттилоотиро ташкил медиҳанд. Консепсияи асосии сохтори шабакаҳои компютерӣ дар гуногунсатҳии ҷамъоварӣ, коркард ва андӯхтани маълумот такя мекунад (нақшаи 2).




Страгеияи миллии беҳтар намудани фаолияти мақоммоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтори шабакаи соҳавӣ

Ҷамъоварии маълумот аз ноҳияҳо тавассути шабакаи сатҳи минтақавӣ

Дар сатҳи ноҳиявӣ маълумот оид ба вазъияти ҷиноӣ дар ноҳия ҷамъоварӣ мешавад, маълумоти ҳисоботӣ омода мегардад.

**Нақшаи 2. Сатҳои гуногуни сохтори системаҳои иттилоотӣ**

## 3. Таъмин кардани мақомот бо мутахас-сисони баландихтисос

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон одатан бо мутахассисони баландихтисос, ки дар таълимгоҳҳои махсуси ҷумҳурӣ ва берун аз ҳудуди кишвар тайёр гардидаанд, таъмин карда мешаванд. Аммо мутахассисони соҳаи технологияи иттилоотӣ дар таълимгоҳҳои махсуси ҷумҳурӣ тайёр карда намешаванд. Азбаски дар дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ ба микдори зиёди ин гуна мутахассисон эҳтиёҷ нест, бинобар ин онҳоро ҷиҳати таъмини мақомот аз таълимгоҳҳои дигари ҷумҳурӣ ҷалб мукунанд. Аз ин сабаб, мо масъалаи тадриси асосҳои технологияҳои иттилоотӣ дар таълимгоҳҳои махсуси ҷумҳуриро мавриди баҳс қарор медиҳем.

Муддати зиёд дар системаи маорифи ҷумҳурӣ ҷиҳозонидани таълимгоҳҳо бо техникаи компутерӣ ва системаҳои автомитизиронидаи унсурҳои алоҳидаи таълимро ба сифати нақши иттилоотикунонӣ мепиндоштанд. Дар ин ҳолат набудани ғояи ягонаи иттилоотӣ ва техникӣ ба тазоди муайян меовард. Зуҳуроти ин тазод дар номувофиқ будани ҳадафҳои педагогӣ ва донишомӯзон буд. Қолаби кӯҳнаи маориф фарқи байни хонандагонро маҳв мекард ва лаёқати фардии онҳо аз назар ғоиб мемонд. Бинобар ин ташаккули косепсияи илмии маориф, ки ҳадафи он ҳалли масъалаҳои муҳими методологӣ, педагогӣ ва иттилоотию техникӣ мебошад, хеле мубрам аст ва ҳалли ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Дар ин маврид, махсусан, принсипҳои зайл қобили қайд аст:

- бунёд намудани қолаби (моделӣ) нави тайёр кардани мутахассисон;
- ташаккули илмӣ ба сатҳи омодагии хонандагон;

- таҳия кардани сохтори оптималии ҷараёни таълим;
- ҷорӣ намудани қоидаҳои кушоди назорати давлатии маориф;
- ташаккули нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълим.

Маълум аст, ки ин гуна масъалаҳои дорои андозаи бузургро танҳо дар асоси тадбиқи технологияи муосири иттилоотӣ ва системаҳои иртиботӣ дар фаолияти макотиби олӣ, ҳал намудан мумкин мегардад.

## 4. Тадбиқи усулҳои илмии идоракунӣ ва системаҳои идоракунии иттилоотӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

Истифодаи усулҳои риёзӣ яке аз самтҳои рушди идоракунии илмӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Бояд қайд кард, ки қабули қарор дар соҳаҳои иҷтимоӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳз ба ҳамин гуна соҳа тааллуқ дорад, масъалаи хеле мушкил аст. Аз як ҷиҳат ин мушкилӣ дар мураккабии соҳа зоҳир мегардад, зеро чунин сифатҳои шахси қарор қабулкунанда (ШҚҚ) ба монанди таҷриба, малака, кордонӣ, дониши дар таҷрибаи корӣ пайдо карда на ҳама вақт метавонанд ба қабули қарори дуруст оваранд. Аз ҷиҳати дигар бошад, санҷиши таҷрибавии натоиҷи қабули қарор дар аксари сохторҳои системаҳи иҷтимоӣ ё хеле гарон аст ё имконнопазир аст.

Аз ин рӯ, гузашата тавонистан ба шакли формалии ифодаи соҳа, бино намудани моделҳои риёзӣ ва дар компутер санҷидани модел бо мақсади таҳия намудани тавсияҳо барои қабули қарор, дар замони ҳозир маҳз схеле муҳим мебошад.

Яке аз мушкилоти асосие, ки дар фаолияти идоракунӣ ба миён меояд, ин қабули қарор дар шароити номуайянӣ ё набудани иттилооти пурра оид ба натиҷаҳои амалиёти интихобшуда мебошад. Аз ин сабаб, барои беҳтар дарк намудани ҳамаи мушкилоти масъалаи фаолияти идоракунӣ, бояд сохтори консептуалӣ ё модели раванди идоракуниро эҷод намуд.

Мо кӯшиш кардем, ки модели муфидро пешниҳод созем. Муфид ба он маъно, ки дар асоси он хулосаҳои муайян баровардан муикин аст, ва онҳо ниҳоят ба беҳтар шудани раванди ҳақиқии идоракунӣ оварда мерасонанд. Ифода кардани идоракуни ҳамчун раванди омӯзиш, ба назари мо, қолаби қулайтар аст. Дар ин ҳолат қолаби чараёни идоракуни аз марҳилаҳои зерин иборат буда метавонад:

1. Ошкор ва ифода (гузориш) намудани масъалаи ҳалшаванда ё масъалаҳои идоракуние, ки дар асоси таҷрибаи қаблӣ ва маълумоти мавҷуда ташаккул ёфтааст;
2. Қабули қарор ва амалӣ гардонидани он;
3. Таҳлили натоиҷи қабули қарор аз нуқтаи назари усулҳои беҳтар намудани онҳо ва илова кардани онҳо ба таҷрибаи ҷамъкарда, ки дар қабули қарори минбаъда истифода бурда мешавад.

Ин раванд қабули қарор, иҷроиши амалҳо ва омӯзиши таҷрибаи қаблиро барои беҳтар намудани фаолият дар оянда дар бар мегирад. Дар ин маврид идоракунӣ ҳамчун раванди инкишофёбанда ифода мегардад. Қолаб бошад, имконият медиҳад, ки идоракуниро ҳамчун механизме, муоина кунанд ва тавассути он омӯзиши фаолияти муташаккилона иҷро мешавад. Пас мувофиқи ин қолаб идоракунӣ дар ҳар як соҳаи сохтори хидматии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба монанди механизми мутобиқшаванда мебошад, ки тавассути азнавсозии муттасил бо мақсади бозёфтани усулҳои муайян намудани иртиботи дохили сохтор ва иртибот бо муҳити беруна иҷро мешавад.

Ҳангоми пайдо гардидани омили идоракунӣ (маълумот дар бораи содир кардани ягон ҷиноят, маълумоти ахбори фаврӣ, омодагии ҳайати шахсӣ, фаолият дар ҳолатҳои фавқулодда ва ғ.) дар асоси таҷриба ва маълумоти дастрас қолаби нахустини қарори ояндаро ташкил медиҳад. Қолаби нахустин аз сабаби нокифоя будании иттилоот ва зиёд будани дараҷаи номуайянӣ метавонад на он қадар дақиқ бошад. Маҳз ҳамин ҳолат роҳбарро водор месозад, ки қарорҳои дигари иловагиро ҷустуҷӯ кунад. Дар ҳар ҳолат номуайянии натоиҷи фаолият ба ҷамъ овардани маълумоти

иловагӣ оварда расонад, ки метавонад пешгӯии асоснок пешниҳод кунад.

Муайян намудани системаи арзишҳо, яъне ташаккули ва таҳлили меъёрҳо ё функсияҳои арзёбӣ марҳилаи дигари муҳими раванди қабули қарор мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло модели консептуалии раванди идоракуниро нақшавӣ чунин тасвир кардан мумкин аст (нақшаи 3).




**Нақшаи.3. Қолаби раванди** идоракунӣ

Чи тавре, ки аз нақша дида мешавад, дар раванди идоракунӣ гузориши масъаларо дар ҳолатҳои зерин аз нав дида мебароянд:

- ҳангоми ҷустуҷӯи вариантҳои алтернативии қарор, ки он ба фаъолияти беҳтар меоварад;

- ҳангоми нокифоя будани маълумот ва имконнопазир будани пешгӯии натиҷаҳои қабули қарор;
- ҳангоми ғайриқаноатманд будани меъёрҳо, ки дар натиҷаи таҳлили онҳо муайян мегардад;
- ҳангоми таҳлили натиҷаҳои амаликунонии қарор ва барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар.

# РУШДИ ЮРИСЛИНГВИСТИКАИ ТОҶИК - ТАҚОЗОИ ЗАМОН

**Шокиров Т.С.***

Забоншиносии ҷаҳонӣ умуман ва забоншиносии тоҷик, аз ҷумла, дар садаи ХХ-ум хеле рушд ёфт. Маҳз дар ҳамин давра он ба туфайли авҷи тараққиёташ ба соҳаю равияҳои гуногун ва мухталиф тақсим шуда, боиси боз ҳам такомулу густариш ва омӯзиш ёфтан ва ба ҷабҳаи умумии инкишофу пешрафти илму техникаи навтарин рӯ овардани илми мазкур гардид. Инкишофи фавқулсурати илму техника тамоми илмҳоро бо ҳам пайвастатар, пуриртиботтар ва босуботтар сохт.

Агар аз замонҳои хеле пеш масоили мухталифи иҷтимоӣ, этнографӣ, рӯҳшиносӣ боиси ба майдони илм омадани соҳаҳои сотсиолингвистика, этнолингвистика ва психолингвистика гардида бошанд, дар авохири солҳои 90-и садаи ХХ ба шарофати дар миёни аҳли башар ҳарчи бештар мақоми волоият пайдо намудани қонуну қонунгузорӣ дар забоншиносии ҷаҳонӣ соҳаи нав бо номи ***юрислингвистика*** арзи вуҷуд карда, дар даҳсолаи аввали садаи кунунӣ беш аз пеш мақоми арзандаро соҳиб гашта истодааст.

Дар забоншиносии ҷаҳон, аз ҷумла, дар Амрикову Русия гуногунтарин ва мубрамтарин ҷиҳату ҷабҳаҳои ҳуқуқшиносӣ на танҳо мавриди баррасии коршиносони ин соҳа, балки соҳаи забоншиносӣ низ қарор мегирад, ки ин бесабаб ва тасодуфӣ нест. Чунки ҳар маводи ҳуқуқшиносӣ, хоҳ қонун бошаду хоҳ ягон модда ё мақола, он ногузир ҷанбаи забоншиносӣ низ дорад. Аммо, мутаассифона, то ҳанӯз ин истилоҳ барои забоншиносӣ ва ҳуқуқшиносии тоҷик бегона аст, ҳарчанд ки баъзе асарҳои забоншиносии даҳ соли охир бевосита ё иҷмолан ин масъаларо шомил буданд.

Профессор Саймуддинов Д. дар асараш «Вожашиносии тоҷик» истилоҳоти ҳуқуқшиносии тоҷикро дар давраи миё-

---

* *Шокиров Т.С.* – ҷонишини сардори факултети № 4 Академияи ВКД оид ба таълим (Хӯҷанд), номзади илмҳои филологӣ, полковники милитсия.

наи рушдаш таҳлил намуда, маъникушоӣ доштааст. Муаллифи ин сатрҳо низ дар китобҳояш ва чанд мақолаҳояш аз пайдоиш ва ташаккули истилоҳвожаҳои ҳуқуқшиносии тоҷик аз замонҳои қадим то имрӯз баҳс кардааст[59]. Вале ин масъала диққату таҳлили ҷиддитаре металабад. Зеро имрӯз масоили ҳуқуқу ҳуқуқшиносӣ ҳар як фарди ҷомеаро дахлдор буда, тамоми зисти инсон ба чаҳорчӯбаи қонун ва риояи он вобаста мебошаду бояд тамоми истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ ба мардум возеҳ бошад. Ин вазифаро маҳз юрислингвистика метавонад ба ҷо орад. Ин соҳа дар забоншиносии ҷаҳонӣ хеле ҷавон буда, ояндаи хуби рушду инкишоф дорад. Бинобар он мо пешниҳод менамоем, ки дар забоншиносии муосири тоҷик низ ҳамчун соҳаи нави забоншиносӣ бо истилоҳи байналхалқии ***юрислингвистика*** ё бо номи ***забоншиносии ҳуқуқӣ*** истилоҳоти ҳукуқшиносӣ, забон ва услуби қонуну қонунгузорӣ, меъёр ва меъёргузории фонетикӣ, луғавӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, тарҷума ва усулу услуби баргардониши ҳуҷҷату санадҳои ҳуқуқӣ, қазияҳои қонунофарӣ ва ғайраро аз назари забоншиносӣ баррасӣ намояд.

Юрислингвистика аз вожаҳои *юриспруденсия* ва *лингвистика* гирифта шуда, ифодагари лингвистикаи (забоншиносии) ҳуқуқӣ мебошад. Мусаллам аст, ки ин ду вожа ду соҳаи хеле бузургу муҳими илми муосирро фарогир буда, ҳар кадоме бо ҳаллу фасли муаммоҳои зиёди ҷабҳаҳои хеш машғул аст. Яъне, *юрислингвистика* соҳаи забоншиносиест, ки бо омӯзиши вожаю истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ, вижагиҳои луғавию маъноӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, услубӣ ва вазоифи онҳо машғул буда метавонад. Он ҳар як вожаи таркиби луғавиро дар вобастагӣ бо вижагиҳои ҳуқуқию юридикӣ баррасӣ намуда, дар рушду амиқрафти забони ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, забоншиносии (лингвистикаи) судӣ, дастхатшиносӣ, китобатшиносӣ, нусхашиносӣ, хатшиносӣ, аломатшиносӣ, иншошиносӣ ва ғ. саҳми сазовор мегузорад.

Яке аз асоситарин хусусиятҳои юрислингвистика дар он аст, ки тамоми масоили забоншиносиро аз назари ҳуқуқшиносӣ баррасӣ менамояд, зеро дар ҳуқуқшиносӣ оддитарину омитарин вожаи забон метавонад, вижагии махсу-

---

[59] *Шокиров Т.С.* Истилоҳоти ҳуқуқшиносии тоисломӣ дар забони тоҷикӣ. Хӯҷанд. Хуросон. 2008. 112 с.; *Шокиров Т.С.* Истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ дар «Авесто». Хӯҷанд. Р.Ҷалил. 2008. 76 с.

се касб намояд. Масалан, вожаи ***ҳаракат***, ки аз назари забоншиносии муқаррарӣ калимаи оддии арабиасл, умумиистеъмолӣ, серистеъмол, мӯътадилмаъно, сермаҳсул ва содда мебошад, дар ҳуқуқшиносӣ амалу кирдоре дониста мешавад, ки он метавонад, боиси содир намудани ҷиноят гардад, ё худ ***адолат*** аз лиҳози забоншиносии муқаррарӣ калимаи аз ҷиҳати баромад арабӣ буда, чун умумиистеъмол, оммафаҳм, серистеъмол, мусбӣ, таровати адабидошта, сермаҳсул, содда, масдари исмшуда таҳлилу тасниф карда мешавад.

Аз мавқеи забоншиносии ҳуқуқӣ (юрислингвистика) ***адолат*** яке аз «Принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ» буда, моддаи 8-уми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва шарҳу эзоҳи махсуси худро дорад. Дар «Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» *адолат* чунин шарҳ ёфтааст: *«Адолат категорияи ҳам ҳуқуқ ва ҳам ахлоқӣ аст. Адолат мутаносибии зуҳуроти (падидаҳои) муайянро аз нуқтаи назари хубӣ ва бадӣ нишон медиҳад (мутаносиби байни ҷиноят ва ҷазо, байни ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ ва г.)». Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, принсипи адолат дар он ифода мегардад, ки ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноятсодиркарда татбиқ карда мешаванд, бояд одилона бошанд, яъне, ба вазнинии ҷиноят, ҳолатҳои мушаххаси ҷинояти содиршуда ва хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор (яъне, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳкор) мувофиқат намояд*[60] Дар ин китоб *адолат* чун принсипи қонуни ҷиноятӣ дар шаш банд ба ҳаҷми ду саҳифа эзоҳ дода шудааст.

Ин ҳама шаҳодати онанд, ки забоншиносию ҳуқуқшиносӣ чун ду соҳаи қадими илм бо ҳам иртиботи хеле қавӣ доранд ва дар айни замон воҳиди илмии яке дар дигаре мавҷуд буда, ҳар кадоме вижагиҳои соҳавие пайдо намудааст, ки ҳангоми омӯзиш сарфи назар кардани яке аз онҳо номукаммалии маъноию сарфӣ, наҳвию услубӣ ё ҳуқуқие назаррас мегардад. Аз ин ҷост, ки ҳанӯз римиёни қадим, ки миёни онҳо ҳуқуқу ҳуқуқшиносӣ хеле реша давонида буд, ба маънои ҳуқуқии воҳидҳои забон аҳамияти хоса медоданд. Онон масалан, ҳангоми муаррифии шоҳ, падар, модар аввал

---

[60] Тафир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус. 2006. С.22.

маънои ҳуқуқии ин вожаҳоро эзоҳ дода, баъд эшонро мешиносонданд, то ки мақому манзалаташон барои ҳар як шахс равшану аниқ ва бебаҳс гардад. Ин масъала барои зардуштиён низ чунин будааст. Анъанаи мазкур имрӯз ҳам пойбарҷо буда, бисёр вожаю истилоҳот дар ҳар ду соҳа мустаъмал аст, вале коршиносони ҳарду соҳа онро бо вижагиҳои худ корбаст месозанд, ки *меъёр, қонун, ҳад, сохт, сохтор, дараҷа, объект, субъект, нутқ, иштирокчӣ (и нутқу ҳодиса*), *ҳифз (и забон ва қонун*) ва ғайра аз он ҷумлаанд. Ин ва чунин мисолу далелҳо моро водор месозанд бигӯем, ки ин ду илм то кунун ба ҳам ба тариқи лаҳзавию ғайримахсус ва тасодуфӣ наздик шуда, иртибот мегирифтанд. Акнун вақте расидааст, ки рушди иртиботи ин соҳаҳоро ба низоми муайяне даровarда, зарурат ва қонуниятҳои он муайяну муқаррар карда шавад. Барои ин бояд, пеш аз ҳама мақсад, вазифа ва мақоми соҳа дақиқан муайян карда шавад.

Мақсад ва вазифаи ***юрислингвистика*** иҷмолан дар боло зикр гардид. Мушаххасан мақсад аз роиҷ доштани *юрислингвистика ҳамаҷониба баррасӣ намудани хусусиятҳои луғавӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, услубӣ ва матнию соҳавии вожаю истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ мебошад.*

Вазифааш ба вожаю истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ татбиқ намудани қоидаю қонунҳои илмию назариявӣ ва амалии забоншиносии тоҷик ва омӯзиши таснифоти ҳуқуқшиносию забоншиносист. Яъне, он робитаи мутақобилаи забон ва қонуну ҳуқуқро таъмин менамояд. Ба қонун чӣ гуна муносибат доштани забонро баррасӣ месозад. Вай дар ҳар як вожаи таркиби луғавии забон ба ҷуз маънову мазмуни асосиву аслӣ боз тобиши маъноии махсусеро меҷӯяд, ки маҳз дар мавриди муайяну мушаххас бо он ҷилову дурахшу мӯҳтавои тоза на чун воҳиди забон, балки чун ифодагари мақсаду мароми қонуну қонуният ва ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор мегирад. Масалан, вақте ки мо дар байти зерини Ҳофизи Шерозӣ вожаи *бахшидан*ро мехонем, онро чун калимаи сермаъно, серистифода, тобиши эҳсосии мусбидошта қабул менамоем:

***Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,***
***Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.***

Аммо аз лиҳози таҳлили юрислингвистикӣ ин вожа танҳо чун ифодагари *бахшидани* гуноҳ фаҳмида мешавад. Зеро, барои боиси гуногунфаҳмӣ нашудани вожаҳои

сермаъно дар «Қоидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ» махсус таъкид гардидааст, ки ҳангоми корбасти калимаю ифодаҳои сермаъно маҳз бо кадом маънӣ истифода шудани онҳо таъкид ёбад.

Дар адабиёти бадеӣ, хусусан назм истифодаи вожаҳои сермаъно санъати хубу олӣ буда, маҳорату забондонии муаллифро собит созад, дар матни меъёрию хуқуқӣ комилан баръакс ҳисобида мешавад. Бинобар он санаи 17-уми майи соли 2004, таҳти № 35 дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Қоидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ» санади махсус қабул карда шуд, ки дар он омадааст:

1. Агар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ духӯра ифода ёфта бошад, ё худ онро ду хел маънидод намоянд, дар ин сурат он ба манфиати айбдоршаванда (судшаванда, маҳкумшуда) тасриф (маънидод) карда мешавад;

2. Ибораҳо ва (ё) мафҳумҳое, ки дар ҳамин кодекс истифода бурда мешаванд, ҳамон маъноеро доранд, ки дар қонунҳои дахлдор оварда шудаанд, агар дар Кодекси ҷиноятӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад;

3. Дар доираи Кодекси мазкур ба маъноҳои гуногун тафсир кардани мафҳумҳои якхела манъ аст, ба шарте ки дар худи ҳамин кодекс оид ба ин нишондоди махсус мавҷуд набошад[61].

Моддаи мазкур ба Кодекси мазкур бо мақсади риоя ва ҳифзи комили ҳуқуқҳои инсон илова карда шудааст.

Дар м.38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бошад, махсус таъкид гардидааст, ки «матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мухтасар, бо забони содда ва равону фаҳмое баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд». Зиёда аз ин, м.40-уми он талаб менамояд, ки дар ҳуҷҷату санадҳои меъёрӣ вожаю истилоҳоти ҳаммаъно кор фармуда нашавад[62].

Омӯхтани чунин хусусиятҳои ҳуқуқии таркиби луғавии забон маҳз вазифаю мақсади забоншиносии ҳуқуқӣ (юрислингвистика) мебошад. Танҳо он ҳамчун як соҳаи забоншиносии тоҷик бо тамоми мукаммалияташ, чун системаи

---

[61] Тафир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус. 2006. С.27.
[62] Ҳамонҷо. С.28.

соҳавӣ метавонад вижагиҳои ҳуқукшиносии забони давлатиро баррасӣ намояд. Зарурати дигари ин соҳаи забоншиносиро боз як падидаи нави солҳои охир тақозо дорад, ки ин ҳам бошад, бо сифати баду салиқаи пасти забондонӣ ба истифодаи хизматӣ пешниҳод гардидани зиёда аз сад қонуну кодекс ва оинномаю санадҳои меъёрию роҳбарикунандаи солҳои охир батабъ расида аст. Ҳамаи ин ҳуҷҷату санадҳои ҳукуматӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ ба табъ расидаанду бояд таҷассумгари мақому манзалат ва тавоноии он бошанд. Омӯзиши юрислингвистию лингвоюристии онҳо бояд консепсиявию (маҷмӯавию) системанок бошад, ки ин ҷиҳати фавқулзабоншиносии ҳуқуқию юридиконии (металингвистии) забон ва нутқи гӯяндаи онро тақозо медорад. Ҳамчунин эҷоди қонун (қонунэҷодкунӣ) ва тафсири он низ барои забону забоншиносии тоҷик падидаи нисбатан нав буда, то имрӯз хеле мухталифу гуногун ва аксар матни кодексу қонунҳо муғлақу таҳрирталаб манзури корбадастон гашта истодааст ҳар кадоме тадқиқи махсусеро интизор аст, ки ин ҳам соҳаи баррасии забоншиносии ҳуқуқиро доманадор мегардонад.

Дар ***лингвоюристика*** бошад, алҳол ба ҷуз чанд мақолаи алоҳидаю андешаҳои пароканда ва тақризҳои ҷудогона чизе дар даст надорем. Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби муҳаққиқон Давлатов А., Муродов А.Х., Менглиев Р. Ш., Фозилов Н. Н., Шокиров Ғ.А. ва чанде дигарон мақолаҳои дастурие ба табъ расидаанд. Аз тарафи чаҳор нафари аввал бо забони русӣ маҷмӯъаи мақолаҳо бо номи «Методические пособие по разработке нормативных правовых актов» ба интишор расидааст, ки чаҳор бобро шомил буда, ба баррасии умумию дастурии марҳалаву принсипҳои фаъолияти қонунофарӣ, баъзе ҷиҳатҳои техникаи таълифи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, хусусиятҳо, умумият ва фарқияти чунин санадҳо оид мебошад, вале ин хеле нокифоя аст[63].

Таҳлилҳои лингвоюристӣ ва юрислингвистии матнҳои кодексҳо, қонунҳо, ҳуҷҷату санадҳо собит менамоянд, ки яке аз сабабҳои асосии ин қадар зуд-зуд ва ниҳоят бисёр (масалан, ба «Кодекси ҷиноятии соли 1961 зиёда аз 800 тағйироту

---

[63] *Давлатов А., Муродов А.Х., Менглиев Р. Ш., Фозилов Н. Н.* Методические пособие по разработке нормативных правовых актов. Душанбе. 2005.151 с.

иловагиҳои ҷиддӣ ворид карда шуда буд»[64] ) дохил гардидани тағйироту иловаҳо низ маҳз набудани ин ду соҳаи бисёр муҳим ва зарури илмӣ мебошад.

Тақозои замон аст, ки ин ду соҳа дар қатори бисёр риштаву  соҳаҳои илми муосир арзи вуҷуд доштаву рушд ёфта бошад. Мо мутмаинем ва бо маводи зиёд ба собит расонидаем, ки дар сурати аз баррасии лингвоюристӣ ва юрислингвистӣ гузаштани маводи ҳуқуқшиносӣ  пурмӯҳтаво ва деристеъмол хоҳанд шуд.

Бинобар он  бо мақсади рушд бахшидан ба ин соҳа ва таъмини омӯзиши системаноку мукаммали қазияҳои он дар забоншиносӣ соҳаи нав- ***юрислингвистика*** ва дар ҳуқуқшиносӣ- ***лингвоюристика*** ҷорӣ карда ба рушду инкишофи он ҳаматарафа мусоидат кардан бар нафъи илму пешрафти ҷомеаи ҳуқуқбунёд хоҳад буд.

[64] Тафир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Глобус. 2006. С.5

## ТАҲЗИБИ АХЛОҚ ДАР ҶОЗИБАҲОИ ФИКРИИ ФИРДАВСӢ

🗁

**Хокироев Р.Г.**[*]

«Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ҳамчун дарёи бекарон ва бепоён аст, ки расидан ба ниҳояташ ғайримумкин ва дур аз имкон мебошад. Дар ин шоҳкорӣ масъалае, ки мавриди таваҷҷӯҳи Ҳаким Фирдавсӣ қарор мегирад, покдоманиву таҳзиби ахлоқ ва расидан ба охирин марҳилаи инсонӣ мебошад. Кулли донишмандон ва пажӯҳишгароне, ки дар мавриди мақоми Фирдавсӣ ва бузургии шоҳкории ӯ сухан пеш овардаанд, пеш аз ҳама, арзиши баланди андешаҳои волои ахлоқии шоир ва панду андарзҳои асари ӯро таъкид намудаанд. Масалан, Сайид Ҳасани Тақизода Фирдавсиро покахлоқтарин шоири форсигӯй дониста, чунин андешаеро пеш меорад. Ахлоқи Фирдавсӣ бисёр олӣ ва хуб буда ва балки тавон гуфт дар миёни ҷомеаи шуарои Эрон касе ба покии ахлоқи вай набуда, аз гадоиву мадҳгӯӣ барои пул ва тамаллуқи бемаънӣ мубарро буда ва доиман дар насоеҳи худ бар зиддӣ мардумозориву дурӯғгӯӣ ҳарф мезанад[65]. Воқеан ҳадафи аслии Фирдавсӣ аз иншои шоҳасар на афсонагӯиву ҷангноманависӣ, балки нишон додани сабақи таърих дар мисоли Эрони Бостон ва панду андарз додан ба инсон аст. Ҳақ ба ҷониби адабиётшиноси тоҷик Мирзо Муллоаҳмад аст, ки беғаразона дар ин мавзӯъ чунин андешаи солимро гӯшзад менамояд. Бесабаб нест, ки панду насиҳат ва андешаҳои ахлоқӣ саросари «Шоҳнома»-ро фаро гирифтаанд ва пайдо кардани достоне ва ҳатто вараќе аз он душвор аст, ки ҳовии андарзе набошанд[66].

---

[*] *Хокироев Р.Г.* – сардори Шӯъбаи илмӣ-тадқиқотӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, подполковники милитсия.

[65] *Сайид Ҳасани Таҳқизода*. Суханони гузида дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ / Гирдоваранда Зиёуддин Саҷодӣ. Теҳрон. Суруш. 1371. С.28.

[66] *Мирзо Муллоаҳмад*. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ. Душанбе. Деваштич. 2003. С.10.

Ҳамзамон, донишманди эронӣ Қадамалии Сарромӣ бар асари таҳқиқи амиқи шаклшиносии «Шоҳнома» ба чунин натиҷа расидааст, ки гӯфтаҳои болоро тақвият медиҳад. Тақрибан ҳеҷ як аз достонҳои «Шоҳнома» холӣ аз панду андарз нест. Ҳатто агар дарунмояи достон ҷанбаи ахлоқӣ надошта бошад, боз дар лобалои он Фирдавсӣ ё қаҳрамонони асари ӯ паёмҳои ахлоқиро бозгӯ кардаанд. «Шоҳнома» дар кулли ситоиши хайру некӣ ва накӯҳиши шарру бадӣ аст[67].

Матолиберо, ки ӯ дар лобалои ашъори ҳамосии худ баён доштааст, дар мавзӯи интихобнамудаи мо бархе аз нуқоти муҳимми онҳо таҷзия ва таҳлил мегардад. Дар ҳолатҳои зарурӣ қитъаҳои кӯтоҳе барои иттилоъ оварда мешаванд, ин кор хонандагони азизро барои шиносоии тамоми марҳилаи зиндагии солим, ки мадди назари ин шоири ҳамосасаро будааст, ошно месозад. Ин фаслро бо абёти зер оғоз мекунем:

***Нигар то надорӣ ба бозӣ ҷаҳон,***
***Набаргардӣ аз некпай ҳамраҳон.***
***Ҳама некиат бояд огоз кард,***
***Чу бо некномон буви ҳамнаворд.***
***Аз ин дар сухан чанд ронам ҳаме,***
***Ҳамоно каронаш надонам ҳаме*** (1,20)[68]

***Ту то зиндаӣ сӯи некӣ гарой,***
***Магар кам ёбӣ ба дигар сарой*** (3,338)

Роҳи саодат ва некнамоии афроди башар танҳо дар ислоҳи ҳама гуна аъмоли бад муяссар мегардад. Яъне, агар ҳамаи мардуми дунё покдоман ва писандидахӯй бошанд, ҷангу ҷидол, хунрезӣ, одамкушӣ, дурӯягӣ ва нифоқ, кина ва нафрат аз байн меравад ва Мадинаи Фозила эҷод мешавад,

---

[67] *Қадамалии Сарромӣ.* Аз ранги гул то ранҷи хор (Шаклшиносии достонҳои «Шоҳнома»). Теҳрон. 1368. С.92.

[68] Шоҳномаи Фирдавсӣ. Чопи идораи интишорот. Шӯъбаи адабиёти Ховар, ки нӯҳ ҷилд аст, интихоб гардид ва барои он ки муроҷиат ба асл барои хонанда осон бошад шумораи саҳифа ва ҷилди китоб оварда мешавад.Ҷ.1. С.20 (минбаъд номи китоб ва саҳифаи он дар қафс бо рақам нишон дода мешавад).

ки ин орзуи ҳамешагии аҳли башар будааст. Пас баррасии боби таҳзиби ахлоқ чунон густурда аст, ки интиҳо ва каронаш рӯшан нест. Нигариш ба яке аз масоили ахлоқӣ, яъне, некӣ кардан ба ҳамнавъон аҳамияти мавзӯъро ба субут мерасонад, ки шоир сари ин масъала андеша пеш меорад:

***Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,***
***Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.***
***Набошад ҳамон неку бад пойдор,***
***Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор*** (1,251)

***Ба ҷои касе гар ту некӣ кунӣ,***
***Мазан бар сараш то дилаш нашканӣ.***
***Чу некӯкуниш бошиву бурдбор,***
***Набошӣ ба чашми хирадманд хор*** (6,3)

***Ҳама сар ба сар дасти некӣ баред,***
***Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред*** (7,30)

***В-агар бад кунӣ, ҷуз бадӣ надравӣ,***
***Шабе дар ҷаҳон шодмон нагнавӣ*** (5,383)

Танҳо мояи ростагорӣ наёзурдани мардум аст, зеро одамӣ дасти тавоно ва қудрат дорад, ки дар абёти зер шоир онро чунин арзёби намудааст:

***Ба бад кардани хешу озори кас,***
***Маҷӯй, эй писар, дарду тимори кас*** (6,190)

***Битарс аз Худову маёзор кас,***
***Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас*** (2,202)

***Беозориву судмандӣ гузин,***
***Ки ин аст фарҳанги оину дин*** (7,194)

***Беозориву мардумӣ боядат,***
***Гузашта чу хоҳӣ, ки нагзоядат*** (6,453)

***Ситеза на нек ояд аз номҷӯй,***
***Бипарҳезу гирди ситеза мапӯй*** (6,208)

Росткирдорӣ ва дурусткорӣ ҳамон чизе, ки ба иттифоқ ҳамаи адёни осмонӣ бад-он таваҷҷӯҳ карда ва онро ситоиш кардаанд, ки дар гуфтори шоир ба ҳадди фаровон вуҷуд до-

рад. Муҳим ин аст, ки дар бисёре аз гуфтаҳои шоир ҷавонмардӣ ва ростӣ, дӯш ба дӯши ҳам ҷилвагарӣ менамоянд.

Барои Ҳакими Тӯсӣ рӯшан аст, ки тамоми дурӯғҳо ва нобовариҳо аз заъфи нафс ва нотавонӣ аст, яъне афроди тарсӯ аз гуфтани ҳарфи рост мегурезанд:

***Ҳаме мардумӣ бояду ростӣ,***
***Зи каҷҷӣ бувад каму костӣ.***
***Аз ин пас маро ҷом пайкор нест,***
***Беҳ аз ростӣ дар ҷаҳон кор нест*** (3,232)

***Ҳама ростӣ бояду мардумӣ,***
***Зи каҷҷиву озор хезад камӣ*** (5,376)

***Хирад бояду донишу ростӣ***
***Ки каҷҷӣ бикубад дари костӣ.***
***Ҳама ростӣ кун, ки аз ростӣ,***
***Бипечад сар аз каҷҷиву костӣ.***
***Сари мояи мардумӣ ростист,***
***Зи ториву каҷҷӣ бибояд гирист.***
***Ҳама ростӣ ҷуйю фарзонагӣ***
***Зи ту дур бод озу девонагӣ*** (6,174)

Ростӣ ва дурустӣ бо вожаҳои паҳлавонӣ ва ҷавонмардӣ чун бародарони тавъам дар «Номаи бостон» аз якдигар ҷудо нестанд.

Айбҷӯӣ аз сифоти хабиса аст, ки он муҷиби нифоқ ва дурӯягӣ дар байни мардуми ҷомеа мешавад ва ҳамаро ба сӯи бадбинӣ кашида, ихтилофҳои зиёд дар миёни миллатҳо эҷод мекунад. Ин масъала ба теври комил дар «Номаи бостон» баррасӣ шуда, мавриди интиқоди Фирдавсӣ қарор гирифтааст. Мисли ин аст, ки шоир мафҳуми ояи шарифаи зерро, дар қолаби шеър рехта, дар бораи айбҷӯӣ сухан гуфтааст: «Эй мӯъминон, аз гумони бисёр гуноҳҳо дурӣ ҷӯед, ҳароина баъзе аз гумонҳо гуноҳ аст ва ҷосусӣ макунед ва якдигарро ғайбат накунад! Оё касе, ки аз шумо дӯст медорад, ки гӯшти бародари мурдаи худро бихӯрад? Ва аз Худо битарсед, ба дурустӣ, ки Худо тавбапазиранда ва меҳрубон аст!»[70].

Худое, ки ҳаким ва донандаи асрор аст медонад, ки чи гуна айбҷӯии дигарон кардан, тухми нифоқ дар дилҳо

---

[70] Қуръони карим (Асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). Душанбе. Ирфон. 2007. Сураи Ҳуҷурот. Ояи 12.

мерӯёнад. Аз ин ҷиҳат, мардумро аз ин кори зишт ва нописанд ҳушдор медиҳад. Фирдавсӣ низ ба пайравӣ аз ин фазилати дини муқаддаси Ислом доди сухан медиҳад ва масъаларо ба гунае возеҳ ва ошкоро баён медорад, ки решаи тамоми балоҳо ва мусибатҳо ҳамин дурӯягиҳост:

***Ту айби касон ҳеҷ гуна маҷӯй,***
***Ки айб оварад бар ту бар айбҷӯй*** (6,189)

***Суханчину дурӯйю бекор мард,***
***Дили ҳушёрон кунад пур зи дард*** (7,309)

Барои ин ки шоир мардумро аз ин сифати басе разила эмин дорад, барояшон ду роҳ пешниҳод мекунад:

1) Супориш мекунад, ки айбҷӯёнро қадр ва арзиш нанаиҳед, ки онҳо мавриди эҳтиром ва иззат нестанд:

***Нигаҳ дор то мардуми айбҷӯй,***
***Наҷӯяд ба наздики ту обрӯй*** (1,204)

2) Ҳар гоҳ фарде аз афроди инсонӣ бихоҳад ба айбҷӯйии дигарон бипардозад, бояд ибтидо ба айби вуҷуди хеш биандешад, чун чунин кунад, дигар ба гуфтани айби дигарон намепардозад:

***Чу айби тани хеш донад касе,***
***Зи айби касон барнахонад басе*** (7,30)

Ҳирсу тамаъ ва рашк бурдан ба дигарон низ хислати ношоистаи инсонӣ маҳсуб гардида, хуни афродро мемакад, зеро тамаъ аст, ки боис мешавад афрод дар чанголи ғулосои Аҳриман гирифтор шуда, раҳоӣ аз он барояшон мумкин набошад. Агар ҳирс ва тамъаро гӯшае ронда аз худ дур намоем, дар осмони софи беғулу беғаши зиндагӣ парвоз мекунем, ки чӣ некӯ зиндагӣ сабукбол ва чӣ некӯ парвозе моро насиб мегардад:

***Нигар то нагардад ба гирди ту оз,***
***Ки оз оварад хашму биму ниёз*** (6,203)

***Ҳар он кас, ки дил тира дорад зи рашк,***
***Мар-он дардро дур бошад пизашк.***
***Ки рашк оварад озу гарму гудоз,***
***Диж огоҳи деве бувад дерсоз*** (7,6)

Агар ин сифати зишт – ҳирсу тамаъ дар байни тавонгарон ривоҷ ёбад, сарвати ононро беасар ва ғайриқобил истифода менамояд:

***Тавонгар куҷо сахт бошад ба чиз,***
***Фурӯмаятар шуд дарвеш низ*** (7,30)

Вафо ба аҳд ва паймон низ, ки аз шиори муқаддаси Ислом аст ва дар Қуръони маҷид ба он зиёд таваҷҷӯҳ шудааст, дар назари Фирдавсӣ ҷойи махсус дорад ва ба ақидаи вай паймоншиканон  аз хок ҳам пасттаранд:

***Мабодо, ки гардӣ ту паймоншикан,***
***Ки хок аст паймоншиканро кафан*** (7,277)

***Хунук дар ҷаҳон марди паймонманиш,***
***Ки покиву шарм аст, пироманиш.***
***Бимонад бад-ӯ родиву ростӣ,***
***Накубад дари кажживу костӣ*** (7,195)

Сухани ин шоири бузургро бо ҷузъе тарҷумаи ояи Қуръон зикр намудан ба маврид аст. «Ҳама бояд ба аҳд ва паймони худ вафо кунад; ба дурустӣ аз аҳду паймон суъол хоҳад шуд»[71].

Шикастани паймонҳост, ки ҳамеша ҷаҳонро пурошӯб дошта ва оромишу роҳатро аз мардум коста намудааст. Аз сифати дигаре, ки Фирдавсӣ ба он таваҷҷӯҳи хос намуда ва ҳамаи афроди ҷомеаро барои зистан ба он фаро мехонад, таъовун ва ҳамкорист, ки муҷиб мешавад то афрод душманиҳоро канор гузоранд ва бо якдигар дӯсту меҳрубон бошад. Магар на ин аст, ки адами таъовун ва ҳамкорӣ дар рӯзгори мо сабаб гардидааст, ки инсонҳо монанди ваҳшитарин ҳайвонот ба ҷони якдигар афтанд ва хуни ҳам бирезанд? Чаро инсоне, ки метавонад болотар аз ҳамаи махлуқот бошад, пасттарини онҳо гардида, аз авҷи азият ба ҳазизи зилат суқут кардааст?

***Ту эй ба чоҳи табиат фидода Юсуфвор,***
***Биё, ки тоҷи мулукат дар интизори сар аст.***

Инчунин, инсон, ки аз ҳар ҷиҳат метавонад бар тамоми мавҷудоти ҷаҳон бартарӣ дошта бошад, чунон бо дурангӣ ва

---

[71] Қуръони карим. Сураи Исро. Ояи 34.

дурӯягӣ хӯ гирифтааст, ки асаре аз саъодат ва муъовинати дигарон дар чеҳрааш наметавон дид. Аз сулҳ ҳарф мезананд, вале ҷуз фиреб додани миллатҳо назаре надоранд. Сулҳе, ки амалан тамоми нерӯҳои ҷомеаи фақирро махтал мекунад ва ба фалаҷ кардани онҳо кӯмак менамояд, ба зоҳир даъвои сулҳ ва ҳамкорӣ дорад. Аммо дар хафо оташи ҷанг меафрӯзад ва ин Фирдавсии ҳамосасарои башардӯст аст, ки аз таҳи дил фарёде бармеоварад, ки Қуръонро мешикофад ва бо он рӯҳияи боз бузургманишиву басират масоили дақиқеро дар заминаи сулҳ ва оштии ростин дар байни ҳамаи инсонҳо матраҳ менамояд, то мардумро аз ҷангу ситез боздорад:

***Ҳама меҳр ҷуеду афсун кунед,***
***Зи тан олати ҷанг берун кунед*** (1,130)

***Ҳама бурдборӣ куну ростӣ,***
***Ҷудо кун зи дил кажживу костӣ*** (6,203)

Ҳатто оштӣ бо душманонро ёдрас намуда мегӯяд: Дилҳоро аз кинаи якдигар тиҳӣ намоед ва дар муқобили гуноҳ ва лағзиши дигарон афв пеша кунед.

***Аё он ки з-ӯ кина дорӣ ба дил,***
***Ба мардӣ зи дил кинаҳо баргусил.***
***Гуноҳаш ба Яздони доранда бахш,***
***Макун рӯз бар душману дӯст дахш*** (8,87)

Метавон гуфт, ки мафҳуми қисмате аз ояи 174 Сураи Бақараи Қуръон, ки дар зер оварда шудааст, дар ду байти зикрнамуда нуҳуфта аст: «Эй касоне, ки имон овардаед қасос дар қатл бар шумост… аммо бахшидан беҳтар ва бартар аст аз қасос…»[72].

Дигар аз масоиле, ки дар боби таҳзиби ахлоқ мавиди таваҷҷӯҳи зиёди Фирдавсӣ мебошад, ин мафҳуми комили ҳадиси зайл аст. «Бар касе маписанд он чи туро нест писанд». Инсон бояд ҳар гуна ислоҳро аз худ шурӯъ кунад ва бубинад, ки худ кист ва айбҳояш чист? Онҳоро бартараф созад, он гоҳ ба ислоҳи айби дигарон пардозад, рафтори худро бингарад, баъд ба дигарон таваҷҷӯҳ кунад:

***Ҳар он чиз к-онат набояд писанд,***

---

[72] Қуръони карим. Сураи Бақара. Ояи 174

***Тани дӯсту душман дар он бармабанд*** (7,123)

Фирдавсӣ ҳамчун ҳакими покманиш ва фақеҳи донодил, афродро ба покдоманӣ даъват мекунад ва мехоҳад, ки ҳама покдил ва боимону ростгӯӣ ва дурусткирдор бошанд. Зимнан, барои ин ки худро дар ҷомеае, ки зиндагӣ мекунад ба хубӣ ҳифз намояд, бояд дар гуфтор ва кирдори хеш содиқ бошад:

***Нигар то чи корӣ, ҳамон бидравӣ,***
***Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.***
***Дуруштӣ зи кас нашнавад нармгӯй,***
***Ба ҷуз некӯӣ дар замона маҷӯй*** (2,7)

***Зи гуфтори некуву кирдори зишт,***
***Ситоиш наёбӣ на хуррам биҳишт*** (6,208)

Баландҳимматии Фирдавсӣ ба ҷое мерасад, ки масъаларо дар бораи душманон низ густариш медиҳад ва ба ин нукта таваҷҷӯҳ дорад, ки барои беҳтар зистан дар байни ҳамнавъон бояд як дил ва як забон буд, чун агар дилу забон яке буд, кулли иштибоҳот ва ихтилофот аз миён бардоша мешавад:

***Забонро чу бо дил бувад ростӣ,***
***Бубандад зи ҳар сӯ дари костӣ*** (7,130)

***Ту бо душман ар хуб гӯй равост,***
***Аз озодагон хуб гуфтан сазост*** (4,142)

***Магӯед яксар ҷуз аз ростӣ,***
***Наёяд зи донандагон костӣ*** (8,290)

Фирдавсӣ парҳезгориро бар ҳар чизе муқаддам дошта мегӯяд, ки инсон бояд дар танзияи рӯҳ ва фикри хеш ба Худо таваҷҷӯҳ намояд ва аз ӯ ёрӣ ҷӯяд. Вай мехоҳад тибқи мавозини шаръӣ пояҳои фасоди ахлокро бисӯзонад ва онро аз бун барканад ва гӯё ки дар баёни мабонии ахлоқ аз сӯи Худованд ба ӯ илҳом мерасида ва бояд ҳамчунин бошад, воло кадом шоир аст, ки бо ин латофат, маъонии пурмағзро даруни байти шеър резад:

***Касе к-ӯ бувад поку яздонпараст,***
***Наёзад ба кирдори бад ҳеҷ даст.***
***Ки гарчанд бад кардан осон бувад,***

***Ба фарҷом з-ӯ ҷон ҳаросон бувад*** (5,153)

***Пас аз марг нафрин бувад бар касе,***
***К-аз ӯ номи зиштӣ бимонад басе.***
***Набояд, ки зиштӣ бимондат ном,***
***В-агар ту бад-он сар шавӣ шодком*** (4,149)

***Бипарҳезу ҷонро ба Яздон супор,***
***Ба гетӣ ба ҷуз тухми некӣ макор*** (6,101)

***Ҳама тарси Яздон буд андар миён,***
***Ҳама ростӣ хостам дар ҷаҳон*** (1,96)

***Нигар то натобӣ зи дини Худой,***
***Ки дини Худой оварад покрой*** (1,248)

Тамоми уламои ахлоқ низ мӯътақиданд, ки парҳезкорӣ сифате аст мавриди писанд. «Ва агар онҳо имон меоварданд ва парҳезкорӣ мекарданд, ҳароина савоб аз назди Худо беҳтар буд. Кош инро медонистанд»[73].

Аз дидгоҳи Фирдавсӣ ростӣ, дурустӣ ва муҳаббат ба ҳамнавъон, инчунин, некӣ кардан аз сифотеаст, ки инсон бо илҳом аз ҷониби Парвардигори худ бояд ба онҳо таваҷҷӯҳ намояд ва ба риояти ин нукот бикӯшад. Танҳо бад - ин васила аст, ки ризоияти Худо ва низ саъодати худаш таҳсил мешавад. Касоне, ки ба дастуроти Худованд таваҷҷӯҳ намоянд ва сар дар локи худ фурӯ бурда ва саргарми ҷамъоварии молу сарват бошанд ва дар ин роҳ аз ҳеҷ гуна таҷовузу бедодгарӣ ва аъмоли хилофи инсоният дареғ надоранд, кофири мутлақ ҳастанд:

***Ҳар он кас, ки дар ҳафт кишвар замин,***
***Бигардад зи роҳу натобад зи дин.***
***Намояндаи ранҷи дарвешро,***
***Забун доштан мардуми хешро.***
***Барафрохтан сар ба бешиву ганҷ,***
***Ба ранҷур мардум намоянда ранҷ.***
***Ҳама сар ба сар назди ман кофаранд,***
***В-аз аҳримани бадкуниш бадтаранд*** (1,136)

Ва меафзояд, ки:

---

[73] Қуръони карим. Сураи Бақара. Ояи 178.

***Ҳама гӯшу дил сӯи дарвеш дор,***
***Ҳама кори ӯ чун гами хеш дор*** (7,313)

***Ба ҷои накӯкор некӣ кунем,***
***Дили марди дарвешро нашканем*** (8,255)

***Навозандаи мардуми хеш бош,***
***Нигаҳбони кӯшандадарвеш бош*** (8,383)

***Дирам бахш ҳар моҳ дарвешро,***
***Бидеҳ чизи мардӣ бадандешро*** (6,174)

***Ба ҳар манзиле дархӯреду диҳед,***
***Бар он зердастон сипосе ниҳед*** (6,175)

Билохира, хушдор медиҳад, ки одамиён набояд ба моли дигарон назар дошта бошанд ва бихоҳанд аз дастранҷи онон истифода кунанд. Ин амал муҷиби поён омадани иззати инсонӣ мешавад:

***Ба чизи касон кас маёзед даст,***
***Ҳар он кас, ки ӯ ҳаст Яздонпараст.***
***Ба чизи касон даст ёзад касе,***
***Ки фарҳанг баҳраш набошад басе*** (6,196)

***Набояд, ки мардум фурӯшӣ ба ганҷ,***
***Ки бар кас намонад сарои сипанҷ*** (6,174)

Дурӯғгӯӣ низ аз чумлаи масоиле аст, ки муҷиби фасоди ахлоқӣ мешавад ва танҳо афроди забун ва тарсӯ ҳастанд, ки ба дурӯғ ва дурӯғгӯйии сухан метозанд. ки Фирдавсӣ дурӯғгӯёнро хору залил мешуморад:

***Бидонед, к-он кас, ки гӯяд дурӯг,***
***Нагирад аз ин пас бар мо фурӯг.***
***Дурӯг аз бари мо набошад зи рой,***
***Ки аз рой бошад бузургӣ ба ҷой*** (6,259)

***Маёмез бо мардуми каҷгӯй,***
***Ки ӯро набошад сухан ҷуз ба рӯй*** (7,317)

***Кӣ гӯяд, ки каҷҷӣ беҳ аз ростӣ,***
***Ба каҷҷӣ чаро дил биёростӣ*** (8,34)

Бад-ин тариқ, афкори ахлоқии Фирдавсӣ, махсусан пандномаҳои шоҳкории ӯ, ба адабиёти ахлоқии давраҳои баъд таъсири намоёне гузошта, дар тарбияи аҳли башар саҳми беандоза дорад.

بسم الله ارحمن ارحیم

## ШАХСИЯТИ ДАРВЕШИ ДЕҲАКӢ ВА НАҚДИ ШЕЪРИ Ӯ

**Мирзо Аҳмадзода**[*]
**СаидолимовК.С.** [**]

Дарвеши Деҳакӣ, бемуболиға, яке аз шоирони тавонои нимаи дуюми асри XV ва аввали асри XVI мебошад[74]. Соли таваллудаш маълум нест. Доир ба ҳаёти Дарвеш «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ ва тарҷумаҳои он, ки мутарҷимон маълумоти зиёде ба он илова намудаанд, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Тазкират-ут-таворих»-и Абдуллоҳи Кобулӣ, тазкираи «Тӯҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Оташкада»-и Ҳоҷӣ Лутфалибеки Озар ва дигар тазкираҳо маълумот дода мешавад. Аз муаллифони мазкур танҳо Абдуллоҳи Кобулӣ соли вафоти Дарвеш (1531-1532)-ро зикр намудааст.

Зодгоҳи шоир қарияи Деҳак - яке аз маҳалҳои наздики Қазвин мебошад. Дар ин хусус на танҳо Камолиддин Биноӣ ва Муҳаммад Қазвинӣ маълумот додаанд, балки худи шоир низ дар хусуси аз қарияи Деҳак буданаш борҳо ишора кардааст:

***Баҳр надошт дар сухан зарфи тахаллуси маро,***
***Шӯҳраи шаҳр то шавад, аз Деҳакӣ нишон диҳам***[75]***.***

***Ба тақрири сухан тағйири Дарвеши Деҳӣ медиҳ,***
***Чу андар ҳар сухан ислоҳ бояд рустоиро***[76]***.***

---

[*] *Мирзо Аҳмадзода* – профессори Донишгохи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи К.Ш.Ҷӯраев, доктори илмҳои филология.
[**] *Саидолимов К.С.* – сардори кафедраи Забонҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, майори милитсия.
[74] Ниг.: *Аҳмадов М.*. Дарвеши Деҳакӣ. Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология. Душанбе. Дониш. 1967. (минбаъд «Деҳакӣ Д.» зикр мешавад).
[75] *Деҳакӣ Д*. С.40.
[76] *Дар ҳамон ҷо*. С.40.

Муаллифи тазкираи «Оташкада» номи Дарвешро «Азизуллоҳ аст», мегӯяд. Дарвеш ҳам дар чанд ғазали худ ба Азизуллоҳ ном доштанаш ишора мекунад, вале онро баъзан ба ду маънӣ ба кор бурдааст:

***Дасти Дарвеш гар аз моли ҷаҳон кӯтоҳ аст,***
***Натавон гуфт фақираш, ки Азизуллоҳ аст[77].***

Дарвеш дар ин байт ҳам ном ва ҳам дар назди Худованд (ҷ.) азизу меҳрубон буданашро дар назар дорад. Вале асли мақсадаш чунин аст: «Ҳарчанд фақиру камбағал ҳастам, номам Аиззуллоҳ - арҷманди Худост ва ман бо ҳамин иноят тавонгар мебошам». Аммо муаллифи «Тазкираи Ҳусайнӣ» - Мирҳусайни Дӯст номи аслии Дарвешро «Муҳаммад» мегӯяд. Вале ин ном дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ба назар нарасид. Мирҳусайн Дӯст дар асоси кадом манбаъ номи Дарвешро «Муҳаммад» гуфтааст, ба мо маълум нашуд. Ба андешаи мо, маълумоти Лутфалибеки Озар ба ҳақиқат наздиктар аст. Инро ишораҳои худи шоир низ тасдиқ менамоянд.

Аз далелҳои зиёде, ки оид ба касбу кори Дарвеш дар манбаъҳои адабӣ ва мероси адабии шоир зикр ёфтаанд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳаёти шоир аз ибтидо то интиҳо дар маҳалли Деҳаки вилояти Қазвин гузаштааст. Пешаи асосии шоир бофандагӣ, хиштрезӣ ва боғдорӣ будааст. Алишери Навоӣ дар ин хусус менависад: «Дарвеши Деҳакӣ аз вилояти Қазвин аст ва ба санъати хиштмолӣ мансуб...»[78].

Муҳаммад Казвинӣ дар тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Маҷолис-ун-нафоис» доир ба касбу кори Дарвеш муфассалтар маълумот медиҳад: «Дарвеши Деҳакӣ Қазвинӣ аст ва ҳамшаҳри мутарҷими дардманд аст..., кори ӯ ҷулоҳӣ буд ва карбоси хуб мебофт; чун муштарӣ меёфт, ба баҳои арзон мефурӯхт ва чашми ҳирс ба баҳои гарон намедӯхт ва ба андак суде қонеъ мегашт; боғе чанд дошт ва аз баҳои ангур, ки ҳосили боғоти ӯ буд, маишати аҳлу аёл менамуд, луқмаи ҳаром ва таъоми подшоҳон намехӯрд»[79].

---

[77] *Деҳакӣ Д.* С.41.
[78] *Дар ҳамон ҷо.* С.41.
[79] *Деҳакӣ Д.* С.41.

Тавре ки мебинем, тазкиранависон, олимон, шоирони муосири ӯ - Навоӣ, Муҳаммад Қазвинӣ, Биноӣ ва тазкиранависони асрҳои минбаъда дар бораи шоири косибу ҳунарманд будани ӯ ҳамфикру муттафиқанд.

Дарвеш дар баробари он ки косиб будааст, оид ба касбу кори ҳунармандон - косибон шеърҳои ҷудогона низ эҷод кардааст:

***Маҳи хайёт, к-аз хубӣ бувад рашки бути чинӣ,***
***Бад-он рухсори воло чун бипӯшад атласи чинӣ.***
***Ба васфи дасту чини остинаш ҳар куҷо бинам,***
***Забонҳо пурсухан монанди сӯҳон дар суханчинӣ.***
***Чу нохун чин кунад он васлае, к-аз ноз медӯзад.***
***Шиканҳо уфтад андар ҷомаи ҷонам зи пурчинӣ.***
***Ба вақти шом дӯконрезааш аз шавқ барчинам,***
***Чу он шахсе, ки бошад субҳ дар бӯстон ба гулчинӣ.***
***Зи шавқи он парӣ, Дарвеш хоҳӣ ҷома бинҳодан,***
***Ба шогирдӣ агар рӯзе дӯкони ӯ фурӯ чинӣ[80].***

Ин ягона ғазали комилест, ки ба назми ҳунармандӣ мансуб аст. Дар баробари ин, васфу ситоиши ҳунар ва ҳунармандон дар байтҳои ҷудогонаи ашъораш низ ба назар мерасанд, ки дар муқаддима тавзеҳ додани ҳамаи онҳо аз имкон берун аст.

Ҳамаи ин мисолҳо намунаи равшани назми ҳунармандӣ буда, шоири касбу ҳунарманд будани Дарвешро комилан тасдиқ мекунанд. Пайдоиши назми ҳунармандӣ дар адабиёти асри XV ҳодисаи муҳиме буда, дар ҳаёти адабиву фарҳангӣ дохил щудан ва нуфуз пайдо кардани мафкураи табақаҳои поён ва миёнаи шаҳрро нишон медиҳад ва Дарвеши Деҳакӣ дар замони худ дар баробари Сафии Бухороӣ (соли вафоташ 1504-и меодӣ) тарғиботчии фаъоли он будааст.

Масъалаи дигари дорои аҳамият шоири дарбор будан ва ё ба он мансуб будани Дарвеш мебошад. Устод Абдулғанӣ Мирзоев ва шодравон профессор А.Н.Болдырев бар хилофи маълумоти Соммирзои Сафавӣ дар тазкираи «Тӯҳфаи Сомӣ» таъкид кардаанд, ки Дарвеши Деҳакӣ ҳеҷ гоҳ шоири дарбор

---

80 *Деҳакӣ Д.* С.102.

набуд[81]. Соммирзо бар хилофи маълумоти саҳеҳи ҳамзамонони Дарвеш ва тадқиқотчиёни муосираш то поёни умр шоири дарбор набудани вайро тасдиқ мекунанд. Ӯ шоири косибу ҳунармандро аз ҷумлаи шоирони дарбори Султон Яъқуб дониста навиштааст: «Хушхабари сухани Дарвеш дар маҷлиси Султон Яқуб расид ва фармон бар он ҳасбуламр (дод), ӯро ба хидмати подшоҳ расониданд… ва рӯз ба рӯз мартабаи ӯ пеш омад ва аз ҷумлаи шуъарои пойтахт шуд»[82].

Ба ин ҳукми беасос, баъдтар, тазкиранависи асри XVIII Лутфалибеки Озар ва олими муосири Эрон Тарбият Муҳаммад Алӣ (1935) пайравӣ карда, дар тазкираҳои худ Дарвешро шоири дарбор донистаанд.

Барои радди чунин фикри беасос лозим меояд, ки бори дигар ба маълумоти Муҳаммад Қазвинӣ муроҷиат карда, як қисми ҳикояи сафари Ироқи Камолиддин Биноиро зикр намоем. Муҳаммад Қазвинӣ мегӯяд: «Султон Яъқуб… Дарвешро ба маҷлиси олии худ талаб фармуд ва Дарвеш ин матлаъ бар ӯ хонд, ки: «*Чун зи пеш ояд, хадангаш бар қафо бандам сипар…*». Чун султон аз ӯ ин мисраъ шунид, чунин гуфт: «Рост аст, ки Қазвинӣ аст ва аз ақл барист, зеро ки дар вақти омадани тир сипар бар қафой мебандад». Дарвеш чун сухани Сутон шунид, гуфт: «Сабр кунед, то мисраи дигар бишнавед: «*То наёбад нӯки пайконаш аз он сӯ раҳ ба дар*». Дарвеш чун мисраи дуввум бихонд, Султон ҳайрон бимонд ва офарин бар забон ронд ва аҳли маҷлис низ ҳама таҳсини ӯ намуданд ва Султон ба Дарвеш гуфт: «Ҳар чи мехоҳӣ, талаб кун, то бубахшам он ба ту». Дарвеш Гуфт: «Аз дӯст ба ғайри дӯст, чизе на накӯст. Мани фақир дарвешам, қонеъгашта ва аз талаби молу чоҳ раста». Дигар Султон муболиға фармуд, ки «Чизе талаб». Дарвеш бинобар муболиғаи ӯ фармуд, ки «Хироҷи боғоти маро маоф гардон». Султон хироҷи боғоти ӯро бахшид…»[83].

Акнун нақли Биноиро, ки Восифӣ дар «Бадоеъ-улвақоеъ овардааст, зикр мекунем: «Чун дар вилоят (Табрез)

---

[81] *Мирзоев А.* Биноӣ. Душанбе. 1955. С. 1574; *Болдирев С.* Диван Дарвеша Дехаки. Докл. на ХХУ Международном конгрессе востоковедов. Москва. 1960. С.3. (мибаъд «Маърӯза» зикр мешавад).
[82] *Навоӣ А.* Маҷолис-ун-нафоис. Теҳрон. 1323 ҳиҷрии шамсӣ. С.290-291.
[83] Ҳамон ҷо. С.290-291.

расидем, он шоҳи дилнавоз (Султон Яъқуб - М.А.) фармуданд, ки: «Шуморо дар диёри мо чӣ чиз хуш омад?». Гуфтам, ки ҳеҷ чиз маро аз сӯҳбати Дарвеши Деҳакӣ наафтод. Дарвешро он микдор маддоҳӣ ва вассофӣ намуда шуд, ки фавқи он мутасаввир набошад. Дар аснои суханон маълум шуд, ки шоҳ ва Дарвешро ҳаргиз мулоқот воқеъ нашуда ва ҳикоят гузашт, ки шоҳро хиҷолату шармандагӣ даст дод. Филҳол мунширо талаб намуда, номаи шавқангези муҳаббатомез ба талаби Дарвеш иншо намуд ва садри худро масҳуби тӯҳаф ва ҳадоё, мисли аспи лоиқ ба зину лаҷом ва сару пои муносиб ба Дарвеш фиристод. Ва чун Дарвеш он ҳадоёро дид, «писандид» ва подшоҳро дуъову саное дархурду лоиқ ба ҷой овард ва гуфт: «Маълуми ройи оламорой хоҳад буд, ки ман худро дархӯрди лоиқи сӯҳбати подшоҳ намедонам. Байт:

***Ба ӯ тақарруби ман он қадар бас аст, ки ҳаст,***
***Ба зери нӯҳ фалаку рӯи як замин бо ман.***

Ҳамин бас аст, ки мо дар вилояти ӯем ва дуъои ҳашамати ӯ мегӯем. Маро талаб мафармоед». Ҳарчанд муболиға намуданд, Дарвеш қабул нанамуд. Садр арзадоште навишта ба пеши Яқуббек фиристод. Чун мазмун маълум шуд, подшоҳ ба садр (кас) фиристод, ки Дарвешро гӯяд, ки мутаваҷҷеҳи ин ҷониб (Табрез – М.А) шаванд ё ки яроқи (созу сомон, тайёрӣ М.А.) он кунанд, ки мо ба хонаи эшон меоем. Ҳол мунқасир дар ин ду сурат аст.

Дарвеш гуфт: «Чора нест, ба мулозимати подшоҳ бояд рафт. Дарвеш хараке дошт, ки гоҳе онро савор мешуд, ба ҳамон қарор дод. Ҳарчанд садр муболиға намуд, ки аспи хоссаи худро савор шавед (аспе, ки подшоҳ фиристода буд), Дарвеш қабул нанамуд ва ба ҳамон маркаби худ савор шуд ва дар мадҳу насиҳати подшоҳ дар роҳ ғазале фармуд.

Чун ба шоҳ ихтилот намуд, он ғазалро гузаронд. Қариб ба сад кас буд дар он маҷлис ҳамаро риққати кайфият даст дод. Подшоҳ гуфт, ки: «Ҳазрати Дарвеш, аз фақир чизе талаб фармоянд». Дарвеш гуфт, ки «Моро умри дарози подшоҳ мебояд». Подшоҳ гуфт, ки «Албатта, чизе талаб фармоянд». Чун муболиға ва илҳоҳ (дархост ва илтимос) аз ҳад даргузашт, гуфт: «Аз Шумо он металабам, ки маро дигар ба сӯҳбати олии худ талаб мафармоед ва гузоред, ки ба ҳузури дил ба дуъои давлати Шумо машғул бошам». Подшоҳ гуфт:

«Чунин маълум шуд, ки шуморо боғчасароест ва он ҷо ба қадре маҳсуле аст…, қабул фармоед, ки онро маоф ва мусаллами Шумо дорем». Дарвеш гуфт: «Шоҳо, Шумо хуб мефармоед, аммо фақирро мулоҳизаи он аст, ки ҷамоаи дарвешони дигар ҳам ҳастанд; чун инро бишнаванд, хотири эшон малӯл гардад, ки Дарвеш пеши подшоҳ рафту худро халос кард ва мо дар зери бор мондем».

Подшоҳ гуфт: «Эшонро ҳам халос гардонем». Дарвеш гуфт: «Мардум лонад ва лоюҳсоанд» (яъне, бешумор ва бисёр). Ҳамаи эшонро халос кардан таазуре (зарар) дорад. Ин осонтар аст, ки мо ҳам мисли эшон бори худро бикашем ва боре бар дили эшон нанихем». Бар ҳамин қарор гирифт ва Дарвеш подшоҳро дуъо ва саное гуфта, ба ватани худ (Деҳак) бозгашт»[84].

Барои расидан ба асли мақсад умумият ва тафовути нақли Биноӣ ва маълумоти зикршудаи Муҳаммад Қазвиниро муайян намудан лозим аст, зеро дар онҳо тавофути ҷиддӣ вуҷуд дорад, ки касро ба шубҳа оварда метавонад. Дар ин ду маълумот умумиятҳои зерин ба мушоҳида мерасанд: а) Ҳам Муҳаммад Қазвинӣ ва ҳам Биноӣ тасдиқ мекунанд, ки Дарвеш бо даъвати Султон Яқуб ба Табрез омад; б) Дар ҳар ду сарчашма дар маҷлиси доираи адабии Табрез бо роҳбарии Султон Яъқуб иштирок намудану шеър хондани Дарвеш ва мафтун шудани подшоҳу дигар шоирон аз латофати шеъри ӯ ва; в) Хостори талаби Дарвеш шудани Султон Яъқуб зикр шудааст.

Тафовути ин ду маълумот, Мувофиқи нақли Биноӣ, Султон Яъқуб аз Дарвеш хоҳиш мекунад, ки чизе талаб кун, вале шоир хоксорона ин хоҳишро рад намуда, ба деҳаи худ – Деҳак бармегардад. Тибқи маълумоти Муҳаммад Қазвинӣ бошад, гӯё Дарвеш аз Султон Яъқуб маофи хироҷи боғашро талаб намудааст ва гӯё подшоҳ онро бахшида бошад. Мо дар рисолаи «Дарвеши Деҳакӣ»[85] собит намуда будем, ки маълумоти Биноӣ мӯътамадтар мебошад, чунки Биноӣ, бевосита, ба Дарвеши Деҳакӣ ҳам дар зодгоҳи Дарвеш ва, ҳам дар дарбори Султон Яъқуб борҳо мулоқот кардааст ва, бевосита, шоҳиди даъват шудани Дарвеш ба Табрез ва пас аз вохӯрӣ ба деҳаи худ – Деҳак баргаштани шоир буд.

---

[84] *Восифӣ З.М.* Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ҷ.1. Москва. 1961. С.607-608.
[85] *Деҳакӣ Д.* С. 43-47.

Тахаллуси Дарвеш ба ду маънӣ - фақиру бенаво ва зӯҳду дарвешӣ далолат мекунад.

Дар эҷодиёти Дарвеш байту мисраъҳои фаровоне ба мушоҳида мерасанд, ки ин хулосаро комилан тасдиқ менамоянд. Хусусан, агар мо зоҳид будани ӯро ба ҳисоб гирем, хоҳишҳои пайдарпайи Султон Яъқубро рад намудани Дарвеш бесабаб набуд. Зеро мувофиқи таълимоти дарвешон, ҳар касе, ки даъвои дарвешӣ дошта бошад, бояд соҳиби касбе бошад ва аз ҳисоби касби ҳалол маъоши зиндагӣ кунад. Бисёр гузаштагони мо аз ҳисоби дигарон, ба хусус, подшоҳон зиндагӣ карданро ҳаром медонистанд. Ба ин маънӣ Носири Хусрав мегӯяд:

***Махӯр нонаш, агар худ нафъи ҷон аст,***
***Ки шуд оварда хуни муфлисон аст.***

Дарвеши Деҳакӣ ҳам дар бисёр маврид ба ин маънӣ ишораҳо дорад ва байти зерини ӯ далели ин гуфтаҳоянд:

***Аз шароби дигарон, Дарвеш, оби хеш беҳ,***
***Ҳар киро бошад ҳалоле, аз чӣ рӯ нӯшад ҳаром***[86]**.**

Доир ба парҳезкор будани Дарвеш Муҳаммад Қазвинӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» ба таври возеҳ навиштааст: «Дарвеш луқмаи ҳаром ва таъоми подшоҳон намехӯрд»[87].

Ба хулосаи нодуруст омадани Соммирзо сабаби дигар ҳам дорад. Низоъҳои сиёсию динии байни Мовароуннаҳр ва (Хуросон) Эрон, ки дар асри ХУ1 авҷ гирифта буданд, ба равобити фарҳангӣ монеъ мешуданд. Бинобар ин, мумкин аст, китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ», ки Восифӣ таълифи онро (солҳои 1531-32) дар Тошканд ба анҷом расонда буд, дастраси Соммирзо нагардида бошад.

Аз ҳамин сабаб, вай аз нақли дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» зикр намудаи Биноӣ шояд бехабар мондааст.

Масъалаи дигар муайян намудани дараҷаи саводнокии Дарвеши Деҳакӣ мебошад.

Мувофиқи нақле, ки баъзе мӯътақидони Дарвеш дар вақти ба қасабаи Деҳак расидани Камолиддини Биноӣ кардаанд, гӯё Дарвеш шоири бесавод будааст. Биноӣ мегӯяд:

---

[86] *Дар ҳамон ҷо*. С. 47.
[87] *Навоӣ А*. Маҷолис-ун-нафоис. Теҳрон, 1323 ҳиҷрии шамсӣ. С. 290-291.

«Чун ба вилояти Ироқ расидем, ба қасабаи Деҳак, ки мавтани Дарвеши Деҳакӣ аст, ки саромади шуъарои Ироқ аст, нузул намудем (ва) мутаваққеъ будем, ки Дарвеш мушорунилайҳ ба мулоқот сабқат хоҳад намуд (ва дар мубодират суръат хоҳад фармуд). Се рӯз он ҷо будем, ҳеҷ асар зоҳир нашуд. Аз он ҷо, ки олами башарият аст, мутағаййир шудем. Баъзе аз мӯътақидони Дарвеш забони эътироз баркушода гуфтанд, ки даъби Дарвеш он аст, ки ба ҳеҷ кас ихтилот намекунад ва мувосинат намепазирад. Дар зимистон ба хиштмолӣ машғул аст ва дар тобистон....ба бофандагӣ иштиғол дорад»[88]. Эшонро хату савод нест. Китобе аз авроқи мулавван... тартиб додаанд ва он девони ӯст. Ҳар гоҳ, ки ӯро хаёле ё маъние ба хотир меояд, онро дар он авроқ сабт менамояд[89].

Дар адабиётшиносии давраи шӯравӣ муҳаққиқи маъруф А.Н.Болдирев аввалин касест, ки ба бесаводии Дарвеш шубҳа намуда, баъдтар шоири босавод будани ӯро тасдиқ кардааст[90].

Тадқиқи дақиқи мероси адабии шоир ба дурустии ин хулоса, яъне, босавод будани Дарвеш далолат мекунад. Дарвеш на танҳо шахси босавод, балки яке аз донишмандони замони худ ба шумор меравад. Далелҳое, ки ба донишмандии Дарвеш шаҳодат медиҳанд, фаровон мебошанд. Чунончӣ, Дарвеш ба ғазали машҳури Ҳофиз

***«Агар он турки Шерозӣ ба даст орад дили моро»...***

назирае гуфтааст, ки матлаъаш чунин аст:

***Наёрад саҷда бурдан сарви ноз он қадди зеборо,***
***Агар бар рӯи об аз соя андозад Мусаллоро.***

Ва ё:

***Чу Фарҳод ин бувад вирди забони ман ба манзилҳо,***
***Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.***

---

[88] Ба назари мо, саҳеҳтараш бояд дар тобистон ба хиштмолӣ ва дар зимистон ба бофандагӣ машғул бошад. *Мирзоев А.* Биноӣ. Душанбе. 1957. С.113.
[89] *Восифӣ З.М.* Бадоеъ-ул-вақоеъ, ч.1. Москва. 1961. С.607-608.
[90] *Маърӯза.* С.4. Ишора ба Салмони Форс, ки ҳамзамони ҳазрати Муҳаммад (с.) буд.

Дарвеш дар ҷодаи эҷод ба Камол ва Салмони Соваҷӣ ҳам пайравӣ карда будааст:

***Фақри Салмон  талаб аз баҳри камол, эй Дарвеш,***
***Чанд дар шеър равӣ аз пайи Салмону Камол?***

Дигар:

***Чун намешояд фузудан чизи дигар бар Камол,***
***Бар Камол аз шоирӣ, Дарвеш, натвонӣ фузуд.***

Аммо Дарвеш ба кадом Камол пайравӣ намудааст, ба Камол Исмоили Исфаҳонӣ ва ё Камоли Хуҷандӣ, аз ин байт маълум нест. Лекин дар байти зерин ҳам калимаи «шайх» ва ҳам номи Камолро зикр намудааст:

***Дарвешро бидид, Камоле дигар нашуд,***
***То шайхро мурид шуд, аз ғусса гашт пир.***

Пас, бегумон, Дарвеш маҳз Камоли Хуҷандиро дар назар дорад. Чунки дар ашъораш чун Камоли Хуҷандӣ санъати лутфу таҷнисро оид ба шоҳмотбозӣ ва ғайра зиёд ба кор мебарад:

***Ғамаш ҳар сӯ ниҳад рух ҷониби дил  баҳри озораш,***
***Ки ҳамчун хонаи шатранҷи ту то ҳаст девораш.***

Боз:

***З-он рухам дурӣ мафармо чун надорам ҳеҷ роҳ,***
***Кас надидаст ин ки фармоянд баъд аз мот гашт.***

Лирикаи Дарвеш ба лирикаи Камоли Хуҷандӣ аз ҷиҳати лутфи табъ, парвози хаёл, кор фармудани санъатҳои бадеӣ, равониву нозукӣ, латофати сухан ва ғайра бисёр наздик аст. Муқоисаи мероси адабии ин ду шоир таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад, то қаробату монандии ашъори эшон ба сурати комил ошкор гардад.

Дарвеш на танҳо аз эҷодиёти Салмону Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ ва ҳамасру ҳамзамонҳояш огоҳ асту ба ашъори онҳо назира гуфтааст, балки бо эҷодиёти дигар устодони сухани форсӣ тоҷикӣ, ба мисли Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Шайх Аттор, Маҳмуди Мушкӣ, ҳамшаҳриаш, таърихшинос, соҳиби «Таърихи гузида» - Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ (тав. 1281 м.) ва асарҳои онҳо низ огоҳ мебошад ва дар мавриди муносиб онҳоро зикр намуда, баъзан ҳамчун адабиётшинос баҳо ҳам додааст:

***Як сухан, к-он дам зи Лайлӣ пеши Маҷнун гуфтаанд,***
***Беҳтар аз сад Лайливу Маҷнун, ки анкун гуфтаанд.***
***Нолаи Фарҳоду Маҷнун нест ин овозҳо,***
***Аз садову аз суруди кӯҳу ҳомун гуфтаанд.***

Далели дигари босаводии Дарвеш боз дар он аст, ки алифбои арабиасосро ба тарзи суханбозӣ хеле моҳирона ба кор бурдааст:

***Як тараф мими ғаму як сӯй мими меҳнат аст,***
***Ман чу нуне дар миён ҳайрон аз ин хат к-ин манам.***

Шоир дар ин ҷо дар байни ғаму меҳнати дунё афтодани худро бо ҳуруфи «нун»- и арабӣ, ки дар мобайни ҳам «мим»-и калимаи «ғам» ва ҳам «мим»-и калимаи «меҳнат», ки дар якҷоягӣ ба нун шакли «манам»-ро мегирад, моҳирона ташбеҳ намудааст.

Дигар:

***Азбаски ноз ҳаст қадатро зи ҳар тараф,***
***Аз нозукист ҳамчу алиф, дар миёни «ноз».***

Илова ба ҳамаи ин, боз мисолҳои фаровоне мавҷуданд, ки ба саводи баланд доштани Дарвеш ва соҳибилм буданаш шаҳодат медиҳанд ва онҳоро ба ҳеҷ далел рад кардан мумкин нест[91].

Банда ҳангоми таълифи рисолаи Дарвеши Деҳакӣ ба байтҳои зерини шоир:

***Нест муллоӣ агар дар шоирӣ Дарвешро,***
***Баҳри шеъри хуб ӯро бас бувад илми назар.***

*** *** ***

***Ба тақрири сухан тағйири Дарвеши Деҳӣ медиҳ,***
***Ки андар ҳар сухан ислоҳ бояд рустоиро***

такя карда, ба хулосае омада будам, ки шояд Дарвеш аз илмҳои расмии замони худ баҳравар нашуда бошад, яъне, таҳсили мадраса накарда бошад. Аммо ҳоло чун «Девон»-и ӯро ба хати имрӯза ба чоп омода намудам, маълум гардид,

---

[91] *Деҳакӣ Д.* С.46-58.

ки хулосаи пештараи банда ба воқеият созгор набудааст. Масалан, байтҳои зерини ӯ аз огоҳии шоир ба илмҳои арӯз ва ҳайат шаҳодат медиҳанд:

***Фикри тақтеъ макун шеъри равонро Дарвеш,***
***Ҳар куҷо беҳунаре ҳаст, тарозудор аст.***

Дигар:

***Аз мақоми ростӣ магзар чу хуршеди фалак,***
***Чун зи хатти истиво бигзашт, меёбад завол.***

Ба ҳамин тариқ, доир ба шахси босавод ва зуфуннун будани Дарвеш ҳеҷ шакку шубҳае боқӣ намемонад.

Мероси адабие, ки аз ин шоири косибу ҳунарманд то замони мо боқӣ мондааст, дастхати як девони ғазалиёти ӯ мебошад, ки таҳти рақами 420 дар китобхонаи оммавии ба номи Салтыков – Шедрини шаҳри Санкт – Петербург (феҳристи Дорн) маҳфуз аст. Шояд ин ягона нусхаи хаттии девони ӯ бошад, зеро аз феҳристҳои ба мо дастрасшуда нусхаи дигаре аз ин девон пайдо нагардид.

Ҳаҷми дастнавис 31, 4+19 см ва ғафсиаш 3,3 см буда, 251 варақро дар бар мегирад. Муқоваи китоб картонӣ буда, рӯи он бо рангҳои сурхи ҷигарӣ ва сабз ба тарзи чоркунҷа ҷадвал кашида шудааст. Матни ҳар як варақ (а,б) 10 ва баъзан 12 мисраӣ буда, атрофи матн аз аввал то охир бо рангҳои норинҷӣ, сабз, пуштии баланд, кабуд, зарҳал, туш ва сиёҳ ҷадвал кашида шудааст. Аз варақи якум сар карда то ба охири он, бо тартиб рақам гузошта шудааст, ки ин кори масъулини китобхона аст. Ба матни китоб осебе нарасидааст ва ҳошияҳояш низ тозаанд.

Китоб дорои 845 ғазал ё ин ки 5073 байт мебошанд. Агар якчанд ғазалҳоеро, ки дорои 7, 9, ва 12 байт мебошанд, истисно кунем, аксарияти ғазалҳо аз 5 байт иборатанд. Девон танҳо аз ғазал иборат буда, онҳо мувофиқи тартиботи муқаррарии анъанавӣ аз рӯи алифбо ҷо ба ҷо гузошта шуданд, дар он бо ҳарфҳои «вов», «ҳе» ва «изғӣ» сатре ҳам вуҷуд надорад. Таърихи китобати девон ва номи котиби он зикр наёфтаанд. Аммо аз нақшу нигор ва зебу зинати варақҳои 1 б, 2 а он унсурҳои дуруштеро, ки аз охири асри XVI сар карда барои Эрони давраи Сафавиҳо хос буд, мушоҳида кардан мумкин аст. Чунонки дар ибтидои нусха қайд гар-

дидааст, китоб соли 1017-уми ҳиҷрӣ (соли 1608-и мелодӣ) ба китобхонаи Сафавиҳо вақф карда шудааст. Ин далели он аст, ки нусхаи мазкур дар охирҳои асри XVI китобат шудааст.

Дар китобхонаи оммавии ба номи Салтиков – Шедрин миқдори чунин дастхатҳо, ки дар вақташ вақф шуда будаанд, хеле зиёд мебошад, вале таърихи ба китобхонаи мазкур афтодани онҳоро муайян карда натавонистем.

Матни ғазалҳо бо хати майдаи настаълиқ навишта шудаанд. Котиб агарчи девонро бо хати настаълиқ китобат карда бошад ҳам, ба бисёр ғалатҳо роҳ додаст. Масалан, дар баъзе мисраъҳо калима ва пасояндҳо афтодаанд ва аз ин вазну маънии шеър халалдор гардидааст:

***Даме Дарвеш бе ёди* (?) *наншаст дар маҷлис…***

Дар асл бояд чунин бошад:

***Даме Дарвеш бе ёди рухаш наншаст дар маҷлис…***

Дигар:

***Бӯстон ҷӯяд чу булбул ошиқи бедордил,***
***Гарчи сӯфӣ боғи ҷаннат* (?) *кунад дар хоб гашт.***

Дар ин байт пасоянди калимаи ҷаннат – «ро» афтодааст. Баъзан калимаҳо ба такрор оварда шуданд, ки ба вазн халал мерасонад:

***Гар кунӣ айби кунӣ* (?) *бутон пеши рухи ӯ Дарвеш,***
***Метавон бар маҳу хуршед гирифтан эрод.***

Дар мисраи якуми ин байт калимаи «кунӣ» такрор омадааст ва ғайра. Аз бедиққатии котиб дар ғазалҳои мухталифи Дарвеш хатто мисраъҳо айнан такрор омадаанд ва мо дар рисолаи «Дарвеши Деҳакӣ» ба чунин нуқсонҳо муфассалтар таваққуф карда бошем (саҳ. 60-61).

Муаллифи тазкираи «Оташкада»-и Ҳоҷӣ Лутфалибек Озар аз ғазалҳои гуногуни Дарвеш 6 байт оварда қайд мекунад, ки ӯ ин намунаҳоро аз девоне, ки 7-8 ҳазор байт доштааст, интихоб кардааст[92]. Пас, ҳаҷми ин девони ба Луфталибек дастрасшуда аз нусхаи мавҷуда 2-3 баробар зиёд будааст.

---

[92] *Лутфалибеки Озар*. Оташкада. Чопи Ҳиндустон, 1277ҳ. С.214.

Аз намунаҳои овардаи Луфталибек ду байт – яке бо ҳарфи «вов» ва дигаре бо «мим» дар девони дастраси мо мавҷуд нестанд.

Муҳаммад Қазвинӣ – тарҷумони «Маҷолис-ун-нафоис» низ дар тазкираи мазкур навиштааст, ки «Бемуболиға, Дарвеши Деҳакӣ ду ҳазор матлаи хуби дилпазири беназир дорад»[93]. Пас, аз ашъори ӯ ёздаҳ байт овардааст, ки яке аз онҳо бо ҳарфи «ҳе» мебошад. Аз байтҳои мазкур танҳо панҷтоаш дар девони Дарвеш мавҷуд мебошанду халос.

Аз ду байти дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» зикршудаи Дарвеш якеаш дар девони дастраси мо пайдо нашуд.

Ғайр аз ин, дар шӯъбаи Санкт–Петербургии Институти Халқҳои Осиё баёзи қаламие таҳти рақами А 688 маҳфуз аст, ки дар он 49 матлаъ аз ғазалҳои гуногуни Дарвеш оварда шуданд. Аз онҳо ёздаҳ матлааш дар нусхаи мо мавҷуд нест. Аз ҷумлаи ин ёздаҳ матлаъ се байт бо ҳарфи «вов», ду байт бо ҳарфи «ҳе» буда, боқимонда аз ҳарфҳои «нун», «дол», «зол» мебошанд. Муқоисаи худи ҳамин мисолҳо маълумоти Луфталибеки Озарро, ки «Ин намунаҳоро аз девони ҳаҷмаш 7-8 ҳазор байтбуда интихоб кардам», мегӯяд, ба он далолат мекунад, ки Дарвеш нусхаи мукаммалтари девон ҳам доштааст. Ва, мутаасифона, чунонки худи шоир мегӯяд:

***Чу булбул аз сухани худ малоф, эй Дарвеш,***
***Ки ҳамчу дафтари гул шуд ҳазор девон гум.***

Хушбахтона, девони шоир аз ҳаводисоти давру замон то замони мо беосеб омада расидааст ва ин ашъори дилпазир ва рангину намакини ӯ ҳамчун ёдгорӣ шоирро дар саҳфаи рӯзгор ҷовидонӣ гардондааст, ки аз ёду хотири аҳли завқ ҳеч гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд. Худи шоир ҳам инро пешгӯӣ кардааст:

***Дарвеш баст чун камарат назми пургуҳар,***
***К-ӯ дар миён бувад, агар ӯ аз миён равад.***

Мумкин аст, ки девони мукаммали ӯ дар қатори осори бисёр суханварони гузаштаи мо дар тӯли ҳаводиси гуногуни рӯзгор нопадид шуда бошад ва ё дар кадом як гӯшаи фаромӯшие зери чангу хок хобида бошад. Дар нусхаи мавҷуда байту мисраъҳое ба назар мерасанд, ки аз лиҳози вазну

---

[93] *Навоӣ А*. Маҷолис-ун-нафоис. Теҳрон. 1323. С.292.

маънӣ нуқсон доранд ва мо дар охири сатрҳои мазкур аломати суол гузоштаем. Аз маълумоти муаллифони сарчашмаҳои адабие, ки дар бораи Дарвеш таваққуф карда, аз ғазалиёти ӯ байтҳои ҷудогонаро далел овардаанд, инчунин, аз мероси боқимондаи шоир маълум мешавад, ки Дарвеш ғайр аз ғазал, дар дигар жанрҳо табъозмоӣ накардааст. Сабаби ин, ба назари мо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ғазал, тавре ки академик Абдулғанӣ Мирзоев менависад, дар асри XV аз беҳтарин ва маъмултарин шаклҳои назм ҳисоб мешудааст[94]. Ин фикрро иқтибосе, ки донишманди маъруф аз «Ашаат-илламаот»-и Абдураҳмони Ҷомӣ овардааст, тасдиқ мекунад: «Аз ҷинси ҷавоҳири фунуни шеър, - мегӯяд Ҷомӣ, - ҳеҷ гавҳаре латифтар ва ҷавҳаре шарифтар аз ғазал нест, ки ҳама самараи аъмол, мақомот, аҳвол ва натиҷаи ишқу муҳаббат бо маъшуқ ва мувриси асрори фироқ ва висол аст:

***Аз фунуни шеър фанни беҳтарин омад ғазал,***
***Чун накӯрӯён, ки дар сурат беҳанд аз ҷинсу унс[95].***

Далели дигаре, ки ҳақиқатан дар асри XV бештар ба жанри ғазал равона карда шудани завқи бадеии аҳли адабро нишон медиҳад, сухани сарояндаи ашъори ҳунармандӣ Сайфии Бухороӣ мебошад. Ин шоир нисбат ба маснавӣ мақоми ғазалро хеле боло гузошта гуфтааст:

***Панҷ байте, ки дилпазир бувад,***
***Беҳтар аз хамсатайн медонам[96].***

Бо вуҷуди он ки дар асри XV чандин достонҳо таълиф шуда буданд, жанри ғазал дар ин аср аз маъмултарини навъҳои эҷоди бадеӣ ба шумор мерафт[97].

Мо чунин вазъиятро дар ҳаёти адабии қисмати Ғарбии Эрон дар асри XV низ ба хубӣ мушоҳида карда метавонем. Намунаи ашъори намояндагони доираи адабии Табрез, ки дар тазкираву баёзҳо дучор мешаванд ва девони баъзе шоирон (монанди Бобофиғонӣ ва Аҳлии Шерозӣ), ки то ба имрӯз

---

[94] *Мирзоев А*. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV. Душанбе. 1957. С.68.
[95] *Дар ҳамон ҷо.*
[96] *Дар ҳамон ҷо.*
[97] *Бертельс Е.Э.* А.Джами. Эпоха, жизнь, творчество. Таджикгогсиздат. 1949. Стр.100.

расидаанд, ба ин шаҳодат медиҳанд. Ғайр аз ин, равобити фарҳангӣ дар байни ду маркази адабии он аср - Табрезу Ҳирот ва дар пайравии Ҳофизу Ҷомӣ ва дигарон назира гуфтани Дарвеш далели он аст, ки шоирони қисмати Ғарбии Эрон аз ҳаёти доираи адабии Ҳирот ва ба кадом жанр майл намудани завқи бадеии онҳо бехабар набудаанд. Модоме, ки бузургтарин шоирони аср ба жанри ғазал рӯй овардаанд, пас, ин ҳолат, бешак, ба Дарвеш ҳам бетаъсир намондааст.

Чунин аст мухтасари ҳаёт ва мероси адабии боқимондаи Дарвеши Деҳакӣ, ки ба қавли Камолиддин Биноӣ «саромади шуъарои Ироқи Аҷами асри XV буд».

***Чун ба васфи он гуле, Дарвеши булбул метавон,***
***Номи девони туро з-ин роз агар «Гулшан» ниҳам.***

# САҲМИ ИМОМИ АЪЗАМ ДАР ИНКИШОФИ АФКОРИ АХЛОҚӢ ВА ЭСТЕТИКӢ

**Асламов Б.С.** [*]
**Абдуллоев Т.Ҳ.**[**]

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибати давлатӣ ба арзишҳои фарҳангӣ-динӣ комилан тағйир ёфт. Дар моддаи 26-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ кунад ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд»[98].

Дар давлати демократӣ давлат озодии дину эътиқодро кафолат медиҳад, вале ин маънои онро надорад, ки давлат хусусияти дунявии худро гум кунад, баръакс арзишҳои динӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳими фарҳанг шинохта шуда, аз тарафи давлат барои инкишофи арзишҳои динии суннатӣ шароиту имкониятҳои нав муҳайё карда мешавад. Бо ҳамин роҳ давлат шаҳрвандони худро аз зуҳуротҳои идеологии экстремистӣ ҳимоя намуда фазои поку ноолудаи шуури динӣ, маърифати динӣ ва дигар намудҳои гуногунақидагиро таъмин месозад. Аммо сотсиологҳо ва фарҳангшиносон ба хулосае омаданд, ки маърифати динӣ агар дуруст омӯхта ва истифода бурда шавад, ин заминаи устувори инкишофи давлатӣ мегардад.

Бояд иқрор шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои пайрави динӣ мубини ислом мартабаи хеле баландро доро аст ва ба арзишҳои дини мубини ислом арҷгузории баланд менамояд. Мисоли барҷастаи он бо супориши

---

[*] *Асламов Б.С.* – сардори кафедраи Назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия.

[**] *Абдуллоев Т.Ҳ.* – муаллим-методисти Шӯъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия.

[98] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. 2003. С.12

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тарҷума ва нашри китоби муқаддаси мусулмонон «Қуръон» ободу тармима оромгоҳи Мир-Саид Алии Ҳамадонӣ, зиёд намудани шумораи зиёратгарон ба ҷойҳои муқаддаси ҷаҳони ислом ва ғайра, мебошанд.

Яке аз икдомҳои навбатии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ин соли 2009-ро эълон намудани соли бузургдошти яке аз фақеҳони барҷастаи дини мубини ислом Имоми Аъзам Абӯҳанифа мебошад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон пайрави ин мазҳаби ҳанафӣ (аз номи асосгузораш) мебошанд.

Ба ақидаи таткиқотчии қазоқ Онлашева Ж.О[99] давлати дунявӣ бояд хусусияти дунявии худро нигоҳ дорад, хизматчии давлатӣ инро бояд нигох дорад, лекин ҷудо будани давлат аз дин ин маънои инкор кардани онро надорад. Шахсияти Имоми Аъзам Абӯҳанифа на танҳо дар ҷаҳони ислом, балки дар илми этика маълуму равшан аст. Дар илми этика тамоми андешаҳои ахлоқии ин донишманди ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Андеша ва афкори ахлоқии Имоми Аъзам Абӯҳанифа на танҳо барои мусулмон, балки барои тамоми аҳли башар хизмат менамояд. А.Муҳамадхоҷаев дар мақолаи худ «таҳамулпазирӣ (мадоро) дар мазҳаби Абӯҳанифа» менависад; «Аз аёми ҷавонӣ Имоми Аъзам ба омӯзиши улуми замонаш мепардозад. Албатта қабл аз ҳама вай Куръону ҳадис ва мувофиқи талаботи таълимӣ ҳамонвақта ба аз бар кардани сарфу навҳ, илми тиб, илми усул, илми мунозира, фалсафа ва одоб оғоз мекунад.»[100]

Чи тавре, ки ба назар мерасад, Имоми Аъзам дар баробари дигар илмҳо илми этикаро низ ҳанӯз дар ҷавонӣ аз худ намуда будааст. Дар бораи андешаҳои ахлоқии Имоми Аъзам сарчашмаҳои гуногун маълумот медиҳанд, ки ҳатто пайравони дигар мазҳабҳои сунӣ аз ҷумла Имом Шофеъӣ ва Имом Малик низ дар имон ва ахлоқи исломӣ ва инсонӣ устувории ӯро таъкид кардаанд, аз ҷумла изҳори назарест, ки «Имом Шофеъӣ мефармоянд»;

---

[99] Ниг.: Ҳаёт ва қонун / Маҷаллаи назариявӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ. № 1. 2004. С.67-71.

[100] Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ. Душанбе. 2009. С.18-25.

- Як бор аз Имом Молик пурсида шуд;

- Оё Имом Абӯҳанифа (Рахматуллои алайҳ)-ро дидаӣ?

Гуфт; - Оре, чунин марде буд, ки агар бо ту дар маврини ин сутун сӯҳбат мекард, ки ин тиллоӣ аст, албатта бо ҳуҷҷат собит мекард.

Имом Шофеъӣ мефармояд: «Мардум ҳамагӣ дар фиқҳ айёли Имом Абӯҳанифа (Раҳматуллои алайҳ) анд»[101].

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи «Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо» саҳми Имоми Аъзам Абӯҳанифаро дар этикаи таҳаммулпазирӣ хеле бузург ҳисобида менависад: «Ӯ мазҳаби фиқҳиеро поягузорӣ намуд, ки рафъи низои тамаддунҳо дар чорчӯбаи шаръии инкишофи тамаддуни умумиисломӣ осон гардонд. Маҳз таҳаммулпазирии мазҳаби ҳанафӣ нисбат ба гуногуншаклии фарҳангҳо ва тамаддунҳо халқҳои зиёдеро дар чорчӯбаи ислом нигоҳ дошта қаламрави нуфузи онро васеъ намуд »[102].

Афкори ахлоқии Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар этикаи амалии ин имоми машҳур ба назар мерасид, ки борҳо аз тарафи муҳаққиқон тадқиқ ва баррасӣ гаштааст. Соли 2009-эълон шудани соли бузургдошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри боз ҳам чуқуртар омӯхтан ва ба ҳамагон пешниҳоди афкори ҳуқуқӣ ва ахлоқии ин донишманд роҳи нав кушод. Дар конфронси ҷумҳуриявии соли бузургдошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки олимону зиёиён осори Имоми Аъзам Абӯҳанифа, яъне, ҳам осори ҳуқуқӣ, фалсафӣ ва ахлоқии вайро ба таври оммафаҳм бо забони шевои тоҷикӣ пешниҳод намоянд, ки мардуми тоҷик ба маънавиёти хеш, ки асоси пойдории миллат аст аз наздик ошноӣ пайдо намоянд. Вақте, ки ба афкори ахлоқии Имоми Аъзам Абӯҳанифа бо андеша назар меандӯзем, эҳсос менамоем, ки ин марди бузург ҳар як қадаму рафтораш намунаи беҳтари ахлоқи нек аст. Васлии Самарқандӣ дар «Алкалому-л-афҳам фи маноқиби Имоми Аъзам» менависад, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа ба дараҷае хоксор, суфӣ ва гӯшашин буданд, ки вай дар аввал ҳатто

---

[101] Ниг.пурра: *Ҳамроҳ Р., Наққош И.* Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам. Душанбе. 2008. С.77-78.

[102] *Эмомалӣ Раҳмон*. Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамадунҳо / Қонун ва ҷомеа. № 3. 2009. С.2.

мардумро ба мазҳаби худ даъват намекарданд ва ба ногоҳ Пайғамбар алайҳи саламро хоб мебинад, ки аз ӯ даъват мееоранд, ки худо шуморо барои равнақи суннаҳои ман офаридааст, аз гӯшанишинӣ даст кашед ва мардумро ба мазҳаби худ ҷалб намоед.

Маҳз ин хоби Имоми Аъзам Абӯҳанифа боиси он гашт, ки ӯ маҳзаби хешро дар байни халқ тарғиб кунад ва тарафдорони зиёде пайдо намояд. Имрӯз дар саросари олам, низ аксари мусулмонон дар кишварҳои гуногун пайрави маҳзаби Ҳанафӣ мебошанд, ки ин боиси ифтихор ва сарбаландии мост.

Яке аз сифатҳои баланди Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар он буд, ки танҳо аз меҳнати дастранҷи худ зиндагӣ мекард. Имоми Аъзам дар овони ҷавонӣ ба савдо машғул буд ва рӯзе ҳазрати Имоми Шаъбӣ дар бозор бо ӯ вохӯрда даъват ба сӯи илм менамояд ва пешгуӣ мекунад, ки оянда олими бузург ва ориф хоҳӣ гашт. Ин сабаб шуд, ки Имоми Аъзам савдоро тарк кард ва дар роҳи илм қадам ниҳод. Пешгӯии Имоми Шаъбӣ рост баромад ва дар ҳақиқат Имоми Аъзам ориф ва олими бузург гашт. Вай дар аввал илми каломро[103] аз худ менамояд ва баъд аз калом дурӣ ҷуста, ба омӯзиши илмҳои тафсир, ҳадис, шеър ва этика мепайвандад.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа на танҳо дар гуфтор, балки дар кирдораш пaҳрезгор буд ба чизҳои бемаврид гӯш намедод, доимо фикр мекард кӯтоҳбаён буд.

Дар васиятҳои Имоми Аъзам асосан ба шогирдонаш Абӯюсуф Яъқуб, Ибни Иброҳими Ансорӣ, Ҳомид Ибни Самтии Басрӣ асосан афкори ахлоқии ӯ пешниҳод шудааст.

Ин васиятҳои ахлоқӣ аз тарафи Равшани Ҳамроҳ ва Иброҳими Наққош гирд оварда шудаанд, ки мухтасари онҳоро баён менамоем:

- Ба ҳокими вақт эҳтиром бигзор ва шахсияташро бузург шумор ва дар мазҳари ӯ аз дурӯғгуӣ бипарҳез;
- Ҳеҷ гоҳ назди ҳокими вақт пурҳарфӣ макун;

---

[103] Калом - фалсафаи дини ислом буда, асри VIII пайдо шудааст. Асосгузори он Муҳаммад Ғаззолӣ (1058-1111) мебошад (муаллифон ).

- Ҳокими вақт вазифаеро ба ту пешниҳод намояд, ки аз ӯҳдааш набароӣ қабул макун, ки ба ту зиён меорад, агар бо ҳокимон ҳамдил набошӣ;

- Бо бачаҳои рӯ ба булуғ гуфтугӯ макун, зеро онҳо фитна ҳастанд;

- Ҳеҷ гоҳ ба сари роҳ манишин ва чунон маҷбур шудӣ, берун аз манзилат нишин, дар масҷид нишин;

- Ҳеҷ гоҳ абрешим ва дигар порчаҳои қиммат напӯш ва зеварот истеъмол макун, чунки истеъмоли ингуна чизҳо туро ноздона бор меоварад ва ба такоббур вомеорад;

- Дар ҳузури зан аз заифҳои дигар сӯҳбат макун, ки бо ту бетакалуф шуда, ӯ низ аз мардони бегона сӯҳбат менамояд;

- Мабодо бо ҳамсарат дар хонаи падари зан зиндагӣ кунӣ, ки молатро тассаруф хоҳанд кард, доимо чашми тамаъ ба дастоварди ту хоҳанд дӯхт ва ҳамсарат мутобиқи майлу ахлоқи ту бо ту рафтор нахоҳад кард;

- То замон, ки мутмаъин нашудаӣ, ки метавонӣ аз ӯҳдаи тамоми мушкилоти зиндагӣ бароӣ, издивоҷ макун;

- Дар ҷавонӣ, ки хотират ором аст, илм биомӯз. Аз роҳи ҳалол мол ҷамъ кун, онгоҳ издивоҷ кун;

- Пайваста тақво пеша кун ва амонатро ба соҳибаш боз гардон;

- Мардумро ҳақир машмор ва ба онҳо эҳтиром бигзор, лекин бо онҳо аз зиёд махлут машав;

- Агар даҳ сол ҳам бидуни касбу қут монӣ. Аз илм рӯй магардон, чунки илм зикри Худост;

- Ба шогирдонат чунон мушфиқона рафтон кун, ки гӯё ҳар як аз ононро фарзанди худат медонӣ, зеро ин амр рағбату алоқаи онҳоро ба илм бештар хоҳад кард;

- Агар шахси оммӣ ва бозорӣ бо ту мубоҳисаву мунозира кард, бо вай мубоҳиса макун, ки обрӯи туро мебарад;

- Ҳангоми баён кардани ҳақ аз ҳеҷ кас парво макун ва агар чанде, ки султону ҳокими вақт бошад;

- Агар дар шаҳр ё минтақае сукунат доштӣ, ки дар он ғайр аз ту уламои дигаре низ вуҷуд дошт, худатро яккатози майдон ҷилва мадеҳ, боиси ҳаммонанди як фарде аз онон зиндагӣ ихтиёр кун, ки ту қасди ақиб задани онон ва ибрози шахсияти худро надорӣ уламову машоих бештар бирав;

- Бо ҳавопарастон нишасту бархост макун, магар ин, ки хоста бошӣ онҳоро ба сӯи дин ва сирати мустақим даъват кунӣ;

- Аз лаънат фиристодани бисёр ва дашномтирозӣ парҳез кун;

- Чунончи айберо аз ҳамсояаат мушоҳида кардӣ, онро бипӯш зеро, ки ин ба манзалаи амонат назди ту, ва асрори мардумро фош макун;

- На пуртамаъ бош ва на дурӯғгӯ ва накасе, ки ҳарфаш мардумро парешон кунад, балки дар тамоми корҳо мурувват муроот кун;

- Қалбан ҳамеша ғанӣ бош. Аз худ ҳирсу рақбати камтаре ба дунё нишон бидеҳ;

- Ҳиммати баланд дошта бош. Чун касе, ки ҳимматаш заиф бошад, ҳамеша заминро нигоҳ кун;

- Мабодо дар маҷлиси илм аз хашму ғазаб кор бигирӣ;

- Қиссагӯиву достонсарой макун, чунки достонсаро ғолибан маҷбур аст дурӯғ бигуяд;

- Ту қадри ҳар касро бишнос;

- Мардуми шарифу бошахсиятро азиз бидор;

- Уламоро таъзим кун;

- Ба мардуми овом наздик шав;

- Синаи форох ва ахлоқи хуш дошта бош;

- Либоси нав бипӯш;

- Атру хушбӯй зиёд истеъмол кун[104]

ва дигар андарзҳои муфиди ахлоқӣ, ки тадқиқоти мазкур имконият намедиҳад, ки ҳамаи онро баён намоем. Вале қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳақиқат Имоми Аъзам на танҳо олими фиқҳ, балки олими ахлоқ низ буданд. Ба гуфтаи дотсент Боймурод Шарифзода – «Шарҳи ҳоли Имоми Аъзам ҳикоят аз он дорад, ки ӯ бештар ба улуми ақлӣ ба мантиқӣ сару кор дошт ва табиист, ки як нафар фақеҳи улуми шаръӣ, ки пайваста ба таълиму тадрис сару кор дорад, мазоли узлату мурақоба ва риёзату дигар амалҳоеро,ки соликони роҳи тариқат барои расидан ба ҳақ мекунанд, надошт.·

Аммо гуфтору кирдори ҳасанаи ӯ чун намунаи олии сифатҳои ботинии як нафар инсони комил ва ҳамчунин роҳу андеша ба муҳокимаю хулосаҳои мантиқию инсондӯстонааш

---

104 *Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош*. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам. Душанбе. 2008. С.87- 118.

гувоҳӣ аз машраби софи суфиён баҳрвор буданаш мекунад».[105]

Вақте, ки ба мероси Имоми Аъзам назар меафканем, он гоҳ чунин ба назар мерасад, ки ҳатто таълимотҳои ҳуқуқии он бештар ҷанбаи ахлоқӣ доранд.

Сарчашмаҳо дарак медиҳад, ки худи калимаи Ҳаниф «ироқӣ» ҳамчун қалам фаҳмида мешавад. Абӯҳанифа падари қалам маънидод карда мешавад. Имоми Аъзам ҳақиқат падари қалами ахлоқи некӣ башарӣ будаанд.

Имом Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» менависанд, ки асосгузорони мазҳаби суннӣ аз афкори Имоми Аъзам маълумоти хубе доштааст.

Ӯ шахсияти Абӯҳанифаро аз ҷумлаи «сангарнишинони тақво соликони маъно»[106] номидаанд.

Дар бораи ба аҳли тассавуф пайвастани Имоми Аъзам дар байни олимон андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Чӣ тавре, ки ишора кардем ӯ ҳам ба кораш ва ҳам ба тассаввуф ошноӣ дошт, вале бештар ба илми фиқҳ шуғл меварзид. Имоми Аъзам ба ҳамаи уламои аҳли калом ва тассаввуф эҳтироми бениҳоят бузург мегузошт ва амалияи тариқати тасаввуфро ин роҳои пок ва ноолудаи расидан ба ҳақиқати илоҳӣ мешуморид. Дар баробари ин ҳам дар калом ва ҳам дар тасаввуф ӯ ахлоқи инсониро аввалиндараҷа мешуморид.

Имоми Аъзам ҳамчун шахсияти ориф таассубро намеписандид ва имонро асоси ахлоқи исломӣ шуморида, бахшидани гуноҳоро яке аз талаботҳои ахлоқӣ номида, бо ин роҳ тарбияро дар инкишофи ахлоқии шахс пеш мегирад.

Тарбия, эҳсону карам ин амалияи ахлоқии Имоми Аъзам ба шумор мерафт.

Бузургвор ҳатто ба шогирдони худ, ки имконияти издивоҷ надоштанд, ёри расонида, онҳоро хонадор менамуд, ягон савол ва ягон ҳоҷатеро бе ҷавоб намегузошт. Аз нигоҳи эстетикӣ низ Имоми Аъзам бо пӯшидани либосҳои зебо, истифодаи атр, хӯшбӯйҳо, димо кӯлоҳи дарози сиёҳ пӯшиданро хело бонизом риоя мекарданд.

Ҷиҳати баёни нутқ, низ Имоми Аъзам ба тамоми талаботҳои эстетикӣ қироати Қуръон риоя менамуд, аз ҳар олу-

---

[105] *Шарифзода Б.* Имоми Аъзам ва мақоми ӯ дар олами маънавиёти шарқ / Хуқуқшинос. № 27 (38). 2009. С.17.
[106] *Ғаззолӣ А.М.* Кимиёи Саодат. Душанбе .2008. С.233.

дагӣ пок буд ва ин санъати суханро аз устодаш Имом Осим омӯхта буд.

Имоми Аъзам дорои чеҳраи зебо, қадбаланд, гандумгун, либосҳои нав ба бар карда, атри зиёд истифода мекард.

